ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД:**336.714+332.1(043)/575.3**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ДИССЕРТАТСИЯ

ҚАЛАНДАРОВ ИЛҲОМҶОН ЭМОМНАЗАРОВИЧ

ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОРИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси

5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ,

профессор Тошматов Маҳмуд Негматович

ДУШАНБЕ - 2026

МУНДАРИҶА **саҳ**

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ **3**

МУҚАДДИМА..... **4**

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯГУЗОРИҲО БАРОИ РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОР…… **14**

1.1. Ҷанбаҳои назариявии масоили сармоягузорӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодӣ..... 14

1.2. Фазои сармоягузорӣ ва омилҳои таъсиркунандаи он барои баландбардории самаранокии хоҷагиҳои пахтакор. 29

1.3 Асосҳои услубии баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор…….. 49

БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИСТИФОДАИ САРМОЯҲО ДАР ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОРИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН….. **68**

2.1. Таҳлили динамикаи рушди хоҷагиҳои пахтакор..... 68

2.2. Баҳодиҳии рушд ва рақобатпазирии хоҷагиҳои пахтакор. 96

2.3. Низоми идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои пархтакор .....…… 111

БОБИ 3. ИМКОНОТИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОРИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН…… **134**

3.1. Самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти зарароварии хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон…….. 134

3.2. Мувофиқсозии равандҳои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон..... 149

3.3. Такмили идораи фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон..... 161

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО**.....** **178**

РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА..... **186**

ФЕҲРИСТИ АКРЕНИМҲО ВА ИХТИСОРАҲО

АМОҶТ	Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВХ	Вилояти Хатлон
КОА	Комиссияи олии аттестатсионӣ
ММД	Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
ММИ	Маҷмуи маҳсулоти истеҳсол
ИМА	Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
ИҶШС	Иттиҳоди ҷумҳуриҳои Шуравии сотсиалистӣ
МММ	Маҷмуи маҳсулоти минтақа
СММ	Созмони Миллали Муттаҳид
СМР	Стратегияи миллии рушд
ХД	Хоҷагиҳои деҳқонӣ
ҲҶТ	Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КА ҶТ	Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҶТ	Ҷумҳурии Тоҷикистон
IRR	(англ.Internal Rate of Return) Меъёри дохилии даромад
ROI	(англ.Return On Investments) Даромаднокии сармоягузорӣ
NPV	(англ. Net present value), Арзиши тозаи овардашуда
PBP	**(**англ. Peybak Periop) Замони баргашти сармоя
PI	(англ.Profitability Index) Индекси даромаднокӣ
IR	(англ.Investor Relations) Муносибатҳои сармоягузорон:
%	фоиз
га.	гектар
ҳаз.	ҳазор
млн.	миллион
млрд.	миллиард

МУҚАДДИМА

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот. Мақсади муҳими таҳаввулоте, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт татбиқ шуда истодааст, фароҳамсозии рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин восита баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат ба ҳисоб меравад. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои мухталифи меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардидааст, ки ҳавасмандкунии истеҳсолкунандагон, ҷолибнокии сармоягузорӣ ва рушди инноватсионии мамлакатро таъмин менамояд. Дар доираи ислоҳоти амалишудаистода истифодаи самараноки фишангҳои танзими давлатии иқтисодиёт дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, чунончӣ, дар соҳаи пахтакории кишоварзӣ, ҷойгоҳи асосӣ дорад, зеро соҳаи мазкур дар ҳалли яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат – таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо ғизои хушсифат нақши ҳалкунанда мебозад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20-уми январи соли 2016 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд: «... яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ соҳаи кишоварзӣ буда, рушди он солҳои охир дар сатҳи устувор қарор дорад. Мо шароити бисёр мусоиди табиӣ ва захираву имкониятҳои зарурие дорем, ки дар сурати истифодаи пурра ва самараноки онҳо метавонем аҳолии кишварро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин кунем, яъне масъалаи озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои миллиамонро ҳал намоем» [37].

Дар «Стратегияи миллии рушди (СМР) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 яке аз афзалиятҳои махсус дар бахши воқеии иқтисодиёт» [36, с. 14-15]. «... тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровонии маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар» [36, с. 14-15]. ба ҳисоб меравад. Дар ҳалли масъалаи мазкур сармоягузорӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Дар ҳақиқат яке аз масирҳои муҳими сиёсати аграрии вилояти Хатлон ин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ мебошад, ки ба ин

васила рушди истеҳсолотро дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуда, барои татбиқи тадбирҳои мушаххас оид ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва афзоиши ҷолибнокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ заминаи муҳимро таъмин месозад. Сармоягузорӣ дар шароити муосир воситаи муҳимтарини таъмини рушди мунтазам ва босуръати соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Яке аз бахшҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ пахтакорӣ буда, дар таъмини рушди соҳаи мазкур нақши муҳим дорад. Пахта яке аз маҳсулотҳои содиротии ҷумҳурӣ ва ҳамчун ашёи хом барои саноати сабук ва зироати равғандеҳ ба ҳисоб рафта, майдони кишти он сол то сол зиёд карда мешавад.

Пас аз гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти бозорӣ ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо коҳиш ёфт, ки барои рушди соҳаи мазкур мушкилот эҷод намуд. Дар солҳои охир бо вуҷуди беҳтар шудани рушди соҳаи кишоварзӣ, дар самти сармоягузории соҳаи мазкур то ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондааст, ба монанди:

- баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, дар натиҷа шур гардидани замин ва аз истеҳсолоти кишоварзӣ баромадани майдонҳои кишти пахта;

- норасогии техника ва таҷҳизот барои парвариш ва ҷамъоварии ҳосили пахтаи киштшуда коркард, нигоҳдорӣ ва кашондани он, ки ин рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, аз ҷумла соҳаи пахтакориро паст мекунад;

- сатҳи пасти тараққиёти соҳаи парвариш ва истеҳсоли пахта. Дар натиҷаи нарасидани кадрҳои баландихтисос, замини кишт на ба дасти деҳқони асил, балки ба ихтиёри шахсони ғайритахассусӣ мегузарад;

- дараҷаи пасти инкишофи инфрасохтори бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дастрасии хоҷагидоронро ба захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва мениралию органикӣ мушкил месозад;

- ноустувории молиявии соҳаи пахтакорӣ бинобар норасогии дастгирӣ ва сармоягузорӣ. Махсусан, дар шароити имрӯза дар минтақа хоҷагиҳои пахтакор дар самтҳои гуногуни истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, ки тамоюли афзоиши миқдориро касб намудааст;

- вобастагӣ аз воридот – маҳсулотҳои зиёдеро метавон аз пахта истеҳсол намуд, аз хориҷа ба бозори дохили ворид мегардад, ин метавонад талаботро ба маҳсулоти ватани коста гардонида ба рақобатпазирии он таъсири манфи мерасонад.

Аз ҳамин нуқтаи назар барои ҳалли муаммоҳои зикргардида, афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ бо назардошти муҳайё намудани шароити мусоиди сармоягузорӣ хелле муҳим арзёбӣ мегардад. Зиёд намудани ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ ва ба ин васила тезонидани ҷараёнҳои сармоягузорӣ аз муҳити сармоягузорӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, шароити муосири иқтисодиёти Вилояти Хатлонро ба назар гирифта, зарурати омӯзиши асосҳои назариявию методологии хусусиятҳои истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар рушди хоҷагиҳои пахтакор ҳамчун соҳаи афзалиятноки бахши кишоварзӣ барои сармоягузории самаранок ба миён омадааст, ки он мубрамияти мавзуи диссертатсияи мазкур, ҳадаф, вазифаҳо ва сохтори онро муайян менамояд.

Дараҷаи омӯзиши илмии масъала. Як қатор муҳаққиқони хориҷӣ ба монанди А.Г. Багатырев, [53] У. Шарп, [90] Ҷ.М. Кейнс, [69,70] иқтисодчии австрягӣ И. Шумпетер [91] ва дигарон масъалаи сармоягузорӣ ва самаранокии онро дар асарҳои худ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Масъалаи сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки он дар асарҳои илмии як қатор олимони иқтисодчии рус, ба монанди И.А. Бланк, [56] А.Б. Борисов, [57] А.В. Гордеев, [61] А.В. Меньшенина, [52] И.А. Минаков, [76] В.В. Шеремет, [87] иқтисодчии амрикоӣ Г. Александер, [90] В.Е. Афонина, [64] И.Н. Буздалов, [64] иқтисодчии исроил-амрикоӣ Фишер Стэнли, [88] молияшиноси амрикоӣ Р. Дорнбуш, [88] ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Баъзе паҳлуҳои масъалаи истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар рушди иқтисодиёт, аз он ҷумла дар бахши кишоварзӣ, дар асарҳои илмии муҳаққиқони тоҷик, ба мисли: З.Р. Шарифов, [92] Мирсаидов А.Б [106] А.А. Мустафаев, [108] Мадаминов А.А., Исломов Г.Х. [103] Н.Қ. Қаюмов, [99] Р.К. Раҳимов, [110] В.А. Розиқов, Ш.М. Раҳимов, С.Г. Сафаров, [111] Х.М. Саидмуродов, [113] С. Дж.

Комилов, [78,100] М.Н. Тошматов, [116] Ҷ.Х. Тағоев [124] ва дигарон инъикос гардидааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ. Таҳқиқоти анҷомшуда бо муқаррароти барномаи дарозмуҳлати «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бораи давраи то соли 2030» [36]. «Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» [27]. «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» [29]. «Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040» [33]. ва инчунин дигар барномаҳои соҳавӣ, ки ба масъалаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ бахшида шудаанд, марбут мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ. Асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба ҷалб ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоя дар хоҷагиҳои пахтакории вилояти Хатлон ба шумор меравад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади диссертатсияи таҳқиқшаванда ҳалли вазифаҳои зерин талаб карда мешавад:

- омӯзиши ҷиҳатҳои илмӣ-методологии сармоя-сармоягузорӣ ва аҳамияти онро дар рушди соҳаи пахтакорӣ;

- омӯзиши шароити сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор ва мушаххас намудани омилҳои таъсиррасонада;

- таҳлили усулҳои баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор;

- таҳлили арзёбии рушд ва баҳодиҳии рақобатпазирии хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон;

- баҳодиҳии ҳолати муосири низоми идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон;

- муайян кардани самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти зарароварии хоҷагиҳои пахтакори минтақа;

- муайян намудани самтҳои такмили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ. Ҷараёни сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ташкил медиҳад.

Мавзуи таҳқиқот. Маҷмуи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар раванди сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меояд.

Фарзияи таҳқиқот ба муқаррароте асос меёбад, ки рушди босуръати соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои асосии рушди ҷумҳурӣ ба шумор рафта, дар таъмини рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим дорад. Дар навбати худ, рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ аз баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ вобастагии қатъӣ дорад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои назарияҳои сармоягузорӣ, баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

Асосҳои методологии таҳқиқотро таҳқиқот ва пажуҳишҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ, усулҳои мавҷудаи баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, барномаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ оид ба сармоягузорӣ ва инчунин корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон ташкил медиҳад.

Усулҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда усулҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шуданд: таҳлили нишондиҳандаҳои мутлақ, нисбӣ ва миёна, таҳлили индексӣ, қаторҳои динамикӣ, графикӣ, монографӣ, таҳлили омили детерминантӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, абстрактию мантиқӣ, таҳлили системавӣ (низомӣ), баҳодиҳии экспертӣ ва ғайра. Истифодаи усулҳои мазкур илман асоснок кардани баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, натиҷаҳои назариявию амалӣ, хулоса ва пешниҳодҳоро таъмин намудаанд.

Сарчашмаи маълумот. Диссертатсия дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Агентии омори назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзии ин вилоят, монографияҳо, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқоти мазкур, маводҳои шабакаҳои Интернет, нашрияҳои матбуоти даврӣ ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф таҳия шудааст.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Диссертатсия дар давоми солҳои 2008-2025 дар кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Дар асоснокунии тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодабарии он дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар раванди омӯзиш ба даст оварда шудаанд ва дорои хусусияти навгонӣ мебошанд, инҳо ба шумор мераванд:

- дар асоси омӯзиши адабиёти гуногуни хориҷӣ ва ватанӣ ҷанбаҳои назариявии масъалаи сармоя ва сармоягузорӣ таҳқиқ ва таснифи сармоягузорӣ аз рӯйи нишонаҳои гуногун аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардида, нақш ва аҳаммияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа ва мамлакат муайян карда шуда, чунин таърифи мафҳуми «сармоягузорӣ» аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст: **сармоягузорӣ - ин раванди ҷалби маҷмуи дороиҳо дар ҳудуди кишвар ё берун аз он, барои афзоиши истеҳсолот, навсозии технологӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ба ин васила таъмини амнияти озуқавори бо мақсади гирифтани фоида ё таъсири мусбии иҷтимоӣ, экологӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ мебошад**;

- фазои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон баҳогузорӣ карда шуда, сабабҳои асосие, ки ба муҳити сармоягузорӣ таъсири амиқ мерасонад мушаххас ва аз ҷиҳати илман асоснок карда шудааст аз ҷумла: омилҳои экологӣ-истеҳсолӣ; иқтисодӣ-молиявӣ; техникӣ-технологӣ; ташкилӣ-ҳуқуқӣ; системаи андоз-бонкӣ; сатҳи рушди инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ; ҳолати фондҳои асосӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ ва ғайра;

- ҳолати муосир ва динамикаи рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон таҳлил карда шуда, мушкилотҳои дар ин самт ҷойдошта муайян ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудааст. Роҳҳои ба рақобат тобоварии хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон баҳодиҳӣ гардида, омилҳои ба рақобатпазирии онҳо таъсиррасон мушаххас ва аз нуктаи назари илмӣ карда шудаанд;

- шароити муосири ҷараёни сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон арзёбӣ карда шуда, модели татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакорӣ коркард шудааст, ки он имконият медиҳад равиши оптималии баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ бо назардошти бахши мониторинг таъмин карда шавад;

- самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти зараровар дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон муайян карда шуда, самтҳои мувофиқсозии равандҳои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори мазкур пешниҳод ва илман асоснок карда шуда, консепсияи алоқамандии корхонаҳои саноати сабук, ки ба коркарди маҳсулоти пахтаги машғул мебошанд, таҳия гардидааст. Модели самаранокии таъминоти моддӣю техникии хоҷагиҳои пархтакории вилояти Хатлон таҳия гардидааст, ки имкон медиҳад рушди мунтазами хоҷагиҳои мазкур таъмин карда шавад;

- самтҳои такмили раванди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон муайян ва илман асоснок карда шуда, усули давра ба давра баҳодиҳии татбиқи сармоягузорӣ бо иштироки давлат ва бахши хусусӣ, бо назардошти нишондиҳандаҳои самаранокӣ, навоварӣ ва хавф пешниҳод гардидааст, ки татбиқи амалии он метавонад дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои пахтакорӣ таъсири мусбат расонад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- ҷанбаҳои назариявии мафҳуми сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакории кишоварзӣ дар асоси механизми фаъолияти сармоягузорӣ;

- муҳимияти иқтисодии сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор дар натиҷаи амали гардиданӣ шартномаҳои шарикии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакории кишоварзӣ дар сатҳи иқтисодиёти вилояти Хатлон;

- консепсияи рақобатпазирии иқтисодиёти соҳаи кишоварзии минтақаи Хатлон дар асоси истифодаи самараноки сармоягузориҳо, инчунин роҳҳо ва омилҳои беҳтарсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ дар минтақаи Хатлон дар алоқаманди бо сабабҳои умумиҷаҳонӣ (институтсионалӣ);

- усулҳои асосии истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ва самтҳои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқотро маҷмуи муқаррароти методие ташкил менамояд, ки заминаи рушди фаъолияти сармоягузориро дар соҳаҳои кишоварзӣ ташкил медиҳад. Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки асосҳои назариявии дар таҳқиқот ҷойдошта, тавсияҳои методӣ ва амалии таҳиягардида, хулосаҳо ва пешниҳоди дарҷгардида, аз ҷониби субъектҳои соҳаи кишоварзӣ ҳангоми ҷалби сармоягузорӣ метавонад истифода шаванд. Ҷиҳатҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда барои афзун намудани ҳаҷми сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи он дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар ҷараёни таълими фанҳои «Таҳлили сармоягузориҳо», «Сармоягузорӣ», «Идоракунии лоиҳаҳо», «Иқтисодиёти кишоварзӣ» ва ғайра барои ихтисосҳои иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Асоснокии илмии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида аз он далолат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро вобаста ба фаъолияти сармоягузорӣ эҷодкорона истифода кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои иқтисодии таҳлил ва ба таври васеъ истифода гардида, хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъбасти корҳои анҷомдодашуда, истифодаи маълумоти дақиқ тавассути татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ҷамъбаст карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтанд, ки эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ мекунад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.6 Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат менамояд: 1.Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ; 4.Вижагиҳои равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ ва заминӣ, фаъолияти инвеститсионӣ, маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ; 29.Фаъолияти сармоягузории корхонаҳои (хоҷагиҳои) комплекси агросаноатӣ; 49.Ҳавасмандии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи чорводорӣ; 50.Ҳавасмандии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи растанипарварӣ; 64. Сармоягузорӣ ва рушди низоми экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ..

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Тамоми давраҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла, интихоб, асосноккунӣ ва мубрамияти мавзуъ, муайян кардани ҳадафи таҳқиқот ва вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона доир ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, самтҳои такмили фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ, тавсияҳои методӣ ва амалиро пешниҳод кардааст

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтааст. Натиҷаҳои назариявӣ-методологие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидааст. Муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мунтазам мавриди муҳокима қарор доштанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 21 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 7,6 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 14 мақолаи илмӣ дар

маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба чоп расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 200 саҳифаи компютерӣ баён гардида, дорои 20 расм ва 38 ҷадвал мебошад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯГУЗОРИҲО БАРОИ РУШДӢ ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОР

1.1. Ҷанбаҳои назариявии масоили сармоягузорӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодӣ

Сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозоргони яке аз омилҳои асосии устуворii иқтисодӣ ва рушди бахши иқтисодиёти воқеъи ва умуман соҳаҳои хоҷагии халқ ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни аз навистӗҳсоли васеъ мусоидат мекунад. Фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ барои ҳалли босуръати масъалаҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар бахши кишоварзии иқтисоди кишвар ё минтақа заминаи асосӣ мегузорад. Сармоягузорӣ дар раванди такрористеҳсолкунӣ ва таҷдиди фондҳои асосии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ митақа нақши асосиро мебозад.

Фаъолияти сармоягузорӣ омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат мебошад. Ҳар як мамлакат дар алоҳидагӣ ва дар умум дар сатҳи байналмилалӣ ба нақши назарраси сармоягузорӣ доимо аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

Бо назардошити омӯзиши ҷанбаҳои илмӣ, наметавон эътироф кард, мо дарки илмии моҳияти иқтисодӣ ва ҳуқуқии сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дорем.

Сармоягузорӣ яке аз мафҳумҳои нисбатан нав дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ки ин мафҳум аз ғарб ворид шудааст.

Дар адабиётҳои иқтисодии ғарб мафҳуми «сармоягузорӣ» дар ду ҷабҳа: захира (сармояи арзишнок) ва гузоштан (хароҷот) барраси карда мешавад.

Сармоягузорӣ яке аз категорияҳои муҳими иқтисодиёти бозорӣ буда, дар рушди устуворӣ иқтисодиёти миллӣ алал хусус дар соҳаи пахтакорӣ нақши муҳимро мебозад. Аз ин лиҳоз баҳри афзоиши имконияти истеҳсолӣ мусоидад намуд, дар сатҳӣ кишвар ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ ба нақши назарраси сармоягузорӣ мунтазам диққат дода мешавад. Қабл аз муайянкунии таъсирӣ сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ба таври мустақим, ё дар алоҳидагӣ ба рушди

соҳибкорӣи хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор то чӣ андоза таъсири худро мерасонад, саравал мебояд ба таърих, моҳият ва мазмуни сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷараёни сармоягузорӣ ошно гардем, зеро имрӯзҳо байни олимони дохилию хориҷӣ баҳсҳои гуногун оид ба мафҳумҳои мазкур вуҷуд дорад. Мафҳуми «сармоягузорӣ» хеле васеъ буда, дар адабиётҳои иқтисодӣ ин ҳам ба манои васеъ ва ҳам ба маънои маҳдуд истифода мешавад. Мафҳуми сармоягузорӣ аз лаҳзаи фурӯши мол ва муносибатҳои пулие, ки мақсади асосии онҳо ба даст овардани фоидаи муайян дар лаҳзаи муайяни вақт мебошад ба миён омадааст.

Таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми сармоягузорӣ якранг набуда, бо шаклҳои зиёд оварда шудааст, ки моҳияти онро якхел муайян кардан хеле душвор аст. Дар бахшҳои гуногуни илми иқтисод, инчунин дар робита ба соҳаҳои татбиқи онҳо маъноҳои гуногун дода мешавад.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ то солҳои 80-уми асри XX истилоҳи «сармоягузорӣ» барои таҳлили равандҳои барқарорсозии иҷтимоӣ-иқтисодӣ амалан истифода намешуд. «... Дар адабиёти иқтисодии ватанию хориҷӣ мафҳуми сармоягузорӣ то солҳои 90-уми асри XX ҳамчун синоними гузоштани сармоя истифода мешуд, ки ҳамаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулие, ки барои такрористеҳсоли фондҳои асоси равона шуда буд дар бар мегирифт» [52].

Дар чорчубаи низоми мутамаркази банақшагири мафҳуми умумии зерин истифода мешуд: «... маблағгузорӣ ин маҷмуи воситаҳои молиявие, ки ба навсозӣ ва барқароркунӣ, таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои истеҳсолӣ (сармоягузорӣ ба соҳаи истеҳсолот), барои сохтумони манзил ва сохтумонҳои маишӣ-маданӣ (сармоягузорӣ ба соҳаи ғайри истеҳсоли) харҷ мешавад фаҳмида мешавад» [52].

Истилоҳи ««Сармоягузорӣ» аз забони лотинии *Investure (гузоштан (облачать))* гирифта шуда, дар назария ва амалияи иқтисодӣ ин мафҳум аз заббони англисии *to invest (ҳисса гузоштан)* омада аст. Ба маънои васеъаш мафҳуми сармоягузорӣ ин гузоштани сармоя бо мақсади зиёдшавӣ дар оянда қабул карда шудааст» [52].

Мундариҷаи мафҳуми сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба шумар меравад, ки метавонад бо якчанд нуктаҳо алоқаманд бошад.

Ҳамин тариқ А.Г. Богатуров навиштааст, «... ки дар шароити муосир таҳқиқи хусусиятҳои ҳуқуқии мафҳуми сармоягузорӣ мушкил аст, зеро дар адабиёти иқтисодӣ низ ҳамчун мушкилот оиди дарки мафҳуми мазкур ҷой дорад» [53].

Дуюм мувофиқи қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳифзи ҳуқуқии «... оид ба масъалаи мазкур низ мубтадо ҳаммаъно мебошад. Чихеле, ки маълум аст, дар натиҷа танзими ҳуқуқии сармоягузории мавҷуда метаонад қаноаткунанда дониста шавад» [71].

Истилоҳи сармоягузорӣ пеш аз ҳама ба мафҳумҳои иқтисодие доҳил мешавад, ки яке аз институтҳои муҳимтарини рушди фаъолияти хоҷагидории муосирро таҷассум менамояд.

Ҷадвали 1.1. - Нуқтаи назарияи олимони хорҷи оид ба моҳияти иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорӣ мафҳуми сармоягузори ва самаранокии истифодаи он.

№	Номи олим	Нуқтаи назар/ ақида	Мазмуни таъриф
1.	Ҷ.М. Кейнс [69]	Сармоягузориро ҳамчун арзиши афзуншавии ҷории моликияти сармоягузорӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолии давраи мазкур ба истеъмолот истифода бурда нашудааст маънидод намудааст	Ҷ.М. Кейнс механизми сармоягузориро ба алоқамандкунии байни сармоягузориҳо ва пасандозҳо шарщ додааст
2.	Маховскива Г.А., Кантор В.Г. [105]	Аз нуқтаи назари илмҳои иқтисодии ғарб сармоягузориро дар сатҳи микро ва макроиқтисод тавсиф менамоянд	Сармоягузорӣ ин ҷараёни қабули қарорҳои сармоягузорӣ дар сатҳи корхонаи мушахас ва ташкили сиёсати самарабахши сармоягузорӣ фаҳмида мешавад.
3.	Макконнелл К., Брю С., Экономикс. М. [73]	Дар бахши макроиқтисодӣ бошад сармоягузорӣ барои афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохили фаҳмида мешавад, яъне сармоягузорӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт равона карда шарҳ медиҳад	Аз нуқтаи назари макроиқтисодӣ сармоягузорӣ ба сиёсати давлатии сармоягузорӣ, сиёсати даромад ва шуғл бараси карда мешавад.
4.	Ю.А. Корчагин [65]	«Сармоягузорӣ-ин маблағгузори ба ягон лоиҳа бо мақсадҳои муайян ё гузоштани воситаҳо ба ин лоиҳа бо ҳамин мақсад на дар шакли пул, балки қоғазҳои қиматнок, захираҳои моддӣ, маънавӣ мебошад	Сармоягузорӣ на танҳо дар шакли пул, балки дигар воситаҳо низ баромад карда метавонад.

Идомаи ҷадвали 1.1.

5.	Мутахассисси франсузӣ Пиер Массе [74]	Сармоягузорӣ ин амалиёти мубодилае мебошад, ки барои қонеъ намудани талаботи имрӯза, нигаронида шудааст, то ки талаботи ояндаи сармоягузорро қонеъ намояд	Сармоягузорӣ ҳам ба ниёзҳои имрӯза ва ҳам барои баровардани эҳтиёҷот дар оянда низ баромад мекунад.
6.	Л.И. Абалкин [95]	Рушди устувор иқтисодиро бе сармоягузорӣ вуҷуд дошта наметавонад	Сармоягузорӣ рушди устувори иқтисодӣ ғайри имкон аст.
7.	Й. Шумпетер [91]	Муносибатҳои сармоягузорӣ дар низоми омилҳои истеҳсолии аввалия, ки аз ҷониби соҳибкорон, бо назардошти ҳадафҳои истифодабарии онҳо, вазъи тағйиёбанда, ки субъекти хоҷагидор фаъолона таъсир мерасонад, захираҳо, ки бе мавҷудияташон ин фаъолияти хоҷагидорӣ ғайриимкон аст, дар омӯзиши гуногун пайваст карда мешаванд, зоҳир мегардад	Ин раванд фаъолияти иқтисодиро имконпазир месозад ва ба рушди субектҳои хоҷагидор таъсири амиқи мусбат мерасонад.
8.	А.Р. Трубицин [94]	Й. Шумпетер фаъолнокии сармоягузории субъектҳои иқтисодӣ дар низоми фаъолияти хоҷагидории одамон дар робита бо мавкуфгузории талаботҳои ояндаашон бо назардошти афзоиши истеъмоли неъматҳо дар оянда ташаккул меёбад	Яъне сармоягузорӣ ба ниёзҳои дурнамои бозор ва рушди иқтисодӣ асос ёфтааст.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Оид мафҳуми сармоягузорӣ як қатор олимони дигар низ фикру мулоҳизаҳои худро чунин баён намудаанд:

Ҷадвали 1.2.-Нуқтаи назари гурӯҳи олимони хориҷӣ оид ба сармоягузорӣ, ҳамчун фоида ва дигар самараҳо, ҳамчун даромад дар оянда ва ҳамчун пасандоз ва афзоиши сармоя

№	Номи олим	Нуқтаи назар/ ақида	Мазмуни таъриф
Гурӯҳи 1. **Сармоягузорӣ чун ҷараёни гузоштани сармоя бо мақсади гирифтани фоида ва дигар самараҳо.**			
1.	Борисов, А. Б. [57]	Сармоягузорӣ- ин «воситаҳои пулӣ, пасандозҳои бонкии мақсаднок, пайҳо, саҳмия ва дигар қоғазҳои қиматнок, технология, мошин, таҷҳизот, иҷозатнома, арзишҳои зеҳнӣ мебошанд, ки бо мақсади гирифтани фоида (даромад) ва дастрасӣ ба самараи иҷтимоии мусбӣ ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намуди фаъолиятҳо гузошта мешаванд»	Сармоягузорӣ ин ҷараёни ҷалб ва истифодаи воситаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ мебошад, ки мақсади асосиаш ба даст овардани фоида мебошад..
2	Гордеев А. В. [61]	Сармоягузорӣ - ин равона намудани сармоя ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо мақсади нигоҳдорӣ ва афзун намудани он мебошад.	Сармоягузорӣ бо мақсади зиёд намудани сармоя мебошад.

Идомаи ҷадвали 1.2.

3	Минаков И. А. [76]	Сармоягузорӣ - ин гузоштани воситаҳои пулӣ (сармоя) бо мақсади гирифтани даромад (фоида) ё расидан ба самараи иҷтимоӣ мебошад.	Сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани фоида ё манфиати иҷтимои мебошад.
4	В. В. Шеремет [87]	Сармоя (захираҳои сармоягузорӣ) воситаҳои пулӣ, пасандозҳои пулии мақсаднок, пайҳо, саҳмия вадигар қоғазҳои қиматнок, технологияҳо, мошин,таҷҳизот, иҷозатнома, аз он ҷумла, ба тамғаҳои молӣ, қарзҳо, дилхоҳ моликияти дигар ё ҳуқуқҳои моликиятӣ, арзишҳои зеҳнӣ мебошанд, ки бо мақсади ба даст овардани фоида ё самараи иҷтимоию иқтисодии мусбӣ ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият гузошта мешаванд.	Ин маҷмуи захираҳои моддӣ ва ғайри моддӣ мебошад, ки барои ба даст овардани фоида ё самараи иҷтимоию иқтисодӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ ё соҳибкорӣ равона карда мешавад.
Гурӯҳи 2. **Сармоя чун қисми ҷараёни сармоягузорӣ, амалиётҳои ба даст овардани даромад дар оянда.**			
1	Бланк И. А. [56]	Ба маънои васеъ калимаи «сармоягузорӣ» маънии «имрӯз ҷудо шудан аз пулҳоро барои ба даст овардани маблағи зиёдтар дар оянда»- ро дорад. Бо ин раванд одатан ду омил – вақт ва хавф алоқаманданд. Пулҳоро дар ҳаҷми муайян имрӯз додан лозим аст. Мукофот бошад, агар ояд, дертар меояд ва бузургии он пешакӣ номуайян аст.	Сармоягузории корхона ин истифодаи сармоя барои ба даст овардани фоида ё дигар манфиатҳо мебошад.
2	Буздалов, И. Н. [64]	Таҳти сармоягузорӣ ба бахши аграрӣ мо саҳмгузории моддӣ ва ғайримоддӣро мефаҳмем, ки ба тағйиотҳои прогрессии низоми «инсон-истеҳсолот-прогресси илмию техникӣ-табиат» равона карда шуда самтҳо бо барқарорсозӣ ва беҳтар намудани омилҳои асосии истеҳсолот: замин, меҳнат, сармоя бо истифодаи иттилоот ва навовариҳо муайян карда мешаванд.	Ҳадаф баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот бо истифодаи иттилоот ва навовариҳо мебошад
3	Гитман Л. Дж. [60]	Сармоягузорӣ – ин дилхоҳ воситае мебошад, ки пулҳоро бо мақсади нигоҳ доштани арзиш ва (ё) таъмин намудани афзоиши мусбии даромад ҷойгир намудан мумкин аст.	Сармоягузорӣ воситаи муҳими молиявӣ барои афзоиш ва ҳифзи арзиши дороиҳо дар давраи дуру дароз ба ҳисоб меравад.
4	Фишер С.[88]	Сармоягузорӣ – ин хароҷотҳо барои ташкили иқтидорҳо оид ба истеҳсоли мошин, маблағгузории сохтмони манзилӣ ва саноатӣ мебошад.	Сармоягузорӣ бо мақсади ташкили иқтидори истеҳсолӣ мебошад.
Гурӯҳи 3. **Сармоягузорӣ чун хароҷот, пасандоз барои андӯхт ва афзоиши сармоя:**			
1	Кейнс Дж. М. [69]	Пасандоз ва сармоягузориҳо бояд байни ҳам баробар бошанд, зеро ҳар яки онҳо ба барзиёдии даромад нисбат ба истеъмолот баробар аст.	Баробарии байни пасандоз ва сармоягузорӣ барои таъмини тавозуни макроиқтисодӣ зарур аст.

Идомаи ҷадвали 1.2.

2	Макконел К. Р. [72]	Сармоягузорӣ – хароҷотҳо барои истеҳсол ва андӯхти воситаҳои истеҳсолот ва афзоиши захираҳои моддӣ мебошанд.	Сармоягузорӣ барои афзоиши иқтидори истеҳсолӣ мусоидат мекунад.
3	Долан, Э. Дж. Рынок[63]	Сармоягузорӣ – афзоиши ҳаҷми сармоя, ки дар низоми иқтисодӣ фаъолият мекунад.	Сармоягузорӣ ин афзоиши сармоя мебошад, ки бо роҳи афзоиши фоида мебошад

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Гурӯҳи аввали олимон (мисол Е.Ф. Борисов, П.И. Вахрин, А.В. Воринцовский) сармоягузорриро ҳамчун гузоштани сармоя шарҳ додаанд.

Гурӯҳи дуюми олимон (масалан У.Ф. Шарп, Г.Д. Александр, Дж.В. Бейли) «... мафҳуми сармоягузориро ҳамчун хароҷот ишора намудаанд, яъне сухан дар бараи хароҷоти воситаҳои имрӯза барои гирифтани манфиатҳо дар оянда маънидод намудаанд» [90].

Гурӯҳи сеюми олимон (мисол И.И. Иванов, А.Г.Ивансенко) сармоягузорӣ-ин равандӣ ба обектҳои фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда шарҳ додаанд.

Ҷадвали 1.3.-Нуқтаи назарияи олимони ватанӣ оид ба моҳияти иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорӣ мафҳуми сармоягузори ва самаранокии истифодаи он.

№	Номи олим	Нуқтаи назар/ ақида	Мазмуни таъриф
1	Қудратова Ф.Р. [119]	Сармоягузорӣ ҳамчун фишанги иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани даромад ё самараи мусбати иҷтимоӣ, ки дар афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилии соҳа мусоидат мекунад	Сармоягузори назорати иқтисодӣ барои ба дастоварданӣ
2	С.Ҷ. Комилов ва Ф.М. Ғафоров [100]	Сармоягузориҳо категорияи асосии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми иқтисодӣ нақши муҳимтаринро мебозанд ва чунин инъикос мегарданд: якум, чун гузоштани сармоя ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади афзоиши арзиши ибтидоӣ (дар шакли фоида), дуюм, чун мунсоибатҳои пулӣ (молиявӣ), ки байни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ дар раванди амалӣ намудани лоиҳаҳои гуногун (аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ, пудратчиён, бонкҳо, давлат) ба миён меоянд	Сармоягузорӣ ин гузоштани сармоя ба ягон фаъолият бо роҳи хариди қоғазҳои қиматнок бе восита аз ҷониби корхона бо мақсади гирифтани фоидаи иловагӣ ё таъсир ба фаъолияти корхона ё ширкат мебошад.
3	Розиев Д.А. [122]	Сармоягузорӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи иловагӣ аз ҳисоби гузоштани сармоя ба фаъолияти субъекти хоҷагидор	Сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани фоида мебошад.

Идомаи ҷадвали 1.3.

4	Тағоев Ҷ.Ҳ. [124]	Сармоягузорӣ ин гузориши сармоя ба фаъолияти соҳибкорӣ (дар ҳама гуна шаклҳои зуҳури он) ва ё ягон намуди дигари фаъолият (агар хилофи қонунҳо ва санадҳои қонунгузории амалкунандаи кишвар ва санадҳо байналмилалӣ набошанд) бо мақсади ба даст овардани даромад (фоида) ё ягон самараи иҷтимоӣ, экологӣ мебошад.	Гузоштани сармоя ба фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида ва ё самараи дигар мебошад.
5	Тошматов М.Н. [116]	Сармоягузорӣ ин гузоштанӣ маҷмуи воситаҳои пулӣ, молу мулк ва моликияти зеҳние, ки барои ба амал баровардани шаклҳои гуногуни нақшаҳо ва лоиҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва мадание, ки бо мақсади афзоишдоданӣ сармояи воқеии ҷомеа ва самаранок истифодабарии он, боиси афзоиши фоидаи субекти хоҷагидории бозори мегардад ё таъсири мусбати иҷтимоӣ ва самаранокии экологӣ мерасонад мебошад	Сармоягузори маънои гузоштан дороиҳое, ки барои амали намудани нақшаҳо лоиҳаҳо, мақсади асосиаш афзоиш додани сармояи воқеи ва истифодаи самараноки он ба баланд бардоштани фоида ва таъсири мусбати иҷтимоию экологи мерасонад.
6	Холов Т.А. [118]	Сармоягузорӣ ба субъектҳои хоҷагидор бо мақсади гирифтани даромад (фоида) ва ба даст овардани самараи (натиҷа)-и мусбати иҷтимоӣ ва ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти миллӣ мусоидаткунанда мебошад.	Гузоштани сармоя ба фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида ва ё афзоиши МММ мебошад.
Муаллиф		сармоягузорӣ - ин бо мақсади гирифтани фоида ё таъсири мусбии иҷтимоӣ, экологӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ба афзоиши истеҳсолот, навсозии технологӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот равона намудани маҷмуи дороиҳо дар ҳудуди кишвар ё берун аз он ва ба ин васила таъмин намудани амнияти озуқаворӣ мебошад;	

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Сармоягузорӣ ин маҷмуи хароҷотҳо дар шакли гузоштани сармояи дарозмудат ба соҳаи саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт мебошад.

Дар боби 1-уми моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» мафҳуми сармоягузорӣ чунин омадааст: «Сармоягузорӣ - аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида аст» [9].

«Сармоягузор - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ташкилот бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро амалӣ менамояд» [9].

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем сармоягузорӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёт мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст, ки он бевосита ба суръати рушди иқтисодиёт ва инкишофи ҷомеи мамлакат, сатҳи техникӣ ва самаранокии истеҳсолот, рақобатпазирӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва ба ин васила сатҳ ва сифати зиндагии аҳолиро муайян месозад.

Сармоягузорӣ ҳамчун истифодаи сармояи ғуншуда дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт: дар ҷараёнӣ фаъолияти сармоягузорӣ, ҳар як сармоягузорӣ имконият ва механизмҳои ба худ хосро дорад. Дар ҷараёни истифода сармоя ба соҳаҳо аз ҳама бештар дар шакли пулии сармоягузорӣ карда мешавад, ки дар аксари ҳолатҳо табдил додани онро ба шаклҳои дигарро талаб мекунад. Сармоягузорӣ дар шакли дороиҳои мушаххаси моддӣ ва ғайримоддӣ барои сармоягузорӣ таъин шуда дорои истифодаи маҳдудро касб менамояд.

Ба ақидаи мо дар ҷараёни сармоягузор ҳама шаклҳои сармоя истифода кардан мумкин аст, аз нуқтаи назари иқтисодӣ ҳамчун сарчашмаи асосии сармоягузорӣ сарватҳои истеҳсолӣ ва дигар воситаҳоро тавсиф карда мешавад.

Сармоягузорӣ ҳамчун қудрати вариянти беҳтарини сармоягузорӣ ба ҳама соҳаҳои воқеи иқтисодиёт: сармоягузор бо мақсади афзоиши дороиҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мегузорад. Сармоягузор метавонад ба обектҳои пешрафта, воситаҳои асосӣ ва қоғазҳои қиматнок муайян кунад. Хулоса карда гуфтан мумкин аст, сармоягузори ин раванди табдил додани сармояи ҷамъшуда ба намудҳои дигари дороиҳои имконпазири соҳа мебошад.

Сармоягузорӣ ҳамчун имконияти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ: ҳадафи сармоягузор соҳиб шудан манфиати иқтисодӣ бо роҳи баланд бардоштани самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад, ки хислати иқтисодӣ-иҷтимои ва экологӣ дорад. «... Дар марҳилаи микроиқтисодӣ мақсади асосии сармоягузорӣ ба даст овардани самаранокии иқтисодӣ мебошад, ки метавонад дар шакли афзуншавии ҳаҷми сармояи гузошташуда, дар шакли фоида

аз фаъолияти сармоягузорӣ ва ё дар шакли дигар намуди манфиати иқтисодӣ бошад» [128].

Сармоягузорӣ фаъолияти шарикӣ дар иқтисодиёти бозорӣ: сарчашмаҳои асосии сармоягузорӣ ин маҷмуи дороиҳое, ки корхона дар фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун бозорӣ сармоягузорӣ баромад мекунад. Бозори сармоя қисмати таркибии системаи иқтисодиёти бозорӣ ташкил карда шуда, бо дигар бозорҳо вобастагии зич дорад ва дар зери таъсири шаклҳои гуногуни танзими давлатӣ амал мекунад.

Сармоягузорӣ ҳамчун объекти соҳибмулк: метавонад ҳамчун ҷузъи фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузор дорандаи ҳуқуқи моликият ва соҳибихтиёр мебошад. Дар ҷараёни сармоягуорӣ муносибатҳои иқтисодиёти бозори ташаккул ёфташаклҳои нави истифодаи сармоягузорӣ ба миён омад, ки ба корхона конияти рушдро фароҳам меовард. Дар чунин шароит ҳуқуқи истифодаи сармоя байни субектҳои иқтисоди бозори тақсим гардида дар доираи ҳиссаи сармоягузории худ фаъолияти менамоянд.

Сармоягузорӣ ҳамчун омили истифодаи самараноки сармоя вобаста ба вақт: самаранокии сармоягузорӣ бевосита аз мудати вақ вобаста мебошад. Дар ин ҳолат сармоя ҳамчун захираи пасандоз шуда бо мақсади афзоишёби дар ҷараёни сармоягузори дар мудати вақти муайян иштирок меварзад.

Сармоягузорӣ ҳамчун таҳвили хавф: яке аз хусусиятҳои асосии сармоягузорӣ мебошад, ки дар ҳама шаклҳои онҳо вуҷуд дорад. Омили таҳвили хавфи сармоягузорӣ метавонад сарчашмаи асосии дар фаъолияти соҳибкорӣи сармоягузор баромад намояд. Дар ҷараёни сармоягузорӣ, сармоягузор ҳамеша дараҷаи таъсири хавфи иқтисодиро, таҳлил намуда эҳтимолияти таъсири онро ба сармояи гузошташуда ҳисоб намуда, қарорҳо қабул менамояд. Ҳаҷми фоида аз дараҷаи таввакал вобаста мебошад: ҳар қадар сатҳи даромаднокии сармоягузорӣ зиёд бошад ҳамон қадар сатҳи таввакал зиёд мешавад

Сармоя ҳамчун омили пардохтпазирӣ: ҷалби сармоягузорӣ бевосита аз сатҳи пардохтпазирии лоиҳа ё обекти сармоягузори шаванда вобаста мебошад, ки ин аз сатҳи фоиданокии воқеии бозорорӣ дорад. То чӣ андоза зуд ба сармояи мувофиқ

табдил ёфтани сармояи гузошташуда сатҳи пардохтпазирии сармояро тавсиф мекунад.

«... Дар асоси омузиши моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои сармоягузорӣ, мо мафҳуми сармоягузориро чунин пешниҳод менамоем. Сармоягузорӣ ин гузоштани ҳамагуна дороиҳо амволӣ, молиявӣ ва моликияти зеҳнӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ба соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва барномаҳои лоиҳаҳои афзалиятнок бо мақсадӣ рушдӣ соҳибкорӣ ва ба дастовардани фоида ё дигар намуди манфиатҳо бо шартҳои ихтиёриву таввакалӣ ба шумор меравад» [129. с. 6]. Сармоягузорӣ (ё сармоягузории асосӣ) афзоиши дороиҳои асосиест, яъне. биноҳо ва иншоот, мошинҳо ва таҷҳизот, инчунин захираҳо дар давоми солҳо мебошад. Гузоштани сармоягузорӣ даст кашидан аз истеъмоли ҷориро барои зиёд кардани захираҳои истеъмоли оянда дар бар мегирад.

Дар шароити муосир, шарти муҳими барқарорсозии иқтидори истеҳсолоти кишоварзӣ ва маҷмуъан ҳамаи соҳаҳои агросаноатии кишвар, рафъи қафо мондани иқтисодӣ ва технологӣ ба назар мерасад ба ақидаи олими рус Сергей Анатольевич Фролов «… ҷалби сармояи дарозмуддат ба соҳаи кишоварзии иқтисодиёт, ки ба азнавсозии техникии фондҳои асосӣ ва гузариш ба роҳи инноватсионии рушд равона шудааст, ки бидуни сармоягузорӣ ғайри имкон аст ин соҳаи муҳим фаъолияти сармоягузориро аз ҷониби давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ талаб мекунад» [83].

Фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун муносибатҳои танзимӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ фаҳмида мешаванд, ки дар раванди сармоягузорӣ ва истифодаи маҷмуи дороиҳо аз қабили: дорроиҳои гардон, захираҳои моли модӣ, дороиҳои ғайри гардон, дороиҳои ғайри моддӣ, барои амали намуданӣ барномаҳо, лоиҳаҳо бо мақсади ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ мебошад.

Ба ақидаи М. Исломӣ ва Р.Б. Бердиева, «… фаъолияти сармоягузории фаъол ба диверсификатсияи сохтори иқтисодиёти минтақа мусоидат намуда, нишондиҳандаҳои иҷтимоию-иқтисодии онро баланд менамояд ва ҷойҳои кории иловагиро ташкил медиҳад» [102].

Тибқи ақидаи Мадаминов А.А. ва дигарон «… фаъолияти сармоягузории корхона – ин раванди объективие мебошад, ки мантиқи худро дошта, мутобиқи конуниятҳои ба худ хос инкишоф меёбад ва дар фаъолияти хоҷагидории корхона нақши муҳим мебозад зеро аз рӯйи табиати иқтисодии худ сармоя ин даст кашидан аз истеъмолоти имрӯза баҳри гирифтани даромад дар оянда мебошад» [103].

Мувофиқи нуқтаи назарӣ Е.М. Бронштейн «... сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ бо чунин хусусиятҳо аз ҳамдир фарқ карда мешавад: баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ бо воситаи зиёд намудани даромади истеҳсолӣ ва кам кардани хароҷоти субектҳои таминотӣ, ки сатҳи онҳо аз сатҳи хавфҳои амалиётӣ бештар вобаста мебошад» [98, с. 137-141].

Аз нуқтаи назари олими тоҷик Шарифов З. Р., Толибов Р.Ш. мазмун ва моҳияти иқтисодии сармоя ва сармоягузориро чунин шарҳ медиҳад «сармоягузории сектори аграрӣ дар хусусияти арзишии ду мақулаи ба ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста: хароҷот ва боздеҳ, нисбатан равшан инъикос меёбад» [92, с. 130-135].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ: «... фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ дар маҷмуи соҳаи кишоварзӣ тамоми шаклҳои ташкилию ҳуқуқии моликият, инчунин ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон вобаста мебошад. Фаъолияти сармоягузорӣ бештар аз пурра ва дараҷаи такомули заминаи меъёрӣ вобаста аст» [97].

Барои ҷолибнокии сармоягузорӣ ва самаранокии он танзими раванди сармоягузории хоҷагиҳои пахтакор дар асоси ҷори намудани ҳадафҳои стратеги ва манфиятҳои давлатӣ ба амал монда шавад.

Барои амалӣ гардонидани ин ҳадафҳо пайгирӣ намудани самтҳои зерин муҳим арзёби мегардад:

Манфиянҳои давлат ҳамчун танзимгари ҷараёни сармоягузорӣ:

1. Таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ба ин васила беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ, самаранок истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва устувории рушди иқтисодӣ;

2. Амалигардонии тағйирёбии низоми муосири иқтисодии кишвар бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва чандирии институтҳои он;

3. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ.

Манфиатҳои шахси сармоягузор ҳамчун шахси ҳуқуқӣ:

1. Такмили чорабиниҳо ё дурнамои рушди хоҷагидорӣ, ки илман асоснок кардани самтҳои афзалятнокӣ сармоягузорӣ.

2. Омӯзиши хароҷотҳои сармоягузорӣ, самтҳои харҷи онҳо, натиҷаҳои сармоягузорӣ, давраи баргардонидан ва инчунин самаранокии сармоягузорӣ.

3. Ташаккули фаъолияти шарикӣ дар асоси фаъолияти сармоягузорӣ.

4. Санҷиш лоиҳаи сармоягузории татбиқшаванда дар ҳолати зарурӣ ва ба вуҷуд омадани шубҳаҳо.

Мазмуни иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ ин механизми такрористеҳсолкунии сармоя буда, ҳамчун унсури асосии бунёдӣ дар соҳаи кишоварзӣ баромад мекунад. Бо назардошти таваҷҷӯҳи истисноии муҳаққиқон дар самти сармоягузорӣ, бисёре муаллифон ба таърифи онро дар адабиёти иқтисодӣ пешниҳод намудаан аммо бозҳам паҳлуҳои дигари мавзу номуайян боқи мондааст. Муаллиф сарчашмаи ва пайдоиши онҳоро омӯхта, таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки сармоягузорӣ бояд дар робита бо унсурҳои зерин тавсиф карда шаванд: сармоя, хароҷот ва таъсир.

Мувофиқи ақидаи И.Г. Самадов ва Р.М. Холов «... фаъолсозии фаъолияти сармоягузорӣ на танҳо шарти асосии аз буҳрони амиқ баромадани корхонаҳои комплекси агросаноатӣ мебошад, балки омили муҳимтарини муайянкунандаи рушди минбаъдаи раванди ҳамгироии агросаноатии корхонаҳо мегардад» [114].

Дар ҷараёни фаъолияти сармоягузорӣ, сармоя ҳамчун хароҷот баромад менамояд, ки натиҷаи он як навъ самараи иқтисодӣ, иҷтимои, экологи ва ғайра мебошад.

Самти мазкури бештари ин мафҳумҳо сармоягузориро ҳамчун харочот дар шакли сармояи асосӣ як тарафа муайян мекунад.

Сармоягузорӣ ҳамчун унсури дар боло зикргардида, маҷмуи хароҷоте баромад мекунад, ки ба обектҳои гуногуни фаъолияти тиҷоратӣ дар шароити хавф ва номуайянӣ самараро ба даст меорад.

Ҷараёни сармоягузорӣ ду даврароро ифода мекунад: ҳамчун хароҷот ва ба даст овардани самараи сармоягузорӣ (расми 1.1).



Расми 1.1.- Фаъолияти сармоягузорӣ

Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси маълумоти [75]

Дар рисолаҳои илми диққати асосиро бештар ба бехатарии молиявӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои асосии ҳавастмандгардонии сармоягузорӣ, ки барои сармоягузор заруранд, фаҳмида мешавад.

Вазъияти муосири тағйирёбандаи фазои сармоягузорӣ тақозо менамояд, барои баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ дар стратегии идоракунии такористеҳсолӣ васеъи сармоя нақши муҳим дорад.

Дар зери мафҳуми фаъолияти сармоягузорӣ ба соҳаи истеҳсолӣ бояд ҳамчун як раванде, ки доимо ба навсозӣ ва такмилдиҳии раванди истеҳсоли неъматҳоро дар бар гирад. Дар солҳои охир коҳиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ

хусусан пахтакорӣ ба назар мерасад. Хусусиятҳои соҳаи мазкур шароити зарурироо барои татбиқи стратегияи саноатикунонии босуръат, нақши муҳим дорад. Бинобар ҳамин, зарурати эҷоди механизми самарабахши такроистеҳсолкунии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор ва корхонаҳои коркард ба миён меорад, ки он бояд масъалаҳои амалигардонии стратегияи воқеии сармоягузорироро ҳал намояд. Дар рисолаи татқиқотии худ муаллиф маҷмуи усул ва роҳҳоро оид ба муайян кардани самтҳои сармоягузорӣ, дарёфти воситаҳои сармоягузорӣ ва ба даст овардани самараи сармоягузорӣ асоснок кардааст. Ин усулҳо бояд ҳамчун механизм ба ҳам пайвастагӣ дошта бошад, ки ин ба талаботи объективӣ барои барқарор кардани равандҳои такроистеҳсоли васеъ вобаста аст. Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки фаъолияти сармоягузорӣ аз чор унсури ба ҳамдигар алоқаманд иборат мебошад:

«... 1) имтиёзҳои молиявии сармоягузорӣ - маҷмуи амалҳоест оид ба мубадалгардонии манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ (пасандозҳо, қарзҳо, фоида, буҷет ва ғ) ки барои истифодаи захираҳои сармоягузорӣ равона карда мешавад;

2) усулҳои сармоягузорӣ - маҷмуи тадбирҳое, ки ҳангоми татбиқи ҷараёни такроистеҳсолкунии сармоя истифода мешаванд;

3) ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ – маҷмуи чорабиниҳое, ки сармоягузорро маҷбур месозад, ки дар баробари зиёд будани дараҷаи хавфҳо барои бадаст овардани фоида сармоягузори намояд. Дар соҳаи пахтакории кишоварзӣ аз рӯйи анъана хеле баланд аст, зеро сармоягузори ба фондҳои асосии соҳаи мазкур вобаста мебошад, ин ба пастшавӣ алоқаманд аст;

4) қисмати ташкилии фаъолияти сармоягузорӣ – фаъолияти идоракунӣ дар ҷараёни сармоягузорӣ дар асоси манфиатҳои шарикии сармоя ва дигар омилҳои истеҳсолӣ ва дигар захираҳо муттаҳид мекунанд» [128].

Чӣ тавре ки академик Қаюмов Н.Қ. қайд менамояд: «...бешубҳа, чораҳо оид ба барқарорсозии иқтидорҳои истеҳсолкунанда бо сармоягузориҳои калон алоқаманданд, ки тағйир додани сиёсати сармоягузорироро талаб менамояд. Орзуи он, ки бозор худ бе танзими давлатӣ ва гузаронидани сиёсати мақсаднок аз уҳдаи

таъмин намудани тағйиротҳои сохтории прогрессивӣ дар иқтисодиёт мебарояд, амалӣ нагашт» [99].

Ба ақидаи олими тоҷик М.Н. Тошматов дар назарияи худ оид ба сармоягузорӣ дар шароити муосир «Сармоягузорӣ ин гузоштанӣ маҷмуи воситаҳои пули, молу мулк ва моликияти зеҳние, ки барои ба амал баровардан шаклҳои гуногуни нақшаҳо ва лоиҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва мадание, ки бо мақсади афзоиш доданӣ сармояи воқеии ҷомеа ва самаранок истифодабарии он, боиси афзоиши фоидаи субекти хоҷагидории бозорӣ мегардад ё таъсири мусбати иҷтимоӣ ва самаранокии экологӣ мерасонад мебошад» [116, с. 177-189].

Ба ақидаи ӯ нақши сармоягузорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва чи дар сатҳи микроиқтисодӣ дар асоси нишондиҳандаҳои зерин амали карда мешавад:

•Ба манбаҳои сармоягузорӣ ҳама намуди дороиҳои қиматноке, ки барои сармоягузорӣ равона карда мешавад дохил мешавад.

• Сармоягузорӣ бевосита дар мудати вақти муайян вобаста аст, зеро маблағгузорӣ барои соҳаи муайян бо муҳлатҳои гуногуне, ки манфиат меоварад ҷалб карда мешавад.

•Сармоягузорӣ ҳамчун раванди ҷо ба ҷо гузории захираҳои иқтисодӣ бо мақсади афзоиш додани сармояи ҷомеа ё баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтисодӣ мебошад.

•Сармоягузорӣ пеш аз ҳама барои афзоиши фоида ҳамчун омили асосии таъмини рушди муносибати бозор эътироф карда мешавад.

Ақидаҳои болоро омӯхта ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷараёни сармоягузорӣ ду марҳилаи асосиро дар бар мегирад:

Марҳилаи якум «манбаҳои ҷалби сармоягузорӣ – ҷараёни гузоштани воситаҳо», гузоштани воситаҳои пулӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт барраси мегардад. Марҳилаи дуюм «ҷойгир намудани сармоя - натиҷаҳои сармоягузорӣ» ҳамчун хароҷоти захираҳои молиявӣ, моддӣ ва зеҳнӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ татбиқ гардида, барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳро дар бар мегирад. Ин тавзеҳот алоқамандии мутақобилаи муносибати ду унсурои зарурии ҳама намуди

фаъолияти иқтисодӣ, хароҷот ва даромадро муайян мекунад. Аз як ҷони, рушди иқтисодии соҳа бо раванди сармоягузорӣ сахт вобастагӣ дорад, аз ҷониби дигар бошад, манфиати шахсии сармоягузор даромаднокии сармояи гузошташуда муайян карда мешавад.

1.2. Фазои сармоягузорӣ ва омилҳои таъсиркунандаи он барои баландбардории саморанокии хоҷагиҳои пахтакор

Ҷараёни сармоягузорӣ ин раванди мураккаби бисёрҷабҳае мебошад, ки ба он омилҳои зиёд таъсир мерасонанд, ки дониш ва таҷрибаи илмӣ, амалиро талаб мекунад. Аз нуқтаи назари амалӣ донистани чунин омилҳо, механизмҳо, таъсири онҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ ва самаранокии сармоягузорӣ қисми муҳим арзёбӣ карда мешавад, ки ин таҳияи сиёсати илман асоснок ва идоракунии самараноки раванди сармоягузориро талаб менамояд.

Яке аз олимони тоҷик А.К. Сафоев таҳқиқоти муҳимро дар самти такмилдиҳии ҷараёни идоракунии сармоягузории минтақа гузаронида. Ӯ яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодии минтақаро дар асоси афзоиши сармоягузорӣ ҳисобида, дар ин таҳқиқот чунин қайд менамояд: «…баҳогузориҳои истифодашавандаи таснифоти захираҳо ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ба давлат имкон намедиҳанд, ки хароҷотҳои молиявию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва натиҷаҳоро барои таъмини баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таҳлил намуда, лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнокро муайян намояд. Ин вазъият водор месозад, ки маҳсулнокии маблағгузориҳои буҷетӣ ва оқибатҳои иҷтимоӣ ҳангоми амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, ба ҳисоб гирифтани таснифоти захираҳо ва самаранокӣ муайян намуда шавад. Таҳия намудани меъёрҳои дигари самараноктари баҳогузории таснифоти захираҳо ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ зарур аст, ки имконият медиҳад, самараи иҷтимоии минтақаҳои кишвар баҳо гузошта шаванд» [123].

Чӣ тавре, ки М.А. Насимова қайд менамояд, «… айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш аз модели интихоби объекти сармоягузорӣ – корхонаҳои мушаххас ба модели таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ амалӣ шуда

истодааст. Ба ақидаи мо, асоси лоиҳаҳои сармоягузориро қутб ва нуқтаҳои афзоиши иқтисодиёти минтақавӣ ташкил медиҳанд, ки аз маблағгузории онҳо натиҷаҳои иқтисодӣ аз натиҷаҳои мавҷуда чандин маротиба зиёд ба даст овардан мумкин аст» [120].

Чи тавре, ки олими тоҷик Маҳкамов Б.Б. қайд менамояд яке аз роҳҳои рушди иқтисодӣ «... беҳтарсозии фазои соҳибкорӣ ва қолибияти сармоягузории давлат» [107] ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқи тоҷик Ҳикматов У.С. муҳити сармоягузориро чунин қайд менамояд «... ҳамчун маҷмуи баҳамалоқамандии омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, технологӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, табиӣ, демографӣ ва раванди инкишофи инфрасохтори соҳибкорӣ ва танзими давлатии он баррасӣ менамояд» [127].

Ҷалби сармоя ба дилхоҳ мамлакат бевосита аз ҳолати фазои сармоягузорӣ ва омилҳои муайянкунандаи он вобастагӣ дорад. Фароҳам овардани шароити сармоягузорӣ сиёсати истифодаи самаранок ва ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ дар хоҷагиҳои пахтакори минтақа мебошад.

Омил аз забони лотинии factor – гирифта шуда, ҳамчун унсур, қувваи пешбарандаи, падидаи таъсир расон муайян карда мешавад, хусусиятҳои инфиродии онро муайян мекунад.

Омилҳои сармоягузориро ба иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, маданӣ ва дигар омилҳои ба ҳам алоқаманд дар зери таъсири ин нишондиҳандаҳо арзёби карда мешавад (нигаред ба расми 1.2.).



Расми 1.2.-Омилҳое, ки барои баҳодиҳии фазои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд

Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.

Одатан сармоягузорони хориҷӣ нишондиҳандаҳои сармоягузории кишварҳоро баҳогузорӣ намуда, оид ба амалигардонии фаъолияташон қарор қабул мекунанд. Таъсири сиёсати сармоягузорӣ ба фазои сармоягузорӣ ҳамчун обекти сармоягузорӣ баҳисоб меравад. Қабл аз сармоягузорӣ пеш аз ҳама шартҳои аввалин аз ҷумла дараҷаи сиёсати сармоягузориро ҳисоб мегиранд.

«... Бояд қайд намуд, ки ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ асосан бо мақсадҳои зерин сармоягузорӣ амали карда мешавад:

- Фароҳам овардани рушди иқтисодиёти минтақа рафъи норасогиҳо шуғлманд гардонии аҳолӣ» [115].;
- беҳтарсозии зерсохтори иқтисодии минтақа ва соҳиб гардидани комёбиҳои илми техникӣ ва технологӣ такмилдодани рақобатпазирӣ.

Расми 1.3. - Таснифоти омилҳои ба фазои сармоягузорӣ таъсиркунанда

Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.

Омили сиёсӣ - сиёсати давлатӣ, созишномаҳои байналмилалӣ, устувории сохтори қонунгузорӣ ва қарорҳои ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ ва дараҷаи иштироки давлат дар иқтисодиёт байналхалқӣ.

Омили молиявию иқтисодӣ - вазъи умумии иқтисодиёт, вазъи низоми пулию молиявӣ ва қарзӣ, дараҷаи боҷҳои гумрукӣ ва истифодаи қувваи корӣ.

Омили иҷтимоӣ - мавҷудияти баҳсҳои иҷтимоӣ дар кишвар, вазъияти ҷиноятқорӣ ва дараҷаи зиндагонӣ аҳолӣ.

Нақшаи таснифоти омилҳои фазои сармоягузорӣ аз рӯйи таъсири онҳо дар фаъолияти сармоягузорӣ чунин мебошад (расми 1.4.)



Расми 1.4. -Таснифоти омилҳои фазои сармоягузорӣ
Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.

Яке аз муҳимтарин омилҳои афзоиши сармоягузорӣ даромаднокӣ ва рақобатпазирии имрӯзаи фазои сармоягузорӣ давлат мебошад.

«Фазои сармоягузорӣ ин маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоие мебошад, ки ҷолибияти кишвар ва минтақаро барои сармоягузорон муайян мекунанд» [49].

«Ба ибораи дигар фазои сармоягузорӣ ин шароити иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимою сиёсии минтақа, ки ба майли сармоягузор ба сармоягузорӣ инчунин гирифтани қарзҳо таъсир мерасонад» [50].

Чун қоида зери мафҳуми фазои сармоягузорӣ тавсифи умумии маҷмуи чорабиниҳои, иқтисодӣ, ташкилотҳои ҳуқуқӣ, шароитҳои сиёсӣ ва дигар шароити мусоиди сармоягузорист, ки бо мақсади ҷалби сармоягузорон амалӣ карда мешавад.

Намудҳои зерини имтиёзҳои сармоягузорӣ, ки бевосита ба фазои сармоягузорӣ таъсири амиқ мерасонад чунинанд (ниг. расми1.5.)



Расми 1.5. -Намудҳои имтиёзҳои давлатии сармоягузорӣ

Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст

Имтиёзҳои низоми андозӣ ва гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани сармоягузорӣ ба иқтисоди ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

«Мувофиқи моддаи 189 кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андозӣ, сармоягузоронро аз андоз озод кардааст» [25]. Ҳамзамон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми заминаҳои заруриро барои ҳавасмандгардонии сармоягузории ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ дар бахши ғайридавлатии иқтисодиёт фароҳам овардааст. Илова бар ин, омилҳое мавҷуданд, ки ба сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Ба монанди:

Кафолатҳои моликияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби мақоми ваколатдор ва мақомоти дахлдори давлатӣ дар соҳаи моликияти

давлатӣ ва идораи захираҳои замин, инчунин ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ба шарти иҷрои ӯҳдадориҳои сармоягузорӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дода мешаванд.

Дар мудати соҳиб истиқлотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи кишоварзӣ захираҳои молиявӣ ҷалб карда шудааст, самаранокии сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор бо муҳайё намудани шароити мусоид бешар хаҳад гардид. «... воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ танҳо дар соли 2023 2690,4 млн. доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз он 221,4 млн. доллари амрикоӣ сармояҳои мустақим, 0,1 млн. доллари амрикоӣ сармояҳои портфелӣ ва 2468,9 млн. доллари амрикоӣ дигар намуди сармояҳо мебошанд. Аз ҳаҷми умумии сармоягузории мустақими хориҷии соли 2023 22,6 млн. доллари амрикоӣ ё 11,5% ба вилояти Хатлон равона гардидааст» [41].

Қонунгузории асосие, ки фаъолияти сармоягузории Тоҷикистонро танзим мекунад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016 № 1299, мебошад.

Илова бар ин, як қатор қонунҳо ва санадҳои мухталиф дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ бо мақсадӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ қабул карда шудааст: «... қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амвол», «Дар бораи иҷора», «Дар бораи қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ», «Дар бораи суғурта», «Дар бораи муфлисшавии корхонаҳо», «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи шартномаҳои тақсимоти истеҳсолот», «Дар бораи имтиёзҳо», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», «Дар бораи таърихи кредитӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»» [7, 26].

Ҳар як фаъолият иқтисодӣ дар марҳилаи аввал бо мақсади ба даст овардани фоида ташкил карда мешавад. «Фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ омил ва ё нишондиҳандаи асосии фаъолияти самаранокӣ хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад» [93]. Ин маънои онро дорад, ки фоида омили асосии ҳавасмандии фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Зеро соҳибкор-сармоягузорро маҷбур месозад, ки дар шароити бисёрҳам душвор фаъолият намояд.

Барои муайян ва баҳо додан ба фазои сармоягузорӣ мавҷудияти маводҳои иттилоотива оморӣ, ки ҳолати омилҳои гуногунро муайян мекунад хеле муҳим мебошад. Маълумотҳои омориро ҳангоми таҳлили меъёрҳои умумии таснифи сармоягузорӣ бо назардошти объект, мақсад, муҳлати сармоягузорӣ, шаклҳои моликият ба захираҳои сармоягузорӣ, хатарнокӣ ва дигар нишонаҳо, истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ҳамаи унсурҳо ва сабукиҳо бояд қайд кард, ки ҳангоми сармоягузорӣ ба маҷмуи дар соҳаҳои агросаноатӣ ҷойи аввал масъалаи самаранок истифодабарии сармоягузорӣ ва барои ҳарчи бештар ҷалби сармоя фазои сармоягузорӣ бояд ҳамаҷониба баррасӣ карда шавад.

Самаранокии сармоягузориро бо ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи иқтисодӣ ё иҷтимоӣ ба ҳар як шариконӣ сармоягузорӣ ифода мекунанд.

«Омилҳои асосие, ки ба самаранокии сармоягузорӣ дар сатҳи корхона (ташкилот) ё соҳа таъсир мерасонанд инҳо дохил мешавад» [56]:

1. Самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи хоҷагидорӣ;
2. Сифат ва бозоргирии маҳсулоти соҳа;
3. Самаранок истифодабарии фондҳои асосӣ ва иқтидорҳои истеҳсолӣ;
4. Самаранокии истифодаи захираҳои мавҷуда дар соҳа;
5. Хусусияти идоракунии соҳа;
6. Самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории ҷорӣ ва ғайра.

Ҳамаи ин омилҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Мусбат, омилҳое, ки ба самаранокии сармоягузорӣ таъсири мусбат мерасонанд.
2. Манфӣ, омилҳое, ки ба самаранокии сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Масалан, омилҳои мусбӣ коҳиши таваррум, қувваи кории арзон, пардохти андоз, меъёри бозтамвил ва ғайраро дар бар мегиранд.

Омилҳои манфӣ бошад шиддати буҳрони иқтисодӣ дар кишвар, норасоии техникаи кишоварзӣ, ноустувории вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар, афзоиши таваррум ва ғайраро дар бар мегирад.

«Инчунин ба хусусияти пайдоиш, ҳамаи омилҳои таъсирбахши самаранокии сармояҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст» [56]:

1. Объективӣ, яъне омилҳое, ки пайдоиши онҳо бо фаъолияти инсон алоқаманд нестанд, балки ба сабаби падидаҳои табиӣ ё ба монанди ин вобастаанд;

2. Субъективӣ, яъне омилҳое, ки пайдоиши онҳо бо фаъолияти инсон вобаста аст, алахусус, бо фаъолияти идоракунӣ ва эҷодӣ алоқаманд ва шартнок аст;

Ҳамаи омилҳое, ки ба самаранокии сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, вобаста аз вақти пайдоиши онҳо метавонанд ба омилҳои муваққатӣ ва доимӣ тақсим карда шаванд.

Вобаста аз дараҷаи таъсир ба самаранокии сармоягузорӣ ҳамаи омилҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст [86]:

- таъсири ноустувор дар ҳолати нишондиҳандаи таносуби эмперикӣ баробар будан ба 0,1-03;
- таъсири миёна дар ҳолати нишондиҳандаи таносуби эмперикӣ баробар будан ба 0,3-0,5;
- таъсири назаррас доштан дар ҳолати нишондиҳандаи таносуби эмперикӣ баробар будан ба 0,5-0,7;
- таъсири вобаста дар ҳолати нишондиҳандаи таносуби эмперикӣ баробар будан ба 0,7-0,9;
- таъсири бисёр вобаста дар ҳолати нишондиҳандаи таносуби эмперикӣ баробар будан ба 0,9-0,99.

Ин таснифот танҳо дар муддати кӯтоҳ амал мекунад, зеро бо тағйир ёфтани вазъ, дараҷаи таъсири омилҳои инфиродӣ низ тағйир меёбад.

Маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар заминаи иқтисодӣ бо назардошти суръати бозгашти сармоягузорӣ ташаккул меёбад ва ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки истеҳсоли маҳсулоти хушсифат зиёд ва арзиши онҳо тағйир ёбад.

«Сармоягузорӣ мустақиман бо ба даст овардани даромади софи иловагӣ ва коҳиш додани муҳлати баргардонидани сармоягузорӣ алоқаманд аст. Муҳлати

баргардонидан ҳар қадар кӯтоҳ бошад, ҳамон қадар ҳавасмандии сармоягузорӣ бештар мешавад, зеро ҳангоми баргардонидани маблағи дарозмуҳлат аз ҳисоби равандҳои сармоягузорӣ, фарсудашавии захираҳои харҷшуда ба амал меояд. Ғайр аз ин, даромади софи бадастомада аз истеҳсоли маҳсулот метавонад ба истеҳсолоти нав сармоягузорӣ карда шавад» [96].

Буҳрони иқтисодӣ, ки тамоми соҳаҳои маҷмуи агросаноатиро фаро гирифта буд, дар самти сиёсати сармоягузорӣ ҷиддитар ба назар мерасад. Канда шудани робитаҳо дар истеҳсолот ва тақсимоти захираҳои моддӣю техникӣ, аз даст додани ҳамоҳангӣ ва набудани инфрасохтори бозор, инчунин афзоиши номутаносибии нархи маҳсулоти кишоварзӣ алал хусус нархи пахта, ки барои парвариш муҳим мебошад, бесармояи иловагӣ дар соҳа имконпазир мебошад.

Дар бахши кишоварзии иқтисодиёт афзоиши самаранокии истеҳсолот пеш аз ҳама бо татбиқи сармоягузориҳои воқеӣ алоқаманд аст, зеро дар шароити муосир сармоягузорӣ ба воситаҳои молиявӣ хеле кам хос аст. Дар натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ хароҷоти истеҳсол камшуда фурӯши маҳсулот меафзояд, дар ин сурат афзоиши даромад (даромад), ё чунин афзоиши фоида, ки аз коҳошёфтани хароҷоти истеҳсол ва фаъолияти маркетинг пеш мегузарад, ба назар расад.

Самаранок истифодаи сармоягузориҳо ба фондҳои асосоии хоҷагиҳои пахтакор бо давраи бозгардии сармоя ва омилҳои ташкилию иқтисодӣ арзёби карда мешавад. Бе баррасии дақиқи онҳо дар амалияи менеҷменти муосир, ба ҳадди аксар даромаднокии сармоягузорӣ ба истеҳсолот ва дигар соҳаҳои фаъолияти соҳаи кишоварзӣ имконнопазир аст.

Сатҳи баланди самаранокии сармоягузориҳо барои парвариш ва истеҳсолӣ пахта аз бисёр ҷиҳат ба пешрафти сохтори техникӣ -технологӣ ва репродуктивии онҳо вобаста аст. Бо зиёд шудани қисме, ки ба эҷод ё нав кардани қисми фаъоли фондҳои асосӣ равона шудааст, даромаднокии сармоягузориҳои асосӣ меафзояд. Ин зарурати асоснокунии андозаи хароҷотро барои хариди техника ва таҷҳизоти истеҳсолӣ (технологӣ) барои ҳар як лоиҳа (вариант)-и сармоягузории як хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда ё ташкилшавандаро тақозо мекунад. Амалҳо оид ба оптимизатсияи сохтори такристеҳсолкунии сармоягузориҳои асосӣ бояд

махсусан фаъол ва мақсаднок бошанд. Роҳандози намудани чунин амалҳо бо иҷрои ду вазфаи асосӣ вобастагии зич дорад:

1) бо афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ барои пардохти арзиши техника ва технология дар ҳаҷми умумии арзиши гузаронидашудаи фондҳои асосӣ ба маҳсулоти истеҳсолшуда;

2) таносубияти самаранок истифодабарии сармоягузорӣ ба аз навсозии васеи фондҳои асосӣ ва рушди иқтидори истеҳсолоти хоҷагиҳои пахтакор;

Роҳҳои зиёд барои баланд бардоштани самаранокии сармоягури мафҷуд мебошад, ки дар асосӣ коҳиши ҷиддии тамоми марҳилаҳои давраи сармоягузорӣ - аз тарҳрезӣ то рушди иқтидорҳои ба истифода додашуда ва ҳаҷми инфрасохтори иҷтимоӣ мебошад. Тавре ки таҳлили вазъи воқеии корҳо дар аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии соҳаҳои хоҷагии халқ гувоҳӣ медиҳад, муҳлати аз навсози (васеъ) кардани иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва таҷдиди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ аз меъёрҳои мавҷуда ба ҳисоби миёна ду маротиба зиёдтар аст.

Чорабиниҳои техникӣ-технологӣ ва ташкилие, ки барои баланд бардоштани фоиданокии сармоягузорӣ роҳандозӣ карда мешавад бе ба даст овардани натиҷаи банақша гирифташуда ғайри имкон аст. Агар усулҳои самарабахши идоракунии сармоягузорӣ роҳандози карда нашавад, зеро аз истифодаи усулҳои самарабахши ҷузъи таркибии муносибатҳои шарикии субекти хоҷагидорӣ мебошад.

Сатҳи самаранокии сармоягузориҳои саноатӣ аз бисёр ҷиҳат ба пешрафти сохтори репродуктивии техникӣ-технологии онҳо вобаста аст. Ҳар чи қадаре, ки харочот барои сохтумон ва таҷдидӣ фондҳои асосии хоҷагиҳои пахтакор зиёд бошад, ҳамон қадар фоидаи сармоягузорӣ меафзояд.

Амали мазкур боиси ҷузъҳои асосии механизми дастгирии молиявии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакории хоҷагиҳои деҳконӣ мегардад.

Расми 1.6.- Таснифоти омилҳое, ки ба раванди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда **[96].**

Сарфи назар аз он, ки солҳои охир барои баъзе соҳаҳои кишоварзӣ як навъ пешравиҳо ба назар мерасад, дар бораи беҳтар кардани вазъи пахтакорӣ ҳарф задан мушкил мебошад. Омилҳои коҳишёбии рушди соҳаи пахтакорӣ аз инҳо иборатанд:

•сатҳи пасти пардохтпазирии талаботи дохилӣ;

• номутаносибии рушди зерсохтории муайян;

• номутаносибӣ дар мубодилаи мол байни соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт. Зеро дар баробари мунтазам боло рафтани нархи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, нерӯи барқ, таҷҳизот, нуриҳои минералӣ, арзиши пахта афзоиш ёфта, талабот ба он коҳиш ёфта нархи пахта паст шудаистодааст. Дар натиҷа фоидаи хоҷагидорон камшуда ҳавасманди барои кишт ва парвариши пахта сол то сол камшуда истодааст;

• қарзҳои бataъхиргузоштаи аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар назди бонкҳо, ки доимо меафзоянд, инчунин воситаҳои гардон ва сармоягузорӣ хеле камтар ба назар мерасад.

Таҳлили вазъи кунунӣ нишон дод, ки бидуни дахолати ҷиддии давлат ва сармоягузорӣ ба ин соҳа, хоҷагидорон аз ин мушкилотҳо баромада наметавонанд. Вазъияти кунунии соҳаи кишоварзӣ исбот мекунад механизмҳои мавҷудаи дастгирии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ самараи дилхоҳро намеорад ва инчунин қонунҳои танзими муносибатҳои молиявию иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҷавобгӯи замони муосир намебошад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар соҳаи кишоварзӣ шумораи хоҷагиҳои деҳқонии амалкунанда сол то сол зиёд шуда истодааст. Имрӯз, барои рушди устувори соҳаи пахтакорӣ, масъалаи нигоҳ доштани афзоиши истеҳсол ва фурӯши он дар мадди аввал меистад.

Ба андешаи муаллиф, афзалиятҳои сиёсати хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шароити муосир аз инҳо иборат мебошанд:

1. Татбиқи чорабиниҳо оид ба таъмини фоиданокии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, алалхусус пахта, тавассути дастгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ барои фароҳам овардани шароит барои кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ

ва дар натиҷа, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзии иқтисоди кишвар мебошад.

2. Дастгирии давлатӣ ва кумак ба рушди инфрасохтори бозори озуқаворӣ ва андешидани тадбирҳои оқилона.

Ба андешаи муаллиф, бо назардошти таъсири омилҳо инчунин, бояд қайд кард, ки ҳангоми сармоягузорӣ ба маҷмуи соҳаҳои агросаноатӣ, масъалаи самаранокии сармоягузорӣ ва методологияи баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ бояд дар мадди аввал ба назар гирифта шавад.

Яке аз заминаҳои муҳими рушди мунтазам ва босуръати иқтисодиёти мамлакат инкишофи ҷараёнҳои сармоягузорӣ буда, аз фазои сармоягузорӣ хеле вобаста мебошад. Муҳимияти таҳқиқи масъалаи омӯзиши фазои сармоягузорӣ дар соҳаи хоҷагиҳои пахтакории мамлакат иникос мекунанд.

Фазои сармоягузорӣ ҳамчун муҳити татбиқи ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар зери таъсири маҷмуи омилҳои ба ҳам алоқаманди қонунгузорӣ, танзимкунанда, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва дигар омилҳо, ки шароити фаъолияти сармоягузориро дар ягон кишвар ё минтақа муайян мекунанд, ташаккул меёбад.

Муҳити сармоягузорӣ ин маҷмуи чорабиниҳои иқтисодӣ-иҷтимои, сиёсӣ-ҳуқуқӣ инчунин фарҳангие мебошад, ки барои ҷалби сармоягузорӣ дар соҳа, корхона ва минтақа фароҳам менамояд.

Фазои сармоягузорӣ маҷмуи шароитҳо дар иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ ва иқтисодии кишварро инъикос мекунад, ки ба сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мусоидат мекунад. Илова бар ин, фазои сармоягузорӣ бо сиёсати сармоягузории давлат зич алоқаманд аст ва қисман аз ҷониби он муайян карда мешавад.

Сармоягузорони хориҷӣ нишондиҳандаҳои фазои сармоягузории кишварҳоро баҳогузори намуда оид ба амалигардони фаъолияташон қарор қабул мекунад. Таъсири сиёсати сармоягузорӣ ба фазои сармоягузорӣ ҳамчун объекти сармоягузор баҳисоб меравад.

«… Соли 2022 дар муқоиса бо соли 2023 дохилшавии сармояҳои мустақим хориҷӣ кишвар дар ҳаҷми 113,6 млн. доллари ИМА ё 64,2 фисад коҳишёфта дар

ҳаҷми умуми сармоягузории хориҷӣ дар ҳаҷми 113,6 млн. доллари ИМА ё 4,4 фисад афзоиш ёфтааст» .

Соли 2023 ҳаҷми зиёди сармоягузорӣ ба соҳаҳои саноати истихроҷ - 96,7 млн. доллари ИМА (ё 43,7%) ин соҳа дар иқтисодиёт аз аҳамияти стратеги он шаҳодат медиҳад, фаъолияти миёнаравии молиявӣ 13,3% фисади сармоя баробар ба - 29,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ба соҳаи саноати коркард бошад дар ин давра дар ҳаҷмӣ 33,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки баробар ба 15,3% фисади сармоягузориро ташкил додааст, ба соҳаи сохтмон бошад 22,3 млн. доллари ИМА баробар мебошад, ки 10,1% фисади сармоягузориҳоро дар бар мегирад, се соҳаи дигар нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа 0,8 млн. доллари ИМА 0,4% фисад, ба соҳаи савдои 12 млн. доллари ИМА 5,4% фисад, ба соҳаи кишоварзӣ – 21,5 млн. доллари ИМА 9,7% фисад, ба дигар соҳаҳо 4,5 млн. доллари ИМА 2% фисад ҷалб карда шудааст (расми 1.7).



Расми 1.7.- Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 (доллари ИМА)

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [51].

Дигар намуди сармояҳои хориҷӣ асосан ба соҳаи фаъолияти молиявӣ - 2220 млн. доллари ИМА (86,2%), соҳаи сохтмон - 54,4 млн. доллари ИМА (2%), саноати истихроҷ 279,0 млн. доллари ИМА (10,4%), нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа - 25,2 млн. доллари ИМА (0,9%), соҳаи саноати коркард - 37,7 млн. доллари ИМА (1,4%), савдои яклухт ва чакана 27,9 млн. доллари ИМА (1%), кишоварзӣ 21, 6 млн. доллари ИМА (0,8%) ва дигар соҳаҳо - 24,6 млн. доллари ИМА (0,9%) равона карда шудаанд (расми 1.8).



Расми 1.8.-Ҷалби дигар намуди сармоягузории хориҷӣ аз рӯйи соҳаҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 (доллари ИМА)

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [51].

Дар соли 2023 сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз давлатҳои зерин ворид гардидааст.

Афзоиши воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2023 бештар ба соҳаи кишоварзӣ дида мешавад, ки воридоти сармоя ба ин соҳа нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 21,1 млн. доллар ё 5176,6 фоиз зиёд гардидааст.



Расми 1.9.-Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи давлатҳо дар солиҳои 2022 - 2023 (млн. доллари ИМА)

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [51].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ ба ҷумҳурӣ дар солҳои 2023 ҳамагӣ 2690,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 220,3 млн. доллари ИМА сармоягузории Ҷумҳурии Қазоқистон ва 2004,4 млн. доллари ИМА дигар аз дигар давлатҳо мебошад.

Дар солҳои 2023 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 11 давлати ҷаҳон сармоягузории мустақими хориҷӣ ворид гардидааст (расми 1.10).



Расми 1.10. Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023 аз рӯйи давлатҳо (млн. доллари ИМА).

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [51].

Мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти сармоягузории мустаққими хориҷӣ ба ҷумҳурӣ дар солҳои 2023 ҳамагӣ 221,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 109,2 млн. доллари ИМА ё баробар ба 49,3% сармоягузориро Ҷумҳурии мардумии Чин боқимондаи онро дигар аз дигар давлатҳо мебошад.

Аз рӯйи минтақаҳо дар соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе - 78,5% (2112,2 млн. доллари ИМА), Вилояти Суғд -20,4% (549,3 млн. доллари ИМА), вилояти Хатлон - 0,84% (22,6 млн. доллари ИМА), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 0% (0 млн. доллари ИМА) ва ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) - 0,23% (6,3 млн. долл. ИМА) равона гардидааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷараёни ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мувофиқи маълумотҳои омори солонаи вилояти Хатлон дар се соли охир тамоюли коҳишёби дорад.

Чӣ тавре, ки баъзе олимон-иқтисодчиён қайд менамоянд, «... самаранокии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин дараҷаи манфиатнокии корхонаҳои миллӣ ба ҳамкориҳои байналмилалӣ на танҳо аз «кашфиётҳо дар берун», балки аз ҷорӣ намудани як қатор тағйирротҳои институтсионалӣ дар механизми хоҷагидорӣ вобаста мебошад, ки рушди ҳаматарафаи муносибатҳои пулию молӣ, даст кашидан аз усулҳои бюрократии идоракунӣ, ҷорӣ намудани низоми робитаҳои хоҷагидории мустақимро пешбинӣ менамоянд» [82].

Ба андешаи мо, барои боз ҳам афзун намудани ҳаҷми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва самаранок истифодабарии онҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, пеш аз ҳама, ҷолибнокии сармоягузорӣ дар мамлакат баланд бардошта, муҳити мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шавад. Махсусан, ба омилҳои зерин диққати бештар додан зарур аст: андозбандӣ; пардохтҳои гумрукӣ; заминаҳои ҳуқуқӣ; ҳимояи манфиатҳои молу мулкии сармоягузорон; ташкили инфрасохтори ба талабот ҷавобгӯ ва ғайра.

Дар барномаи бозсозии амиқи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои муҳими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар муқоиса бо дигар намудҳои кумаки иқтисодӣ қайд гардидааст. Сармоягузории мустақими хориҷӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун сарчашмаи маблағгузорӣ барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо, инчунин технологияҳо, ташкили усулҳои пешқадами идоракунӣ ва маркетинг хизмат менамояд.

Муҳим он аст, ки сармоягузорӣ дар муқоиса бо қарз, гаронии иловагӣ ба қарзи берунӣ нашуда, баръакас имкон медиҳад, ки барои баргардонидани қарзи берунӣ маблағҳо ҷалб карда шавад. Сармоягузории мустақим бо шарофати муттаҳидшавии истеҳсолӣ ва илмӣ-техникӣ самаранокии бештари ҳамгироии иқтисодиёти милиро ба хоҷагии ҷаҳонӣ таъмин мекунад

Зарурати ташкили корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он асос меёбад, ки соҳибкорӣи муштарак барои ворид шудани мамлакат ба низоми хоҷагии иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат карда, инчунин дар ташаккули зерсохтори иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Барои корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ технолигияи хело пешрафта, ҳосилнокии

баланди меҳнат, бозгардонии баланди маблағ ва сатҳи баланди музди меҳнат хос буда, ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат мерасонад.

Соҳибкорӣи муштарак яке аз воситаҳои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Он барои кам кардани муҳлати сохтмони корхонаҳои нав, ҷорӣ кардани технологияҳои пешқадам, истеҳсоли молҳое, ки дар бозори дохилӣ мавҷуд нест, зуд ворид шудан ба бозори берунӣ бо маҳсулоти рақобатпазир кумак менамояд. Умуман, имрӯз корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ яке аз бахшҳои хело рушдёбандаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамоянд.

Афзалияти умумии соҳибкорӣи муштарак дар тамоми шаклҳои он ташкили шароити мусоид барои оғози кор дар истеҳсолоти нав ба ҳисоб меравад. Аммо, зуд муттаҳидшавии шарикон ва азхуд кардани истеҳсолот масъалаҳои таҳияи стратегия, аз ҷумла, сохти сармоя ва андозҳо, тақсимоти дивиденд ва ғайраро ба миён меорад. Дигар масъалаи муҳим бо харочоти моддӣи иловагии иштирокчиёни боэътимоди соҳибкорӣи муштарак вобаста мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ омилҳои мусоид мавҷуд мебошад: арзиши пасти нерӯи барқ; захираи калони канданиҳои фоиданоки дастрас; иқтидори тавонои саноатӣ; мавҷудияти шоҳроҳҳои калони нақлиётӣ; комплекси илмӣ-таълимии рушдёфта; муттаҳидсозии иқтидори меҳнатии баландихтисос; захираҳои бойи обӣ; мавҷудияти мавзеъҳои беназирии истироҳатӣ.

Наздик будан ба сарчашмаҳои ашёи хом ва таъмин будан бо қувваи кории маҳаллӣ истеҳсоли муштаракро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолибнок менамояд. Ин фоидаи мустақим ба шарикон ва самаранокии баланди маблағи сармоягузоришуда.

Таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ мебошад. Чунин ҳолат дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба таври назаррас ба чашм мерасад. Бешубҳа, минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад.

Сармоягузории хориҷӣ махсусан, ба ҳамон соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, ки тезонидани рушди онҳо барои таъмини аҳолӣ бо молҳои зарурати аввал нақши муҳим мебозад. Ба чунин соҳаҳо истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, молҳои истеъмоли халқ ва хизматрасониҳо, доруворӣ ва дигар маҳсулоти барои аҳолӣ зарур дохил мешавад. Иштироки сармоягузории хориҷӣ ба самтҳои зерин афзалиятнок шуморида мешавад:

- таҷдид ва азнавсозии корхонаҳое, ки ба коркард, нигоҳдорӣ ва кашонидани маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд;

- соҳаҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, ки бо сохтмони объектҳои энергетикии обӣ ва сӯзишворӣ, нерӯгоҳҳои хурди обӣ-барқӣ, истеҳсоли нафт, газ, металҳои камёфт ва ғайра алоқаманд мебошанд;

- ташкили зерсохтори муосир, ки нақлиёт, телекоммуникатсия, ҷиҳозонидани техникӣ, хоҷагии анбор ва хизматрасониро дар бар мегирад.

Ба андешаи мо сиёсати давлатии сармоягузорӣ оиди ҳимояи сармоягузорони хориҷии стратегӣ бояд иҷрои амалҳои зеринро инъикос намояд:

- кафолати бадтар нашудани низоми андозбандии сармоягузорӣ дар давраи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- такмил додани системаи суғуртакунӣ аз хавфҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;

- таъмини иттилоотии «шаффоф»-и сармоягузории ғайрирезидентон;

- пешниҳоди имтиёзи гумрукӣ ҳангоми амалӣ кардани лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ;

- пурзӯр намудани танзими давлатии воридоти сармояи хориҷӣ ва ватанӣ ба соҳаҳои афзалиятнок ва минтақаҳо, бо роҳи пешниҳоди имтиёзҳои иловагӣ дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ, пурзӯр кардани назорат ба ҷараёни бақайдгирӣ ва таҳияи ҳисоботи оморӣ оиди фаъолитяи корхонаҳои муштарак бо иштироки сармоягузории хориҷӣ;

- бо ёрии гузаронидани озмунҳои сармоягузорӣ ташкил намудани фурӯши объектҳое ҳаҷмашон хело калон, ки сохтмонашон ба анҷом нарасидааст.

1.3. Асосҳои услубии баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз омилҳои асосии рушди устувории иқтисодӣ ва эҳёи бахши воқеии иқтисодиёт ҳар як кишвар ё минтақа сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, барои рафъи мушкилиҳо мусоидат мекунад. Такмилдиҳии ҷараёни сармоягузорӣ барои ҳалли бисёре аз муаммои истеҳсол парвариш, коркард ва иҷтимоӣ дар бахши кишоварзии иқтисодии минтақаи Хатлон асос мегузорад, ки дар даҳсолаи охир дар шароити норасоии шадиди манбаъҳои сармоягузорӣ фаъолият кардааст.

Ҳадаф на танҳо баҳри рафъи камбудиҳои ҷойдошта меравад, балки коҳишёбии маблағгузории ба истеҳсолот, вайроншавии раванди такористеҳсолкунии ашёи хоми пахта, мукамал набудани механизми танзими фаъолияти сармоягузорӣ, зарурати баланд бардоштани сатҳи системавии фаъолияти сармоягузорӣ ба сатҳи сифатан нав, номутобиқатии фаъолияти самаранокии сармоягузориро дар назар дорад.

Тадбирҳои дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, ки солҳои охир андешида шудаанд, ба пурзӯр шудани фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Дар айни замон, механизми татбиқи дар онҳо ҷойдошта аз имкониятҳои молиявии минтақа ва маблағҳои худи истеҳсолкунандагони мол бармеояд. Ҳамин тариқ, дар идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ зиддият ба амал меояд, ки ҳамзамон тақвияти марказонидан ва баланд бардоштани нақши ташкилотҳои кишоварзиро дар татбиқи равандҳои ҷуброн ва ҷамъоварӣ талаб мекунад.

Дар даҳсолаи охир, дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, дар натиҷаи буҳрони тӯлонӣ ва амиқи иқтисодӣ натиҷаҳои молиявии фаъолияти истеҳсолӣ хеле бад шуда, зиёноварии соҳа афзоиш ёфтааст. Вазъи ҳозираи молиявии аксар ташкилоти кишоварзӣ имкон намедиҳад, ки на танҳо такористеҳсолкунии васеъ, балки соддаро мустақилона ба роҳ монанд.

Барои аксари хоҷагиҳои пахтакор дастраси ба қарз маҳдуд буда, нобаробарии нархҳо барои захираҳои моддӣю техникӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, бад шудани

заминаи техникӣ, самаранокии нокифояи дастгирии давлатии соҳа боиси паст будани сатҳи ҷалб ва истифодаи сармоягузорӣ мегардад.

Мушкилоти ташаккул ва истифодаи самараноки сармоягузорӣ ба бахши аграрии иқтисодиёт хеле мубрам мебошад, ҳеҷ яке аз кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда онро бе манбаҳои устуворӣ сармоягузорӣ намегузоранд.

Талаботи иқтисоди кишоварзӣ ба сармоягузориҳои иловагӣ инчунин бо ҳалли масъалаҳои гузариш аз намудҳои экстенсивӣ ба сармоягузорӣ ва инноватсионии идоракунӣ, такрористеҳсоли васеъ дар доираи модели иҷтимоию иқтисодии рушди ҷомеа, ки афзоиши сифати зиндагии мардум, амнияти озуқавории кишвар ва минтақаҳоро таъмин менамояд, алоқаманд аст. Зарурати баланд бардоштани самаранокии сармояи инсонӣ ва нигоҳ доштани шуғли пурмаҳсули аҳолии деҳот бояд ба вазифаҳои фавқулоддаи сиёсати сармоягузорӣ вобаста карда шавад.

Рушди босубот ва афзоиши босифати иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ метавонад танҳо бо бунёди заминаи инноватсионии онро таъмин намояд, ки бевосита бо дастгирии сармоягузорӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Самаранок истифодабарии сармоягузорӣ на танҳо барои баланд бардоштани фаъолияти навоварии соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунад балки барои беҳтар кардани иқтидори истеҳсолӣ, техникӣ ва иқтисодӣ инчунин барои фароҳам овардани шароити сармоягузорӣ таъсири мусбат мерасонад. Самаранок истифодабарии сармоягузорӣ яке аз муҳимта ин нишондиҳандаи методология, назария ва амалияи фаъолияти навовари мебошад, ки натиҷаи муносибатҳои иқтисодӣ ва манфиатҳои иштирокчиёни раванди сармоягузориро дар алоқаманди бо самараи ин ҷараён ифода мекунад. Сатҳи истифодаи самаранокии мазкур дар соҳаҳои кишоварзӣ гуногун буда метавонад. Аз ҷумла: дар соҳаи муҳандисӣ, технологӣ, бахши биологӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодӣ таъсир расонад. Бо пайдоиши шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва равандҳои марказонидашуда ва ғайри марказонидашудаи идоракунии рушди фаъолияти навоварӣ дар бахши кишоварзӣ омили муҳим арзёби мегардад.

Дар айни замон истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ ва қарздиҳӣ ҳамчун субъектҳои асосии навоварӣ дар соҳаи кишоварзӣ баромад мекунанд, ки барои таҳия ва такмили усулҳои ҳисобкунии самаранокии навовариҳо ва асосноккунии иқтисодии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Рушди самарабахши навовариҳо дар соҳаи кишоварзӣ алалхусус дар соҳаи растанипарварӣ маҷмуи омилҳое мебошанд, ки дар навбати худ намудҳои дахлдори самаранокии навовариро ташкил медиҳанд.

Танзими давлатӣ ва ҳамгироӣ ба низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ омилҳои асосии берунае мебошанд, ки ба самаранокии фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир мерасонанд. Ба омилҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, сатҳи ба даст овардашудаи таҷҳизоти техникӣ ва технологии корхона дохил мешавад, ки қобилияти азхудкунии навовариҳоро дорад. «Рушди асосии навовариҳо дар маҷмуи кишоварзӣ, сармоягузориро тақозо мекунад ва сармоягузории самарабахш ҳамчун кафолати афзоиши ояндаи истеҳсолот, навоварӣ, захираи зеҳнӣ, меҳнатӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ хидмат карда, ҳамчун асоси баланд бардоштани рақобатпазирии маҷмуи кишоварзӣ ва дар маҷмуъ кишвар мегардад» [58].

Дар шароити муосир аз як чанд усулҳои арзёбии самаранокии сармоягузорӣ истифода мебаранд, ки онро ба чунин гурӯҳҳо тақсим намудан мумкин аст: усули анъанавӣ, усули оморӣ (оддӣ), усуди дисконти (тахфифӣ), усули ғайриананавӣ ва дигар усулҳо.

Муҳаққиқони ватанӣ ба монанди Розиқов В.А., Раҳимов Ш.М. ва Сафаров С.Г. доир ба арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асарҳои худ қайд менамоянд: «баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба низоми меъёр ва нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот дар иқтисодиёти гузариш асос меёбад» [111]. Ба ақидаи онҳо самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ бо роҳи таҳлили як қатор нишондиҳанда ва меъёрҳо муайян карда мешавад.

Моҳияти ҳисобкунии самаранокии сармоягузорӣ бо истифода аз усули дисконтии (тахфифии) дар асоси меъёри тахфиф асос меёбад, зеро ин усед имкон медиҳад, ки натиҷаи сармоягузорӣ дар даврaҳои гуногун муқоиса карда шавад.

Дар бахши сармоягузорӣ се усули асосии муайян кардани меъёри дисконт (тахфиф) мавҷудаст:

1.Усули баҳодиҳии даромаднокии дороиҳо (CAPM, β-модел);

2.Усули баҳодиҳии арзиши миёнаи баркашидашудаи сармоя (модели WACC);

3.Усули сохтмони кумулиятивӣ.

Усулҳои номбаршуда, бартариятҳо ва норасогиҳои ба худ хосро дорад, дар амалия бошад бештар усули кумулятивӣ ҳамчун усули замонавӣ дар иқтисодиёт истифода мешавад. Дар умум усули кумулиятвӣ таваррум ва хафҳоро баҳисоб мегирад аммо усули тахфифҳоро истифода намебарад.

Гарчанде, ки дар ҳолати тағйирпазирии иқтисодӣ дар муҳтавои худ ин ё он хусусияти тағйирпазирии ҳолатҳоро нишон медиҳад, ки дар давраи кутоҳи вақт омилҳои дохили ва хориҷӣ амалигардонии лоиҳаи сармоягузорӣ доими наемонад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳангоми баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, арзёбии арзиши дороиҳо бештар усули дисконтии селаҳои пулӣ бо меъёрҳои муйян истифода мешавад.

Ин усули муосири баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ, амалинамои ҳисобҳои гуногуни молиявиро дар назар дорад, ки бо муайяннамои арзиши захираҳои пули дар даврaҳои гуногун алоқаманд аст.

Зарурати баҳодиҳии захираҳо дар вақт бо он алоқаманд аст, ки арзиши захираҳои пули бо гузашти замон тағйир меёбад. Бо вуҷуди ин беқуршавии захираҳои пули дар натиҷаи таваррум ба назар гирифта мешавад вале аз нуқтаи назари устувортар бо гардиши сармоя алоқаманд аст.

Ҳангоми ҳисобкунии зиёдшави ва дисконткунонии захираҳои пули намунаҳои фоизи мураккаб ва сода метавонанд истифода шаванд.

Таҳлили арзиши захираҳои сармоягузорӣ ҳангоми баҳодиҳии самараноки сармоягузорӣ бо усулҳое, ки ба дисконткунони маблағҳо асоснок карда шудааст махсусан муҳим аст. Дисконткунонии селаҳои пулӣ интихоби тафриқаи меъёри фоизро дар назар дорад вобаста аз хусусиятҳои махсуси сармоягузорӣ объект ва мақсади баҳодиҳи. Тағйиоти шаклҳои меъёрий фоиз барои дисконткунони маънои онро дорад, ки ба сифати он метавонад меъёрии депозит ва ё қарз истифода шавад, даромаднокии инфиродӣ бо баҳисобгирии омилҳои муайян (сатҳи беқурбшавӣ, дараҷаи хавф ва даромаднокии сармоягузорӣ), меъёрии даромаднокӣ аз сармоягузориҳои инфиродӣ, меъёри сармоягузорӣ аз фаъолияти ҷорӣ ва ғайраҳо. Аммо барои боварӣ ба ҳисобҳои нишондиҳандаҳои самаранокии сармоягузорӣ ки барои сармоягузории муайян татбиқ карда мешавад. Меъёри дисконт бояд ахборотидиҳи махсуси намудҳои гуногуни захираҳои сармоягузорӣ ва таъсири омилҳое, ки арзиши онҳоро муайян мекунанд ба назар гирад ва имкониятҳои ҳақиқи вуҷуд доштаро ба маблағгузорӣ фаъолияти сармоягузорӣ инъикос намояд.

«Барои баҳодиҳӣ беҳтар ва бисёромилаи самаранокии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ муаллиф усули ҳисобкунии меъёри тахфифро бо фосилаи вақт (меъёри тағйирёбанда) таҳия кардааст. Барои баҳодиҳии лоиҳаҳои навоварии сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад, ки меъёре истифода шавад, ки инҳоро дар бар гирад» [59].

1) бе назардошти меъёри дисконтии хавфҳо дар давраи муайяни вақт;

2) маҳаки беқурбшавӣ бо сатҳи дисконт алоқаманд аст барои давраи муайяни вақт ҳисоб карда мешавад;

3) маҳаки дараҷаи дисконт, бо дарназардошти тағйирёбии омилҳои дохилӣ ва берунаи хавфи навоварии лоиҳа хос мебошад.

Самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ дараҷаи мувофиқати лоиҳа бо мақсад ва манфиати шарикони сармоя мебошад, ки ба воситаи нишондиҳандаҳо ифода карда мешавад.

Бо мақсади баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои мухталифи ҷамъбастӣ ва усулҳои ҳисобкунии онҳоро истифода бурдан мумкин аст. Ҷузъҳо ва усулҳои асосии баҳодиҳии лоиҳаи сармоягузорӣ дар ҷадвали 1.4 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1.4. «Усулҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ»

	Нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ бо назардошти ба эътибор гирифтанӣ вақти сармоягузорӣ	**Нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ бе назардошти ба эътибор гирифтани вақти сармоягузорӣ**
Мутлақ	Даромади умумӣ; даромадӣ миёна	Арзиши софи ҷорӣ NPV; Самараи иқтисодии солона
Нисбӣ	Даромаднокии сармоягузорӣ (ROI)	Индекси фоиданокии сармоя (PI); Меъёри дохилии даромаднокӣ (IRR)
Даврӣ	Муҳлати содаи баргардонидани сармоя	Муҳлати тахфиф карда шудаи баргардонидани сармоя

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [59].

Таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки усулҳои арзёбии самаранокии сармоягузорӣ, бевосита нишондиҳандаҳои мутлақ, нисбӣ ва муваққатӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад. Баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ бо усули мутлақ ин фарқияти байни сармояи асосӣ ва хароҷоти ҷории татбиқи лоиҳа бо ченакҳои пулӣ истифода мешаванд. Баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ бо усули нисбӣ, ҳамчун таносубияти хароҷоти ҷорӣ ба хароҷоти умуми муайян карда мешавад. ки дар он нишондиҳандаҳои умумиҷаҳонӣ ҳамчун таносуби сметаи хароҷоти натиҷаҳои хароҷоти умумӣ муайян карда мешаванд. Самаранокии сармоягузорӣ бо усули баҳодиҳии муваққатӣ, ки дар он дараҷаи баргардонидани сармояи гузошташуда баҳисоб гирифта мешавад.

Бо назардошти омилҳои вақт баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ, бо усулӣ динамикӣ, ки дар он ҳамагуна даромадҳо ва хароҷотҳо барои қабули қарорҳои сармоягузорӣ ба назар гирифта мешавад. Қарорҳо оид ба сармоягузориҳо ин карор оиди хароҷотҳои мебошад, ки бо ҳадафи барои дар оянда натиҷаи дилхоҳ ба даст овардан равана карда шудааст.

Мувофиқи консепсияи арзиши софи ҷорӣ усули дисконтиронии дохилшавиҳои ояндаи воситаҳои пулӣ барои ҳисобкунии арзиши ҷорӣ бо мақсади

муқоисаи даромадҳо аз лоиҳаи сармоягузории дидашаванда бо лоиҳаи алтернативии дорои хавфи баробари маблағгузорӣ истифода мегардад.

Барои собит намуданӣ он, ки кадоме аз лоиҳаҳо даромади бештар дорад, ҳисобкардани арзиши софи ҷории онҳо зарур аст.

Арзиши софи ҷорӣ (NPV - Net Present Value) ин разиши овардашудаи софи дохилшавиҳои ояндаи воситаҳои пулӣ бо тарҳи хароҷоти ибтидоии сармоягузорӣ бар лоиҳа мебошад.

$$NPV = - И + Pn \qquad (1.1)$$

дар ин ҷо: N - ҳаҷми сармоягузорӣ;

Pn - гардиши пулӣ дар давраи n- (гардиши холиси пули нақд, ки мустақиман аз татбиқи сармоягузорӣ ба даст омадааст), ҳамчун фарқи байни воридоти пулӣ ва хароҷот аз фаъолияти амалиётӣ муайян карда мешавад;

r - меъёри даромад дар давраи n- яъне даромаде, ки сармоягузор талаб мекунад;

n - давраи вақти гирифтани даромад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки афзалияти усули коэффитсиенти ҳисобии хароҷотбарорӣ аз усули ҳисобкунии даврӣ хароҷотбарорӣ дар он аст, ки усули мазкур имконияти муқоисакунии муҳлати ҳаёти муфиди активҳоро нишон медиҳад. Усули арзиши софи ҷорӣ барои баҳодиҳии самаранокии солонаи иқтисодии лоиҳаи тадбиқшуда низ метавонад истифода шавад. Ҳамин тавр, барои ҳисоб кардани эквиваленти самараи иқтисодии солона, формулаи ануитетро истифода бурдан мумкин аст.

Дар шароити ҳозира шумораи зиёди сармоягузорон ҳангоми сармоягузории тамоми намудҳои сармоягузорӣ ҳам шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз пардохти аннуитетӣ истифода мебаранд, зеро ин намуди ҳисоббаробаркунӣ барои сармоягузорон имконияти ба даст овардани даромади зиёдро аз фоизҳо дода, ҳисобкунии қулайро барои қабулкунандагони сармоя низ таъмин мекунад.

Хубии пардохти аннуитетӣ дар он аст, ки имконияти қаблан банақшагирии буҷети ҳар як сармоя гирандаро медиҳад. Дар ҳолати на он қадар зиёд будани маоши тарафайн ва ба мӯҳлати тӯлонӣ бастани шартномаи сармоягузорӣ

супоридани ҳаҷми муқараршудаи маблаги солона ба вазъи молиявии ӯ таъсири калон намерасонад.

Аннуитет аз калимаи фаронсавии *annuité* ва лотинии *annuus* гирифта шуда, маънои солона, ҳарсоларо ифода мекунад.

Пардохти аннуитетӣ - ҳаҷми маблағи солонаи пардохти сармоягузорие мебошад, ки маблағи фоизи ҳисобкардашудаи сармоягузорӣ ва маблағи сармояи асосиро дар бар мегирад.

Ҳаҷми пардохти аннуитетӣ ба тариқи зерин муайян карда мешавад:

$$A = K \cdot S, \qquad (1.2)$$

дар ин ҷо: *S* - маблағи ибтидоии сармоягузорӣ, сомонӣ;

K – коэффисиенти аннуитет.

Коэффисиенти аннуитет пардохти як маротибаи солонаро ба қатори пардохтӣ табдил медиҳад.

Бо ёрии ин коэффисиент ҳаҷми пардохти баробари даврии сармоягузорӣ муайян карда мешавад:

$$K = \frac{i * (1+i)^n}{(1+i)^n - 1} \quad (1.3)$$

дар ин ҷо: i - меъёри фоиз дар як марҳила (ҳамагӣ *n* марҳила);

n - шумораи марҳилаҳо дар тамоми муддати эътибори аннуитет.

Арзиши мусбии ин нишондиҳанда ҷолибияти иқтисодии лоиҳаро нишон медиҳад. Ҳангоми муқоисаи лоиҳаҳои алтернативӣ, лоиҳа бо самараи баландтарини солона ҷолибтар аст.

Индекси даромаднокӣ (Profitability Index - PI). Индексӣ даромаднокии нишондиҳандаи нисбии лоиҳа ё арзиши дисконтшудаи даромади пулиро аз лоиҳа ба як воҳиди сармоягузорӣ нишон медиҳад. Он бо роҳи тақсими маблағи даромади дискондшуда ба сармоягузорӣ ҳисоб карда мешавад.

$$PI = Pn / (1+r)n/И \qquad (1.4)$$

дар ин ҷо: Pn - гардиши пулӣ дар давраи n-ум, n - шумораи марҳилаҳо дар тамоми муддати эътиборӣ;

N - ҳаҷми сармоягузорӣ.

Барои қабули қарорҳо дар бораи ҷолибияти иқтисодии лоиҳа шарти асосиест, ки агар PI аз 1 зиёд бошад, пас лоиҳа аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок ҳисобида мешавад. Дар акси ҳол, агар PI аз 1 камтар бошад, лоиҳа бояд рад карда шавад.

Меъёри дохилии даромад (IRR, Internal Rate of Return) - чунин сатҳи даромад, ки дар он NPV = 0, баробар бошад онгоҳ сармоягузорӣ ба маблағи даромади кам мешавад.

$$И = Pn / (1+IRR)n \qquad (1.5)$$

Ин даромаднокии воқеии сармоягузорӣ мебошад. Он бо роҳи ҳисоб кардани арзиши холиси ҷории дар ду арзиши мустақилона интихобшудаи даромаднокӣ бо истифода аз формулаи зерин ҳисоб карда мешавад: $IRR = R_1 + [NPV1(r2- r1) / (NPV1 +NPV2)]$ (1.6)



Расми 1.11.- Меъёри дохилии даромад
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Расми 1.11. нишон медиҳад, ки ҳадди аксари арзиши сармоя, ки метавонад барои маблағгузории ин сармоягузорӣ ҷалб карда шавад.

Усули пардохтпазирӣ барои муайян кардани давраи баргардонидани сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст (муҳлате, ки дар давоми он ҷараёни холиси

дисконтшудаи сармоягузорӣ сармояро фаро мегирад). Мазмуни иқтисодии ин нишондиҳанда маънои онро дорад, ки нишондиҳандаи таҳлилӣ - аналитикӣ дар таҳлили оморӣ мувофиқат мекунад. Дар таҳлили динамикӣ, муҳлати баргардонидан тавассути дисконт кардани гардиши пулҳои лоиҳа ҳисоб карда мешавад. Формулаи умумии ҳисобкунии муҳлати пардохт сармоягузорӣ, ки дар он:

$$\sum_{t=0}^{n} CFt \succ Io \quad (1.7)$$

дар ин ҷо: PP - муҳлати пардохти сармоягузорӣ;

n - миқдори даврaҳо, селаи воситаҳои пули дар давра;

t- арзиши сармоягузории ибтидои мебошад.

Самаранокии сармоягузории муҳлати пардохт, нисбат ба давраи татбиқи он аҳамияти калон дорад.

Ҳангоми истифодаи усулҳои динамикии баҳодиҳии сармоягузорӣ даромадҳо ва пардохтҳои пулӣ барои даврaҳои муайяни истифодаи объекти сармоягузорӣ ба назар гирифта мешаванд. Воридшавии воситаҳои пулӣ ва пардохтҳо вобаста аз муҳлати татбиқи онҳо гуногун арзёбӣ карда мешаванд. Ҳангоми истифодаи ин усулҳо барои баҳодиҳии сармоягузорӣ онҳо на бо арзишҳои миёна, балки бо арзиши ҷории даромадҳо ва пардохтҳо амал мекунанд, ки вобаста ба лаҳзаи татбиқи онҳо фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, барои ҳар як раванди сармоягузорӣ бояд силсилаи мушаххаси даромадҳо ва пардохтҳо сохта шавад.

Бо истифода аз усулҳои динамикии баҳодиҳии сармоягузорӣ, ки ҷаззобияти объекти сармоягузориро дар тамоми давраи хидмати он то лаҳзаи сармоягузорӣ (фурӯш) арзёбӣ мекунад. Танҳо корхонаҳои аз ҷиҳати молиявӣ солим қодиранд, ки ин усулҳоро истифода баранд.

Усулҳои оморӣ. Дар асосӣ усулҳои бузургии мутлақ ба нишондиҳандаҳои фоиданокӣ тавсифдиҳандаи ҷамъи фоидаи соф, ки аз иштироки лоиҳа (ташаббускори лоиҳа, сармоягузор, қарздиҳанда) дар дараҷаи амалинамудани лоиҳаро нишон медиҳад. Нишондиҳандаҳои фоиданокии лоиҳа ҳаҷми фоидаи

софро, ки аз иштироки лоиҳа дар натиҷаи татбиқи он ба даст меоранд, тавсиф мекунанд.

$$\pi = \sum_{t=0}^{m} Pt - Ct \quad (1.8)$$

дар ин ҷо: P_t- баҳодиҳии арзишии натиҷаҳои бадастовардаи иштирокчии лоиҳа дар фосилаи t-уми амалисозии вақти лоиҳа (моҳ, семоҳа, сол);

$\mathbf{C_t}$ - маҷмуи хароҷоти иштирокчии лоиҳа дар фосилаи t-ум;

m - миқдори фосилаи вақт дар давраи сармоягузорӣ, яъне давраи ҳаётии лоиҳа.

Фоидаи миёнасолона ин нишондиҳандаи ҳисобшудае мебошад, ки миқдори миёнаи фоидаи софро, ки иштирокчиёнии лоиҳа дар давоми сол ба даст овардаанд, муайян мекунад:

$$\pi_{ср} = \frac{1}{T} \sum_{t=0}^{m} (Pt - Ct) \quad (1.9)$$

дар ин ҷо: T - давомнокии давраи сармоягузорӣ, солҳо мебошад.

Лоиҳа метавонад аз ҷиҳати иқтисодӣ ҷолиб ҳисобида шавад, агар нишондиҳандаҳои даромаднокӣ мусбат бошанд, дар акси ҳол лоиҳа зиёновар аст.

Нишондиҳандаҳои фоиданокиро нисбат ба субъектҳои гуногуни хоҷагидорие, ки мехоҳанд дар лоиҳа манфиатдор бошад, ҳисоб кардан мумкин аст. Барои ҳар кадоми онҳо танҳо мундариҷа ва аҳамияти баҳодиҳии арзиши, натиҷаҳо ва хароҷот тағйир меёбанд. Ҳамин тавр, барои як сармоягузори эҳтимолӣ, натиҷаҳои иқтисодии лоиҳа даромади пешбинишуда (масалан, дивидендҳо) мебошанд, ки ӯ дар давоми амалигардии лоиҳа ба даст овардааст ва барои қарздиҳанда натиҷаи иқтисоди пардохтҳо барои қарзи додашуда ба лоиҳа гузошташуда мебошад.

Нишондиҳандаи фоиданокии сармоягузорӣ (ROI - Return On Investments) имкон медиҳад, ки на танҳо омили фоиданокӣ лоиҳа, балки дараҷаи ин фоиданокӣ низ муайян карда шавад. ROI ҳамчун таносуби фоидаи миёнаи солона ба хароҷоти умумии сармоягузорӣ дар лоиҳа муайян карда мешавад.

$$ROI = \frac{\sum \pi_t}{T} \qquad (1.10)$$

Дар ин ҷо: π_t - фоидаи соф аз лоиҳа дар соли t; T - миқдори солҳо дар давраи сармоягузорӣ; I - ҳаҷми хароҷоти сармоягузорӣ барои лоиҳа.

Фоиданокии сармоягузорӣ (ё меъёри фоида) метавонад барои муқоисаи фаъолияти лоиҳа бо имконоти алтернативии сармоягузории асосӣ истифода шавад.

Усулҳои статикии ҳисобкунии самаранокии иқтисодиро соҳибкорони хурд ва миёна истифода мебаранд, зеро ҳисоб кардани ин усулҳо хеле содда аст. Соҳибкорон аксар вақт ин усулҳоро дар ҳолатҳое истифода мебаранд, ки сармоягузорӣ дар ҳаҷми кам мебошад ва ҳисобҳо бояд зуд ва ба осонӣ анҷом дода шаванд ва нишондиҳандаҳо барои даврaҳои алоҳидаи ҳаёти объекти сармоягузорӣ беэътимод бошанд. Бо вуҷуди номуайянии нисбӣ, ин усулҳо метавонанд сармоягузориҳои бесамарро муайян ва пешгирӣ кунанд.

Ҳамин тавр, мо ду намуди усулҳои муайян кардани самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузориро баррасӣ намудем. Ҳарду намуди ин усулҳо тарафҳои мусбат ва манфии худро доранд. Мо баъзе меъёрҳои муқоисаи ин усулҳоро муайян намудем ва онҳоро дар мувофиқа муқоиса кардем ин муқоисанамои дар ҷадвали 1.5. дарҷ гардидааст.

Ҷадвали 1.5.-«Хусусияти муқоисавии усулҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодӣ»

Меъёрҳои муқоисакунӣ	Методҳои оморӣ	Методҳои динамикӣ
Андозаи корхонае, ки ин гурӯҳи усулҳоро истифода мебарад	Хурд ва миёна	Калон
Дараҷаи муракабӣ ҳисоб	Паст	Баланд
Ҳаҷми сармоягузорӣ	Хурду миёна	Калон
Дараҷаи хатогиҳо	Баланд	Паст
Омили вақт	Баназар гирифта намешавад	Баназар гирифта мешавад

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [55]

Аз ҷадвал дида мешавад, ки баҳодиҳии динамикии самаранокии лоиҳа барои мо мувофиқтар аст. Агар ширкати мо хеле калон бошад, дараҷаи кофии устувории молиявӣ ба миқдори хеле калон ниёз дорад.

Механизми такрор истеҳсолкунии фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ шакли татбиқи вазифаҳои тактикии стратегияи сармоягузории воқеии мебошад, ки барои ба дастовардан ва омӯзиши омилҳои беруна ва дохилӣ таъсир мерасонад, ки метавонанд самаранокии фаъолияти онро коҳиш диҳанд. Дар натиҷа, зарурати объективии баҳодиҳии самаранокии механизми такрор истеҳсолкунии фаъолияти сармоягузорӣ, ошкор намудани ҷанбаҳои манфии фаъолияти он, барои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба бартараф намудани онҳо ба миён омадааст.

Механизми самараноки фаъолияти такористеҳсолкунии фаъолияти сармоягузорӣ бояд ҳалли вазифаҳои зеринро таъмин кунад:

1) нигоҳ доштани устувории баланди молиявии соҳаи кишоварзӣ;

2) васеъкуни ва такористеҳсолкунии фондҳои асосӣ соҳаи кишоварзӣ;

3) афзоиши самаранокии истифодаи сармояи соҳаи кишоварзӣ.

Барои назорат аз болои ҳалли ин муамоҳо муаллиф пешниҳод кардааст, ки натиҷаи ҳамгирошудаи фаъолияти механизми такористеҳсолкунии фаъолияти сармоягузорӣ тавассути як қатор коэффитсиентҳо муайян карда шавад (ҷадвали 1.6).

Ҷадвали 1.6.- «Ташаккули натиҷаи маҷмуии фаъолияти механизми такористеҳсолкунии фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ»

Нишондиҳандаҳо	**Самаранок**	**Бесамараноки**
Коэффитсенти автономӣ	**>0,5**	**<0,5**
Коэффитсенти хавфи молиявӣ	**<1**	**>1**
Гардиши сармояи шахсӣ	**Афзоиш**	Таназзул
Гардиши сармояи қарзӣ	**Афзоиш**	Таназзул
Фоиданокии сармояи шахсӣ	**Афзоиш**	Таназзул
Азнавсозии воситаҳои асосӣ	**Коэффитсенти азнавсозӣ>Коэффитсенти хориҷшавӣ**	Коэффитсенти азнавсозӣ<Коэффитсенти хориҷшавӣ
Фондмусалаҳшавӣ	***Афзоиш***	Таназзул
Сохтори амудии тавозун	***Активҳои ғайри гардон< Сармояи худдӣ ва қарзҳои дарозмудат***	Активҳои ғайри гардон> Сармояи худдӣ ва қарзҳои дарозмудат
Арзиши иловашудаи иқтисодӣ	***>0***	<0
Натиҷаи ҳамгироӣ	***Ҷамъ***	***Ҷамъ***

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [96].

Вақте ки арзиши як корхона дар самти самаранокӣ паст мешавад, критерия 1 таъин карда мешавад, дар ҳолатҳои дигар ба 0 баробар мешавад. Қиматҳо ба натиҷаи интегралӣ ҷамъ оварда мешаванд, ки чунин тафсир карда мешавад.

1) 9 - «Механизми мутлақи фаъолияти самаранок». Шарти муфидтарин; суботи баланди молиявӣ, кам кардани хавфҳои молиявӣ, тавсияи васеи фондҳои асосӣ, афзоиши самаранокии истифодаи сармояро таъмин намуд.

2) 5-8 - «Механизми самарабахш» таҳлили тамоюлҳои манфии марбут ба маблағгузорӣ ва такрористеҳсоли сармояҳо ва бартарафсозии онҳоро талаб мекунад.

3) 0-5 - «Механизми бесамар». Таҳлили сабабҳои бесамарӣ, таҳияи самтҳои баланд бардоштани самаранокии такрористеҳсолкунии фаъолияти сармоягузорӣ зарур аст.

Дар шароити муосир ҳар як лоиҳаи сармоягузорие, ки дар соҳаи кишоварзӣ равона карда мешавад, бояд на танҳо аз нуқтаи назари самаранокии тиҷорӣ балки самаранокии иҷтимои ва экологӣ баҳо дода шавад.

Истеҳсоли пахта яке аз бахшҳои асосии стратегӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон баҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза, ки масъалаҳои рушди устувор, ҳифзи муҳити зист ва беҳбудии иҷтимоии аҳолӣ дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дорад, таҳлили самаранокӣ истеҳсоли пахта на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки аз дидгоҳи иҷтимоӣ ва экологӣ низ аҳамияти хос дорад.

Бо назардошти афзоиши сармоягузорҳо дар соҳаи пахтакорӣ, зарурати таҳияи як механизми баҳодиҳии таъсири ин сармоягузориҳо ба муҳити зис ва сатҳи зиндагии аҳоли пеш омадааст.

Самаранокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамчун нишондиҳандаи рушди устувор дар назар дошта мешавад. Бо назардошти тавсияҳои Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) баҳодиҳии самаранокӣ сармоягузорӣ дар бахшҳои иқтисодӣ бояд бо назардошти таъсири мусби ба муҳити зист ва некуаҳолӣ сурат гирад.

Соҳаи пахтакорӣ яке аз соҳаҳои муҳими бахши кишоварзӣ мебошад, зеро механизми истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиӣ, пасткардани сатҳи ифлосшавӣ ва таҳкими инфрасохтори иҷтимоӣ амали мегардад. Аз ин рӯ,

таҳқиқоти муосир ба баҳодиҳии ин се самт иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ аҳамияти бештарро касб менамояд.

Ҷадвали 1.7.-Шаклҳои самаранокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эклогии истеҳсоли пахта

№	Аломатҳои муайянкунанда	Шарҳи саманокӣ соҳаи пахтакорӣ
Самаранокии иқтисодии истеҳсоли пахта		
1	Истифодаи оқилонаи захираҳо	Бо ҷори намудани технологияҳои обёрии қатрагӣ, механизатсияи ҷамъоварӣ ва тухмии серҳосил метавонад хароҷотҳоро кам ва ҳосилнокиро зиёд кард.
2	Зиёд намудани ҳосилнокӣ	Ташкили дурусти раванди кор, омӯзиши деҳқонон ва истифодаи таҷҳизоти замонавӣ, боиси афзоиши ҳосилнокии замин ва маҳсулнокии меҳнат мегардад.
3	Коҳиши хароҷот ва беҳтар намудани сифати маҳсулот	Бо идоракунии самараноки хароҷот (нуриҳо, сӯзишворӣ, нақлиёт) ва баланд бардоштани сифати пахта фоида ва раққобатпазирии маҳсулот дар бозор зиёд мешавад.
Самаранокии иқтимоии истеҳсоли пахта		
1.	Эҷоди ҷойҳои навӣ корӣ	Сармоягузориҳо дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад. Дар минтақаҳои деҳот, ки имконияти шуғли аҳолӣ маҳдуданд, рушди пахтакорӣ метавонад имкони кори доимӣ ва мавсимиро барои садҳо нафар фароҳам созад. Махсусан занон ва ҷавонон аз ҷунин имкониятҳо бештар баҳраманд мегарданд.
2.	Беҳтар шудани шароити меҳнат	Бо ворид кардани техника ва технологияи муосир шароити меҳнат дар хоҷагиҳои пахтакор беҳтар мешавад. Меҳнати дасти коҳиш ёфта, хавфҳои саломатӣ кам мегардад. Истифодаи либосҳои муҳофизатӣ, омӯзиши кормандон ва риояи стандартҳои меҳнатӣ нишондиҳандаҳои самаранокии иҷтимоии сармоягузориҳо мебошад.
3.	Таъсири ғайримустақим ба сатҳи зиндагии аҳолӣ	Бо афзоиши даромад ва шуғл, имконияти дастрасии аҳолии деҳот ба хизматрасониҳои тиббӣ, маориф ва инфрасохтор беҳтар мешавад. Ин падидаҳо ҳамчун нишондиҳандаҳои ғайримустақими самаранокии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.
Самаранокии экологии истеҳсоли пахта		
1.	Истифодаи самаранокӣ захираҳои об	Пахта яке аз соҳаҳои об талаб дар самти кишоварзи мебошад. Бо ворид намудани системаи обёрии қатрагӣ, сармоягузор метавонад масрафи обро то 40, 50% коҳиш диҳад. Ин тадбирҳо инчунин ба беҳтаршудани ҳолати хок мусоидат мекунад.
2.	Коҳиши истифодаи маводи кимиёвӣ	Истифодаи беш аз ҳадди нуриҳо ва пестисидҳо метавонад боиси ифлосшавии хок ва об гардад. Сармоягузор ба истифодаи моддаҳои камифлоскунанда ва техникаи коркарди биологии зироатҳо яке аз роҳҳои асосии коҳиши таъсири манфи ба муҳити зист мебошад
3.	Муқовимат ба шуршавӣ ва эрозияи замин	Дар баъзе манотиқи пахтакор масоили шуршавии замин ва эрозия мушоҳида мешавад. Сармоягузорӣ ба барқарорсозии ин заминҳо (масалан, тавассути чорабиниҳои мелиоративи) метавонад сатҳи ҳосилнокиро нигоҳ дорад ва муҳити зистро муҳофизат кунад
4.	Пахтаи органикӣ роҳи рушди устувор	Сармоягузорӣ ба истеҳсоли пахтаи органикӣ, ки бе истифодаи кимиёвӣ истеҳсол мешавад на танҳо таъсири экологиро коҳиш менамояд, балки ба бозорҳои байналмилалӣ роҳ мекушояд. Ин равand метавонад ҳамзамон фоидаи иқтисодӣ ва экологиро таъмин кунад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Самаранокии сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакорӣ бояд на танҳо ҳадафи афзоиши истеҳсолотро дошта бошад балки ҳифзи манобеъи табиӣ ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолиро низ дар назар гирад.

Арзёбии самаранокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии истеҳсоли пахта нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ метавонанд таъсири мусбат дар ду самти муҳим бехтаршавии шароити иҷтимоии аҳолӣ ва коҳиши таъсири манфи ба муҳити зист.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, муҳим аст ки:

1 Лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо принситҳои рушди устувор мутобиқ гарданд;

2. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологи дар марҳилаҳои банақшагири, амалисози ва мониторинги лоиҳаҳо ба ҳисоб гирифта шаванд;

3. Таълим ва иттилооти доими барои деҳконон ва кормандони соҳа таъмин карда шавад;

Бо татбиқи ин тавсияҳо соҳаи пахтакорӣ метавонад на танҳо ҳамчун бахши иқтисоди, балки ҳамчун намунаи рушди иҷтимоӣ ва зкологи дар кишвар рушт хоҳад кард.

Хулосаи боби 1. *Банди мазкур ба мафҳум, моҳият ва категорияҳои сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, ва нақши онҳо дар рушди иқтисоди бахшида шудааст.*

Аз нуқтаи назари илмӣ исбот карда шудааст, ки сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар як минтақа ва ё мамлакат дар шароити иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад.

Муаллиф ба он ақидааст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ бе сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва ё маблағгузорӣ устувории бахши иҷтимоӣ ва иқтисодиро тасавур кардан ғайри имкон аст. Маблағгузорӣ аз қабл омили муҳими рушди иқтисодӣ иҷтимоӣ буд, аммо захираҳои маблағгузорӣ хеле маҳдуд буда талаботи иҷтимоию иқтисодиро дар бисёр маврид таъмин карда наметавонад. Дар баробари ин захираи молиявии субъектҳои маблағгузори нокифоя буда, барои маблағгузории ба объектҳои маблағгузор, ки шумораи онҳо зиёд аст ҳавасманд нестанд. Маблағгузории институтҳои қарзӣ бошад, дар соҳаи гуногуни мувофиқ нест чунки маҳсулоти қисмати зиёди звенаҳои иқтисодӣ

мудати вақти муайянро талаб мекунад то ба маҳсулоти тайёр омодашуда, ба фурӯш бароварда фоида ба даст оварад. Дар ин мудат як қисми маблағи асосии қарз ва подоши он ба институтҳои қарзи бар гардонида шавад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ омили асосии ҳавасмандӣ ба даст овардан фоида мебошад, дар ин шароит сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Зеро сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ баъди ба анҷом расидани лоиҳаи сармоягузоришаванда дар мудатҳои дуру-дароз аз рӯйи ҳиссаҳо фоида ба даст меоваранд, ки ба ин ҳам ба сармоягузор ва ҳам ба объекти сармоягузори шаванда ҳавастманд мебошанд. Зиёдшавии ҷалби сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ ба рушди иқтисоди миллӣ дар шароити болоравӣ ва васеъшавии иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

Муаллиф далелнок исбот кардааст, ки сармоягузории ба хоҷагиҳои деҳқонӣ баъзан омилҳои манфӣ ва мусбие мавҷуданд, ки ба рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар як минтақа ва ё мамлакат дар шароити иқтисоди бозорӣ таъсири манфӣ ва ё мусбати худро мерасонад.

Вобаста ба хусусияти пайдоиши омилҳои таъсирбахш ба самаранокии сармоягузорӣ омилҳо ба объективӣ, субективӣ ва доимию муваққатӣ тақсим мешаванд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ омили асосии ҳавасмандӣ ба даст овардани фоида буда, дар ин шароит фаъолияти самараноки сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Зеро сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ баъди ба анҷом расидани лоиҳаи сармоягузоришаванда дар муддатҳои дуру-дароз аз рӯйи ҳиссаҳо фоида ба даст меоваранд, ки ин ҳам ба сармоягузор ва ҳам ба объекти сармоягузоришаванда ҳавасманд мебошанд. Бо ворид кардан маҳсулоти кишоварзӣ аз хориҷи кишвар таъмин кардани аҳолӣ бо маҳсулотҳои воридаотӣ паст кардан нархи он ғайриимкон аст. Таҳлили омилҳо нишон дод, ки бидуни дахолати давлат ва ё сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ муаммои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ё таъмини ашёи хоми саноати ғайри имкон аст.

Зиёдшавии ҷалби сармоягузорӣ ва самаранок истифодабарии он барои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити болоравии нархҳо ва васеъшавии иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар параграфи мазкур мушкилоти баландбардории самаранокии сармоягузорӣ ва омилҳои ба фазои сармоягузорӣ таъсиркунанда мушаххас карда шудааст. Ва самтҳои баланд бардоштани сармоягузорӣ нишондиҳандаҳои фазои таъсиркунанда дар бахши пахтакорӣ муайян карда шудааст. Инчунин вобаста ба таъсир, хусусияти пайдоиш омилҳои таъсирбахши фазои сармоягузорӣ гурӯҳбанди карда шудааст. Барои рушди фазои сармоягузорӣ имтиёзи сармоягузорӣ оварда шудааст.

Тавре ки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, соҳаи пахтакорӣ яке аз соҳаҳои фоиданоки кишоварзӣ мебошад, агар давлат сармоягузорӣ ё маблағгузориро ба ин соҳа равона намояд. Сармоягузориҳои хусусӣ ва ё маблағгузории қарзии бонкӣ ба соҳаи пахтакорӣ ё бо фоизи баланд ва ё бо шартномаи бо нархи паст харидани пахтаи истеҳсолшавандаи хоҷагиҳои деҳқони баста мешавад, ки ин ба соҳаи пахтакорӣ зарари ҷиддиро ба миён меорад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ самаранокии сармоягузорӣ дар бештари ҳолатҳо аз интихоби дурусти соҳаи афзалятноки иқтисодиёт вобаста мебошад зеро сармоягузори ба он соҳаҳое равона карда мешавад, ки имконияти ба дастовардани фоидаи бештарро дошта ва аҳамияти ҳалкунандаро дар минтақа дорад. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ бояд аз рӯйи принсипи самти афзалиятноки равона карда шавад ва он имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ ҳам фоидаи зиёди иқтисодиро ба даст оварад ҳам як соҳаи иқтисоди рушд ёбад. Барои ин, зарур аст, ки лоиҳаи сарсоягузорие, ки таҳия карда шавад, ки имконияти баҳодиҳро дар ҳар як марҳилаи сармоягузории банақшагирифташуда тавсиф намояд.

Аз нуқтаи назари мо самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакории хоҷагиҳои пахтакор се самти асосиро дар бар гирифта баҳод дода шавад:

1. Нақши сармоягузорӣ барои рушди иқтисоди соҳаи пахтакории хоҷагиҳои пахтакории минтақа ва кишвар дар маҷмуъ (самаранокии иқтисодии миллӣ);

2. Аҳамияти сармоягузорӣ барои таъмини аҳолии минтақа бо ҷойи кори доимӣ ва даромади доимӣ (самаранокии иҷтимоӣ);

3. Аҳамияти сармоягузорӣ барои ба дастовардани фоиднокии (самаранокии тиҷорӣ)

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки танҳо сиёсати давлатӣ сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки он имконият медиҳад, ки соҳаи мазкур ба бозори ҷаҳони маҳсулоти баландсифатро пешниҳод намояд.

БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИСТИФОДАИ САРМОЯҲО ДАР ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОРИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

2.1. Таҳлили динамикаи рушди хоҷагиҳои пахтакор

Пахта ва маҳсулоти пахтагин ҳамчун мол дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи хосса дошта, дар таъмини саноати сабук бо ашёи хом ва хӯроки чорво саҳми арзанда дорад. Вилояти Хатлон бо истифода аз иқлими мусоид дар парвариш ва инкишофи минбаъдаи соҳаи мазкур имконияти зиёдро соҳиб аст. Танҳо танзими соҳа ва ҷалби сармояи имтиёзноки дохилию хориҷӣ имконият медиҳад, ки иқтидори истеҳсоли соҳаи мазкур мавриди рушду инкишоф қарор гирад.

Вилояти Хатлон, ки дорои имкониятҳои зиёди табии, парвариш ва коркарди ин навъи маҳсулотро дорад, бояд дар баробари он имкониятро баҳри ҷалби сармоя фароҳам намуда, такмили бозори молиявиро ба роҳ монад ва рақобати комилро байни хоҷагиҳои деҳқонӣ ба миён орад.

Дар айни замон хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори вилояти Хатлон ба мушкилот ва монеъаҳо ба монанди: норасоӣ ё гаронии нуриҳои мениралию сӯзишворӣ, норасоии обтаъминкунии зироат, набудани техникаи пахтакорӣ ва бозори озоди фурӯши маҳсулоти пахтакорӣ дар бозори шаҳрию маҳаллӣ дучор шуда истодаанд.

Ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон ба таври возеҳ дарк намудаанд, ки пахта яке аз маҳсулотҳои қимматноки соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои аграрию саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, пахтакорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии вилоят ва пешбарандаи иқтисодиёти он мебошад. Кишоварзӣ соҳаи қадимаи аҷдодӣ буда, пешрафти истеҳсоли он омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқавории кишвар ба шумор меравад. Рушди пахтакории соҳаи кишоварзӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, зеро аҳолии умумии вилоят ба санаи 1-уми январи соли 2023, 3697,7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад ва дар деҳот бошад, ки 3035,0 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, 82% тамоми аҳолии вилоятро ташкил медиҳад, умр ба сар мебаранд. Пахтакорӣ соҳаи пешбурди иқтисодиёти вилоят буда, барои

қисми зиёди аҳолӣ манбаи ягонаи даромад ва барои корхонаҳои соҳаи саноати сабук ашёи хоми коркард мебошад. Барои он, аз 82 фисади аҳолии мардуми минтақа дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ки ҳиссаи он сол то сол меафзояд.

Ба андешаи мо ислоҳоти иқтисодии вилояти Хатлонро бояд аз ислоҳоткунонии соҳаи пахтакорӣ шуруъ кард, зеро сармоягузорӣ ва мусоидат ба соҳаи пахтакорӣ метавонад барои мардум ҷои кор фароҳам созад ва қадамҳои нахустин дар роҳи аз муфлисшавии соҳибкорон ва муҳоҷират раҳонидани мардум гардад.

Маълумотҳои омори нишон медиҳад, ки дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон пахтакорӣ мақоми аввал ва боғдориву полезкорӣ мақоми дуввум дорад.

Соҳаи пахтакорӣ бо таъмин кардани ниёзҳои корхонаҳои дохилии кишвар метавонад барои содирот низ заминаи мусоидро фароҳам оварад. Ниҳоди аслии хоҷагиҳои деҳконии пахтакорӣ - замин, обу ҳаво ва муҳимтар аз ҳама неруи созанда деҳқони асил мебошад, ки дар вилоят фароҳам аст. Дар вазъи кунунӣ ин неру, худ аз иҷрои мушкилоти мавҷуда, дар бахши пахтакорӣ намебарояд ва дар ин марҳила деҳқон ба кумаки давлат ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ ниёз дорад.

Бояд қайд кард, ки пешравии иқтисодиёти вилояти Хатлон бештар аз фаъолияти босамари хоҷагиҳои деҳконии пахтакор вобастагии зич дорад. Дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ, муассисаҳои байни хоҷагии кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ фаъолият мекунанд, ки дар панҷсоли охир танҳо ду намуди онҳо дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд, рӯ ба афзоиш дорад (нигаред ба чадвали 2.1).

Ҷадвали 2.1. - Динамикаи тағйирёбии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии пахтакори вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2023

	Воиди ченак	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Бузургии миёнаи хронологӣ	Тағйиот 2024 нисбат ба 2016	
											-,+	%
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	шумораи	57219	57609	60212	58704	63672	65604	68090	70085	62649,38	12866	122,4
Дигар корхонаҳои кишоварзӣ	шумораи	3130	3898	3596	2869	2887	2718	2313	2177	2948,5	-953	69,55
Майдони кишт дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ	гектар	1443306	1452364	1452757	1456923	1457754	1458576	1460022	1468005	1456213	24699	101,7
Киштзорҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои пахтакор	гектар	267554	270081	272135	272236	272038	272072	271599	273422	271392,1	5868	102,1
Ҳиссаи майдонҳои киштзори обёришавандаи корхонахои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои пахтакор	%	18,53	18,59	18,73	18,68	18,66	18,65	18,6	18,6	18,63	0,07	100,37
Пахта дар ҳамакатегорияҳои хоҷагиҳо	гектар	115535	119550	122404	122097	124175	121236	121694	116216	120363,4	681	100,5
Ҳиссаи замини пахта дар заминҳои бёришаванда	%	43,18	44,26	44,98	44,85	45,64	44,56	44,8	42,5	44,34	-0,68	98,42
Миқдори майдони кишти пахта дар хоҷагиҳои деҳқонӣ	гектар	95594	103198	103229	103352	99806	97567	96497	91275	98814,75	-4319	95,48
Ҳиссаи замини пахта дар хоҷагиҳои деҳқонӣ	%	82,74	86,32	84,33	84,65	80,37	80,47	79,29	78,53	82,09	-4,21	94,91
Майдони кишти пахта дар корхонаҳои кишоварзӣ	гектар	19941	16352	19175	18745	24369	23669	25197	24941	21548,63	5000	125,1
Ҳиссаи замини пахта дар корхонаҳои кишоварзӣ	%	17,26	13,67	15,66	15,35	19,62	19,52	20,07	21,46	17,83	4,2	124,33

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [39. –С, 335-345].

Аз маълумоти дар ҷадвали 2.1. дида мешавад, ки шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ сол то сол тамоюли зиёдшавӣ дорад. Ин тамоюли афзоишёбии хоҷагиҳои деҳқонии колон тақсим шуда, ба хоҷагиҳои деҳқонии хурд табдил ёфтааст. Агар соли 2022 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии вилоят 68090 ададро ташкил дода, бошад ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 70085 адад расидааст, ки ин аз зиёд шудани 1995 адад хоҷагиҳои деҳқониро нишон медиҳад. Дар соли 2022 шумораи умумии корхонаҳои кишоварзии бақайд гирифташудаи вилояти Хатлон 2177 ададро ташкил додааст, ки аз шумораи корхонаҳои бақайдгирифта шуда, дар соли 2023, 136 адад ё 5,87% расман барҳам дода шудааст, ки ин бевосита ба коҳиши ҳаҷм истеҳсол ва нархи маҳсулотҳои истеҳсолшавандаи хоҷагии деҳқонӣ алал хусус пахтакорӣ бе таъсир наемонад.

Аз гуфтаҳои бар меояд, ки бинобар сабаби норасоии маблағҳои зарурӣ барои таъмини рушди устувории истеҳсолоти худ хоҷагиҳои калон ба хоҷагиҳои хурд табдил меёбанд. Сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ дар минтақа барои муҳайё намудани ҷойҳои кории нав, инчунин ҳаҷми истеҳсолот ашёи хоми пахта ва корхонаҳои саноати сабуку хурокворӣ мегардад, ки ба афзоиши воридоти андоз ба буҷети давлати таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳамзамон бо афзоиши иқтидори содиротӣ ва ҳавасмандии моддӣи байни мол истеҳсолкунанда ва қудрати иқтисодии кишвар таҳким меёбад.

Аз ҷадвали 2.1. дида мешавад, ки ҳамагӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2023-273422 гектар заминҳои обёришаванда мебошад, ки ин аз 18,65%-и ҳамаи масоҳати кишти минтақаро ташкил медиҳад. Аз масоҳати кишти обёришвандаи минтақаи мазкур дар соли 2023 дар ҳаҷми 116216 гектар пахта кишт гардид, ки ин 42,5%-и заминҳои обёришавандаи минтақаро ташкил дода нисбати соли гузашта 2,37% -и кам кишт гардидааст. Аз масоҳати кишти пахтаи вилояти Хатлон дар соли 2023 дар ҳаҷми 91275 гектар ё 78,53% дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 24941 гектар ё 21,46% дар корхонаҳои кишоварзӣ кишт гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳарчанд сол то сол масоҳати заминҳои кишти пахта дар минтақа зиёд шаванд ҳам, аммо ҳаҷми истеҳсоли пахта кам шудаистода аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳисобтҳои оморӣ масоҳати замини кишти

пахта барзиёд пешниҳод карда шудааст. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ бо маҷбур кардании кишти паха басо мушкил аст. Зеро дар шарити иқтисодӣ бозоргонӣ омили ба ҳаракатоварандаи фаъолияти иқтисодӣ манфиати фардӣ ба ҳисоб меравад.

«Дар модели кейнсӣ омили асосии ҳавасмандгардонии маҷмуи талабот инвеститсия (сармоягузорӣ) баромад мекунад» [81]. Агар ин раванд, яъне ҷалби сармояро ба хоҷагиҳои деҳқонии вилоят таҳлил намоем, мушоҳида мешавад, ки ҳаҷми ҷалби сармоя дар хоҷагиҳои деҳқонии вилоят хеле дар сатҳи паст қарор дорад, ки ба рушди босуботи онҳо имконият намедиҳад. Сатҳи на он қадар баланди ҷалби сармоягузорӣ дар вилоят қисман бо асосҳои номусоиди иқтисодӣ ва вазъи ҷуғрофӣ тавсиф мегардад.

Барои рушди фаъолияти пахтакории хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳар шахс дар баробари доштани сармоя инчунин, маълумоти касбӣ, тарзи парвариш ва омӯзиши бозори пешниҳоди маҳсулот ва санъати соҳибкорӣ лозим аст, ки то ба рақобат тобовар бошад.

Барои расидан ба рушди устувори истеҳсоли пахта дар минтақа, ки пурра эҳтиёҷити дохилиро қонеъ гардонад яке аз вазифаҳои муҳимтарин ин сиёсати кишоварзии минтақа ба ҳисоб меравад, ки яке аз роҳҳои асосии ҳалли он мунтазам афзоиш додани ҳосилнокии пахтакорӣ, самаранокии истеҳсол ва коркарди он мебошад.

Дар баробари ин дар даҳсолаи охир дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ба тағйирот дар сохтори майдонҳои кишт оварда расонидааст, ки хоҷагидорон на ба кишти пахта балки дигар маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи даҳсолаи охир тағйироти сохтории майдонҳои кишт ба фоидаи дигар маҳсулоти кишоварзӣ ба чашм мерасад.

Ҷадвали 2.2. - Масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон, гектар

Солҳо	Дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ		Аз он ҷумла					
			Корхонаҳои кишоварзӣ			Хоҷагиҳои деҳқонӣ		
	Ҳамагӣ	Пахта гектар	Ҳамагӣ	Пахта гектар	%-пахта	Ҳамагӣ	Пахта гектар	%-пахта
2015	406795	113045	46344	16458	35,51	271582	96587	35,56
2016	412417	115535	49618	19941	40,18	273623	95594	34,93
2017	413916	119550	44138	16352	37,04	281424	103198	36,66
2018	403353	122404	45414	19175	42,22	274396	103229	37,62
2019	421838	122097	43591	18745	43,00	294088	103352	35,14
2020	426319	124175	53629	24369	45,44	287630	99806	34,70
2021	430514	121236	53758	23669	44,03	293288	97567	33,27
2022	433804	121694	58275	25197	43,24	291536	96497	33,09
2023	434315	116216	58415	24941	42,69	291976	91275	31,13
Бо ҳисоби миёна	420363,4	119550,2	50353,56	20983	41,48	284393,7	98567,22	34,68
Суръати миёна солонаи афзоиш	100,82	101,34	102,93	105,33	102,3	100,9	99,29	98,35

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [39, С. 66-73; 95-97].

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.2. бар меояд, ки масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон дар соли 2023 дар муқоиса ба соли 2015 дар ҳаҷми -27520 гектар зиёд ва ё суръати миёнаи афзоиши масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ 100,85%-ро ташкил дода, бошад ҳам, масоҳати кишти пахта дар ин мудат ба миқдори -3170 гектар афзоиш ёфта суръати миёнасолонаи он 101,34%ро ташкил додааст. Ҳамзамон дар соли 2023 корхонаҳои кишоварзӣ 42,67 фисади заминҳои киштро пахта корида бошад ҳам суръати миёнасолонаи масоҳати кишт 105,33%-ро ташкил медиҳад. Масоҳати майдонҳои кишоварзии хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоюл ба зиёдшави дошта, соли 2023 дар муқоиса бо соли 2015 дар ҳаҷми 5312 гектар зиёдшуда бо ҳисоби миёна ҳамасола масоҳати кишти хоҷагиҳои деҳқонӣ 99,29%-и заминҳои кишти пахтаро хоҷагиҳои деҳқони ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 2.2 масоҳати кишти пахтаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2023 нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 5222 гектар ё 2,24% кам кишт карда шудааст.

Маълумоти дар боло овардашуда, аз он шаҳодат медиҳад ки соли 2023 нисбати соли 2022 дар масоҳати 4,5 % кам пахта кишт карда, заминҳои кишти

вилояти Хатлон аз ин масоҳат 42,69%-ро ба корхонаҳои кишоварзӣ ва 31,13%-и он хоҷагиҳои деҳконӣ ташкил медиҳад.

Дар шароити муосир иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи мураккаби алоқамандии маҷмуии ҳамоҳангсозии иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии бисёр соҳаҳо, намудҳои фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Дар ин раванд, иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла пахтакорӣ, ҳамчун як организми махсус ва мураккаб буда, дар асоси шароити дохилӣ худтанзимкунӣ ва беруна устуворӣ барқарор карда мешавад. Вазифаи асосии парвариши пахта дар вилояти Хатлон, ҳамчун бахши муҳимтарини иқтисодиёти кишоварзӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо ашёи хоми озуқаворӣ ва саноатӣ мебошад. Қайд кардан муҳим аст, ки рушди иқтисодиёти хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори Ҷумҳурии Тоҷикистон бе восита ба рушди пахтакории вилояти Хатлон вобаста мебошад, зеро зиёда аз 68% ҳаҷми истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон истеҳсол мешавад. Вале на ҳамаи сол хоҷагиҳои деҳқонии бахши пахтакори самаранок фаъолияткунанда ва дар шароити мавҷудияти рақобат тобоваранда ба ҳисоб мераванд. Ин раванд дар фаъолияти номуътадили хоҷагиҳои деҳқонӣ, масоҳати заминҳои кишт, истеҳсол ва ҳосилнокии пахта дар ҷумҳурӣ низ дида мешавад (ҷадвали 2.3.).

Ҷадвали 2. 3. Тағйирёбии масоҳати масоҳати заминҳои кишт, истеҳсол ва ҳосилнокии пахта аз рӯйи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон тӯли солҳои 2015-2023

Нишондиҳанда ҳо		**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**Бо ҳисоби миёна**	**Суръати миёна солонаи афзоиш**
Масоҳати замини пахта, *(ҳазор гектар)*	I*	159,6	162,5	174,0	185,8	185,6	185,4	173,7	181,54	166,32	174,94	100,5
	II	113,0	115,5	119,6	122,4	122,1	124,2	121,2	121,69	116,22	119,54	100,35
	III	70,8	71,07	68,7	65,8	65,8	66,9	69,8	67,0	69,8	68,41	99,57
Ҷамъи ҳосили пахта *(ҳазор тон)*	I	270,0	284,7	386,5	300,3	403,0	396,0	388,8	404,66	344,35	353,14	103,09
	II	188,3	193,0	259,3	178,7	266,8	277,2	270,0	273,23	229,09	237,29	102,48
	III	69,7	67,8	67,09	59,5	66,2	70	69,4	67,52	66,53	67,08	99,42
Ҳосилнокии пахта*(сентнер аз 1га)*	I	17,3	17,6	22,4	16,2	21,7	21,8	21,4	22,3	21,1	20,2	102,51
	II	16,7	16,7	21,7	15,8	14,6	21,9	22,3	22,5	19,7	19,1	101,69
	III	96,53	94,88	96,87	97,53	67,28	100,4	104,2	100,9	93,4	94,67	99,58
Эзоҳ: I-Тоҷикистон; II-вилояти Хатлон; III- ҳиссаи вилояти Хатлон, бо %												

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [39. - С. 91, 152, 202].

Ҳамин тавр агар дар вилоят солҳои 2015 дар майдони 113,0 ҳазор гектар пахта кишт шуда бошад, пас дар соли 2019 дар майдони 122,1 ҳазор гектар, дар соли 2022 дар майдони 121,69 ҳазор гектар ва дар соли 2023 бошад дар майдони 116,22 ҳазор пахта кишт шудааст. Аз маълумотҳои боло бар меояд, ки соли 2019 8,05 % майдони кишти пахта коҳиш ёфта бошад дар солҳои 2022 8,69% ва соли 2023 бошад 13,78% нисбати соли 2015 майдони кишти пахта афзоиш ёфтааст.

Таҳлили ҷадвали 2.3 ба мо имкон медиҳад, ки то андозае оид ба тағйирёбии нишондиҳандаҳо оид ба ҷамъи ҳосили пахта дар вилояти Хатлон хулосаи зарурӣ барорем. Дар соли 2023 ҷамъовари ҳосили пахта дар вилояти Хатлони 229,09 ҳазор тонаро ташкил намуда нисбати соли 2022 дар ҳаҷми 44,14 ҳазор тона кам истеҳсол шудааст. Баландтарин ҷамъи ҳосили пахта дар давраи таҳлил шаванда соли 2020 буда дар ҳаҷми 277,2 ҳазор тонна ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки ин коҳишёби асосан аз ҳисоби камшавии масоҳати замиини пахта ба амал омадааст.

Барои чашмрас гардидани тағйирёбии нишондиҳандаҳои динамикии замини кишт, истеҳсол ва ҳосилнокии пахта дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон маълумотҳои ҷадвали 2.3-ро дар расми 2.1. тасвир менамоем.



Расми 2.1.- Тағйирёбии заминҳои кишт, истеҳсол ва ҳосилнокии пахта аз рӯйи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар вилояти Хатлон.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [39. - С. 91, 152, 202].

Таҳлили расми 2.1 нишон медиҳад, ки динамикаи масоҳати замини кишти пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор нест. Агар аз соли 2019 то соли 2022 масоҳати замини кишти пахта зиёд шуда бошад, пас аз соли 2023 динамикаи манфӣ ба чашм мерасад. Айнан дар вилояти Хатлон низ аз соли 2018 то соли 2022 динамикаи мусби мушоҳида карда мешавад. Соли 2023 ин нишондиҳанда нисбати соли 2022 дар масоҳати 44,14 ҳазор гектар ё ба 16,15% кам карда шудааст. Давраи солҳои 2015-2023 масоҳати кишти замин тағйирёбанда буда ноустувор арзёбӣ карда мешвад.

Сабаби тағйирёби ва ё ноустувории масоҳати кишти пахта дар он асос меёбад, ки қисми зиёди хоҷагиҳои деҳқони пахтакор дар ҳолати номаълуми фаъолият мекунанд. Номаълумӣ дар нархи ҷаҳони ва дохилии пахта ҳамчун ашёи хом ё талаботи корхонаҳои коркарди ашёи хам.

Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷараёни сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ вилоят ноустувор буда, динамикаи он мушоҳида карда намешавад.

Ҷадвали 2.4.- Нишондиҳандаҳои базисӣ ва занҷираи динамикаи ҳосили пахта дар вилояти Хатлон

Солҳо	Ҳосили пахта *(ҳазор тон)*	Афзоиши мутлақ		Суръати рушд (%)		Суръати афзоиш (%)		Қимати мутлақи як фоизи афзоиш *(ҳазор тон)*
		баъзисӣ	***занҷирӣ***	***баъзисӣ***	***занҷирӣ***	***баъзисӣ***	***занҷирӣ***	
2015	188,3	-	-	-	-	-	-	-
2016	193,0	4,7	4,7	102,5	102,5	2,65	2,65	1,93
2017	259,3	71	66,3	137,7	143,4	37,7	34,3	2,59
2018	178,7	-9,6	-80,6	94,9	68,3	-5,1	31,08	1,78
2019	266,8	78,5	88,1	141,7	149,3	41,7	49,3	2,66
2020	277,2	88,9	10,4	147,2	103,8	47,2	3,9	2,77
2021	270,0	81,7	-7,2	143,4	97,4	43,4	2,6	2,7
2022	273,23	84,93	3,23	145,1	101,2	45,1	1,2	2,73
2023	229,09	40,79	-44?14	121,66	83,84	21,66	-16,16	2,29

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [39. - С. 156].

Тибқи натиҷаи ҳисобҳои нишондиҳандаҳои динамикии ҳосили пахта бо усули базисӣ, мо метавонем чунин хулоса барорем, ки сол то сол ба ҷамъоварии ҳосили пахта майли зиёдшавӣ дорад.

Бо усули базиси дар муқоиса бо соли 2015, ҳар як соли минбаъда зиёдшуда бошадҳам аммо бо усули занҷири ин нишондиҳандаҳо камшудааст. (ба истиснои соли 2018 вақти ҷамъоварии ҳосили пахта аз соли 2015 буд).

Истеҳсоли пахта дар тӯли солҳои охир ба фарҳанги асосии техникӣ табдил ёфтааст, ки вилояти Хатлон и 50-70% ҳаҷми пахтаи ҷумҳуриро истеҳсол менамояд. Ин соҳа барои таъмин намудани саноати сабуки кишвар бо ашёи хом нақши муҳим дорад.

Барои муайян намудани тамоюл ё ҳолати босуръат тағйирёбии ҷамъоварии ҳосили пахта дар мудати солҳои таҳлилшаванда онро дар шакли графикӣ тасвир кардан мумкин аст.



Расми 2.2.- Вобастагии ҷамъоварии ҳосили пахта аз масоҳати кишт дар вилояти Хатлон

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [39. - С. 156].

Паст будани коэфисенти детерминатсия, пеш аз ҳама, будани ҳосилнокии пахта маънидод карда мешавад.

Нишондиҳандаи ҷамъоварии ҳосили пахта дар вилояти Хатлон ба ҳисоби миёна ҳар сол 0,572 ҳазор тона афзоиш ёфта истодааст, ки ин ҳолатро аз расми 2.2. хеле хуб дарк кардан мумкин аст. Ҳамзамон, коэффитсиенти детерминатсия

ба 0,3782 баробар гардида аст, ин маънои онро дорад, ки алоқамандии байни нишондиҳандаи ҷамъоварии ҳосили пахта вобаста ба масоҳати кишти он дар вилояти Хатлон ноустувор ва ростхатта буда, дар шакли мутлақ ин нишодиҳанда мунтазам афзоишёфта истодааст.

Аз маълумотҳои оморӣ истифода бурда, таҳлили динамикии сохтории ҳаҷми истеҳсоли пахтаро дар вилояти Хатлон барои солҳои 2015-2023 дида мебароем.

Ҷадвали 2.5.-Таъғйирёбии истеҳсол ва навъҳои пахта дар вилояти Хатлон тайи солҳои 2015-2023

Истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон	Бо ҳисоби	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Навъи 1.	Тона	158464	138626	203602	123189	201967,5	199360,3	193858,1	208417,3	170233
	фоиз	84,14	71,81	78,53	68,91	75,70	71,91	71,8	76,28	74,31
Навъи 2.	Тона	20378	19702	32449	20167	26439,4	32666,1	42935,7	40158,3	33360
	фоиз	10,81	10,20	12,51	11,29	9,91	11,78	15,9	14,69	14,56
Навъи 3.	Тона	5624	14716	16858	16817	16432,8	20922,7	25641,6	16820,6	15976
	фоиз	2,98	7,62	6,51	9,41	6,15	7,55	9,49	6,16	6,97
Навъи 4.	Тона	3634	16331	3770	16254	20041,5	21931,9	6049,6	6187,3	6450
	фоиз	1,94	8,47	1,45	9,09	7,512	7,91	2,240	2,26	2,81
Навъи 5.	Тона	240	3674	2598	2333	1908,2	2340,3	1516,7	1646,5	3070
	фоиз	0,13	1,90	1,00	1,30	0,71	0,84	0,56	0,60	1,34
Ҳамагӣ	Тона	188340	193049	259277	178760	266789,4	277221,3	270001,7	273230	229089
	фоиз	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [46. - С. 41– 47].

Динамикаи сохтор мазмуни тағйиротҳои навъҳои ҳаҷми истеҳмоли пахта дар вилояти Хаилон таҳқиқшаванда ва маънидодҳои иқтисодиро дигаргун намуда, ба тағйироти воситаҳои сабабиву натиҷавӣ мерасонад. Маҳз барои ҳамин омӯзиши сохтор ва тағйиротҳои навъии истеҳсоли пахта мавқеъи муҳимро дар таҳлили динамикӣ дорад.

Таҳлили ҷадвали 2.5 нишон медиҳад, ки ҳиссаи зиёди пахтаи ҷамъовардашуда навъи 1-ум буда, сифати аълоро доро мебошад. Аз ин бар меояд, ки хоҷагидорон дар ҷамоварии ҳосили аввал яъне навъи 1-ум ҳавасманд буда, барои навъҳои дигар аҳамият надода ҳосил дар заминҳо ҷамъоварӣ накарда мемонад.

Ҳисоби афзоиши мутлақи вазни қиёсии қисмҳои таркибии истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2015-2023 дар ҷадвали 2.6 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.6.-Суръати афзоиши вазни қиёсии қисмҳои сохтории ҳаҷми истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон тайи солҳои 2015-2023, (бо ҳисоби тонна)

Истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	$Tp_{d_i} = \frac{d_{ij}}{d_{ij-1}} \cdot 100$							
										2016 2015	2017 2016	2018 2017	2019 2018	2020 2019	2021 2020	2021 2022	2022 2023
Навъи 1.	158464	138626	203602	123189	201967,5	199360,3	193858,1	208417,3	170233	84,48	146,87	60,5	163,9	98,7	97,2	107,5	81,7
Навъи 2.	20378	19702	32449	20167	26439,4	32666,1	42935,7	40158,3	33360	96,68	164,7	62,1	131,1	123,5	131,4	93,5	83,15
Навъи 3.	5624	14716	16858	16817	16432,8	20922,7	25641,6	16820,6	15976	261,6	114,55	99,7	97,7	127,3	122,5	65,5	94,9
Навъи 4.	3634	16331	3770	16254	20041,5	21931,9	6049,6	6187,3	6450	449,4	23,08	431,1	123,3	109,4	27,5	102,3	104,2
Навъи 5.	240	3674	2598	2333	1908,2	2340,3	1516,7	1646,5	3070	153,08	70,71	89,79	81,8	122,6	64,8	108,5	186,41

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [46. - С. 41– 47].

Дар асоси нишондодҳои ҷадвали 2.6, суръати миёнаи афзоиши вазни қиёсии қисми сохтории і ҳаҷми истеҳсоли пахтаи вилояти Хатлонро дар давоми солҳои 2015-2023 ҳисоб намуда муайян намудем.

Аз руи натиҷаҳои бадастомада чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки вазни қиёсии навъи 1-уми истеҳсоли пахта дар давраи таҳлил шаванда, ба ҳисоби миёна 102,82%, навъи 2-юм дар ҳаҷми 113,3%, навъи 3-юм дар ҳаҷми 129%, навъи 4-рум дар ҳаҷми 108,8% афзоиш ёфта навъи 5-ум бошад 43,81% ё 56,19% коҳиш ёфтааст. Ҳамин тариқ аз ҳаҷми умумии истеҳсоли пахтаи навъҳои 1-ум ва 2-юми ҳиссаи зиёди пахтаи истеҳсолшудаи вилояти Хатлонро ташкил медиҳад, бинобар ин бевосита ба камшавии он, оварда мерасонад.

Зеро дар бозори ҷаҳонӣ танҳо навъҳои 1-уми ва 2-юми истеҳсолкардаи ҷумҳуриро ҳамчун навъи 2-юм барои харид қабул карда мешавад. Навъҳои 3-юм, 4-рум ва 5-ум ба бозори ҷаҳони бароварда намешавад.

Нишондодҳои миёнаи «мутлақи» афзоиши вазни нисбии қисми сохтории истеҳсоли пахтаи вилояти Хатлонро бо формулаи омори ва маълумотҳои ҷадвали 6 ҳисоб менамоем.

Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2023 нисбати соли 2015 истеҳсоли навъи якуми пахта дар вилояти Хатлон дар ҳаҷми 11769 тона, навъи 2 дар ҳаҷми 12982 тонна навъи 3 дар ҳаҷми 10352 тона, навъи 4 дар ҳаҷми 2816 тона ва навъи 5 бошад ба миқдори 2830 тона афзудааст. Дар умум бошад ҳаҷми истеҳсоли пахта дар соли 2023 нисбати 2015 ба миқдорӣ 40749 тонаро афзудааст.

Бо вуҷуди ин татқиқотҳо нишон медиҳад, ки хоҷагидорон барои истеҳсол ва парвариши ин маҳсулоти стратегӣ ҳавастманд набуда бештар кушиш барои кишти дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ менамоянд.

Дар ҳолатҳои дигари таҳқиқот баҳодиҳии тағйиротҳои сохторӣ дар омӯзиши падидаи иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки ифодакунандаи ҳаракатовранда ва ё устувории сохтории соҳаи пахтакорӣ вобастагӣ дорад.

Барои ҳисоб намуданӣ ин нишондиҳандаҳо дар ҷадвали ҳисоби сохтории истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2015-2023 пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 2.7.-Сохтори истеҳсоли пахта ва навъҳои он дар вилояти Хатлон тули солҳои 2015-2023

Вазни қиёси % ба натиҷа										Сутунҳои ҳисобшуда		
Истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	$\lvert d_{i16}-d_{i15}\rvert$	$(d_{i16}-d_{i15})^2$	$(d_{i16}-d_{i15})^2/d_{i15}$
1	**2**	**3**	**4**	**5**	**6**	**7**	**8**	**9**	**10**	**11**	**12**	**13**
Навъи 1.	84,14	71,81	78,53	68,91	68,91	75,70	71,91	76,27	74,31	12,33	152,029	1,8068564
Навъи 2.	10,81	10,20	12,51	11,29	9,91	11,78	15,9	14,69	14,56	0,61	0,3721	0,0344218
Навъи 3.	2,98	7,62	6,51	9,41	6,15	7,55	9,49	6,15	6,97	4,64	21,5296	7,224698
Навъи 4.	1,94	8,47	1,45	9,09	7,51	7,91	2,24	2,26	2,81	6,53	42,6409	21,979845
Навъи 5.	0,13	1,90	1,00	1,30	0,71	0,84	0,56	0,60	1,34	1,77	3,1329	24,099231
Хамагӣ	**100**	**100**	**100**	**100**	100	100	**100**	100	100	**25,88**	**219,704**	**55,145052**

Сутунҳои ҳисобшуда

$\lvert d_{i17}-d_{i16}\rvert$	$(d_{i17}-d_{i16})^2$	$(d_{i17}-d_{i16})^2/d_{i16}$	$\lvert d_{i18}-d_{i17}\rvert$	$(d_{i18}-d_{i17})^2$	$(d_{i18}-d_{i17})^2/d_{i17}$	$\lvert d_{i19}-d_{i18}\rvert$	$(d_{i19}-d_{i18})^2$	$(d_{i19}-d_{i18})^2/d_{i18}$	$\lvert d_{i20}-d_{i19}\rvert$	$(d_{i20}-d_{i19})^2$	$(d_{i20}-d_{i19})^2/d_{i19}$	$\lvert d_{i21}-d_{i20}\rvert$	$(d_{i21}-d_{i20})^2$	$(d_{i21}-d_{i20})^2/d_{i20}$	$\lvert d_{i22}-d_{i21}\rvert$	$(d_{i22}-d_{i21})^2$	$(d_{i22}-d_{i21})^2/d_{i21}$	$\lvert d_{i23}-d_{i22}\rvert$	$(d_{i23}-d_{i22})^2$	$(d_{i23}-d_{i22})^2/d_{i22}$	$\lvert d_{i24}-d_{i15}\rvert$
14	**15**	**16**	**17**	**18**	**19**	**20**	**21**	**22**	**23**	**24**	**25**	**26**	**27**	**28**	**29**	**30**	**31**	**32**	**33**	**34**	**35**
366,72	45,16	0,62	9,62	92,544	1,342	0	0	0	6,79	46,10	0,67	0,95	0,90	0,0119	4,48	20,07	0,27	-1,97	3,88	0,05	-9,83
2,31	5,34	0,52	1,22	1,4884	0,13	1,38	1,9044	9,91	1,87	3,49	0,35	1,35	1,821	0,1546	-1,20	1,45	0,09	-0,13	0,018	0,001	3,75
1,11	1,23	0,16	2,9	8,41	0,89	3,26	10,62	6,15	1,4	1,96	0,32	1,26	1,579	0,209	-3,34	11,15	1,17	0,81	0,66	0,108	3,99
7,02	49,28	5,81	7,64	58,37	6,42	1,58	2,49	7,51	0,4	0,16	0,02	0,28	0,08	0,01	0,02	0,0005	0,00	0,55	0,30	0,13	0,87
0,9	0,81	0,43	0,3	0,09	0,06	0,59	0,35	0,71	0,13	0,02	0,024	0,66	0,444	0,529	0,04	0,0016	0,00	0,74	0,54	0,90	1,21
18,06	**45,15**	**0,62**	**21,68**	**92,544**	**1,34**	**6,81**	**15,38**	**24,28**	**10,59**	**51,74**	**1,38**	**4,50**	**4,828**	**0,915**	**-1,8**	**32,68**	**1,55**	3,66	5,41	1,19	-4,88

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [46. - С. 41– 47].

Барои ҳисоби коэффитсиенти хаттии тағйиротҳои сохтории «мутлақ» дар давраи аввал (аз соли 2015 то соли 2016), давраи дуввум (аз соли 2016 то соли 2017), давраи севвум (аз соли 2017 то соли 2018), давраи чорум (аз соли 2018 то соли 2019), давраи панҷум (аз соли 2019 то соли 2020), давраи шашум (аз соли 2020 то соли 2021) давраи ҳафтум (аз соли 2021 то соли 2022) давраи аштум (аз соли 2022 то соли 2023) мувофиқан аз натиҷаҳои ҷадвали 2.7 истифода мебарем.

Ин нишондиҳанда тағйироти миёнаи ҳаҷми истеҳсоли пахтаро бо фоиз дар давраи таҳлилшаванда дар маҷмуъ вобаста аз навъҳои он инъикос менамояд.

Аз рӯйи ҳисобҳо дида мешавад ки, вазни қиёсии қисмҳои сохтории истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон аз соли 2015 то 2016, ба ҳисоби миёна 5,176 фоиз тағйир ёфт. Аз соли 2016 то 2017 тағйиротҳои сохтории «мутлақ» айнан ба ин миқдор 3,612 тағйир ёфтааст. Аз соли 2017 то 2018 бошшад дар ҳаҷми 4,336 фоиз тағйир ёфтааст. Аммо, аз соли 2019 то 2018 ин нишондиҳандаи сохтори 1,362 фоизро ташкил додааст. Соли 2019 то 2020 ин нишондиҳанда 2,118 фоизро ташкил додаанд. Соли 2020 то 2021 ин нишондиҳанда 0,9 фоизро ташкил намудаанд. Солҳои 2022 то 2021 нишондиҳандаи мутлақ 1,8 фоиз кам гардида , солҳои 2023 то 2022 ин нишондиҳанда 3,66 фоизро ташкил мекунад. Ин хулоса бо коэффитсиентҳои квадратии тағйиротҳои сохтории «мутлақ» ҳисбот шудааст (ҳисобҳои лозима дар сутунҳои 11,14, 17, 20, 23, 26, 29 ва 32 ҷадвали 2.7 иҷро шудаанд).

Сипас кимати коэффитсиенти квадратии тағйиротҳои сохтории нисбиро, бо истифодаи нишондодҳои натиҷавии сутунҳои 13, 16,19, 22, 25, 28, 31 ва 34 ҷадвали 2.7 муайян мекунем:

Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки агар дар соли 2016 вазни қиёсии ҳар як қисмати ҳаҷми истеҳсоли пахта, ба ҳисоби миёна беш аз 55 баробар ҳаҷми худ, дар соли 2017 ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 0,62 фоиз ҳаҷми худ, дар соли 2018 ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 1,34 фоиз ҳаҷми худ, дар соли 2019 ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 24 баробар ҳаҷми худ, дар соли 2020 ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 1,38 фоиз баробар ҳаҷми худ, дар соли 2021 бо ҳисоби миёна 0,91 фоизи ҳаҷми хурд, дар соли 2022 бо ҳисоби миёна 1,55 ва соли 2023 бошад дар ҳаҷми 1,19 фоиз

ҳаҷми хурд тағйир ёфтааст.

Барои баҳодиҳии тағйирёбии озоди сохтори маҷмуи истеҳсолшудаи пахтаи таҳқиқшавандаи вилояти Хаилон дар марҳилаи вақт, ки чанд даврaро дар бар мегирад коэффитсенти хаттии тағйиротҳои сохтории мутлақ ҳисоб карда мешавад:

Сохтори динамикии истеҳсоли пахтаро дар вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2015-2023 таҳлил намуда нишондиҳандаҳоеро муайян менамоем, ки бевосита ба самаранокии истифодабарии иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзии митақа алоқаманди дорад.

Ҷадвали 2.8. Сохтори динамики истеҳсоли воқеи ва назариявии истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон аз руи навъҳо дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ тайи солҳои 2015-2023, (тонна)

Солҳо	Навъи 1.		Навъи 2.		Навъи 3.		Навъи 4.		Навъи 5.	
	Ў=74,49+(-0,54)t		Ў=12,40+0,59t		Ў=6,98+0,26 t		Ў=4,85+(-0,24)t		Ў=1,06+0,059t	
	Воқеӣ	Назариявӣ	Воқеӣ	Назариявӣ	Воқеӣ	Назариявӣ	Воқеӣ	Назариявӣ	Воқеӣ	Назариявӣ
2015	84,14	76,66	10,81	10,02	2,98	5,93779	1,94	6,98	0,13	0,82511
2016	71,81	76,12	10,20	10,62	7,62	6,19862	8,47	6,98	1,90	0,88411
2017	78,53	75,57	12,51	11,21	6,51	6,45945	1,45	6,98	1,00	0,94311
2018	68,91	75,03	11,29	11,81	9,41	6,72028	9,09	6,98	1,30	1,00211
2019	68,91	74,49	9,91	12,40	6,15	6,98111	7,51	6,98	0,71	1,06111
2020	75,70	73,95	11,78	13,00	7,55	7,24194	7,91	6,98	0,84	1,12011
2021	71,91	73,41	15,9	13,59	9,49	7,50277	2,24	6,98	0,56	1,17911
2022	76,21	72,86	14,69	14,19	6,15	7,7636	2,26	6,98	1,34	1,23811
2023	74,31	72,32	14,56	14,79	6,97	8,02443	2,81	6,98	1,77	1,29711

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [46. - С. 41– 47].

Аз ҷадвали 2.8 дида мешавад, ки истеҳсоли навъи 1-уми пахта дар вилояти Хатлон давоми солҳои 2015-2023 бо ҳисоби миёна 74,49 % ташкил намуда дар ин мудат бо ҳисоби миённа 0,54% коҳишёби ҷамъоварии ҳосил ба назар мерасад. Агар дар ин давра ҷамъоварии ҳосили навъи якум паст шуда бошад ҷамоварии навъи дуюм бо ҳисоби миёна 12,4% суръати афзоишёбии он 0,59%, навъи сеюм

бо ҳисоби миёна 6,98% суръати афзоишёбии он 0,26%, навъи чорум боҳисоби миёна 4,85% суръати коҳишёбии он 0,24% ва ҳосили пахтаи навъи панҷуми бошад дар ин давра 1,06% суръати афзоишёбии он 0,059% -ро ташкил намудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад ки истеҳсоли пахтаи аъло сифати навъи яккум коҳиш ёфта, истеҳсоли пахтаи паст сифати навъи 2 ва 3 навъи 4 - ум ба коҳиш ёфта навъи 5-ум ру ба афзоишёби дорад, ки бевосита ба коҳиши нарх талаботи бозори вобастааст ва пахтаи ҷамоваринашуда дар заминҳои кишт боқи мемонад.

Таҳлил динамикии масоҳати кишт, истеҳсоли пахта аз рӯйи навъҳо ва ҳамаи шаклҳои хоҷагидори дар вилояти Хатлон барои солҳои 2015-2023 нишон медиҳад, ки дар ду соли охир коҳиши пахтакории бахши кишоварзӣ ба иқтисодиёт ва як қатор соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ таъсир мерасонад:

- рушди соҳаи пахтакорӣ барои қисми зиёди аҳоли ҷойҳои нави кориро муҳайё карда ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар минтақа, алахусус дар деҳаҳо такони ҷидди медиҳад: Бояд қайд намуд, ки ҳоло 30% аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар пахтакорӣ фаъолият мекунанд;

- пахтакорӣ яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзӣ дар минтақа буда қисмати асосии даромадҳои пулии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳли оилаи онҳо мебошад;

- мавҷудияти миқдори зиёди заминҳои азхуднашудаи бекорхобида ва аҳолии бекор барои рушди соҳаи пахтакорӣ мусоидат карда, миқдори зиёди нуриҳои минералӣ барои зиёд шудани ҳосили дигар зироатҳо аз рӯйи гардиши зироат мусоидат мекунад;

- сатҳи нисбатан нокифояи рушди соҳаҳои саноати сабук, бевосита ба пахтакории соҳаи кишоварзӣ дар ММД-и минтақа хеле баланд буда, саҳми парвариши пахта дар ин кор муҳим ва хеле назаррас аст. (содироти пахтаи нах бо тақрибан 1/3 даромади умумии содирот ва тақрибан 60% содироти кишоварзии минтақаро таъмин мекунад). Оиди суръати афзоиши содироти маҳсулоти пахта маълумотҳо нишон дода шудаанд.

Аз таҳлилҳои бармеояд, ки дар се соли охири таҳқиқшаванда истеҳсоли пахта коҳишёфта истодааст, ки ин бевосита ба паст гардидани ҳосилноки он вобаста мебошад. Масалан дар соли 2023 ҷамъи ҳосили пахта дар ҳамаи шаклҳои

хоҷагидории вилоят 229089 тоннаро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда нисбати соли 2022 ба миқдори 44141 тонна ва дар муқоиса ба соли 1991 ба миқдори 298916 тонна камшуда аст, ки 43,38% ҳаҷми истеҳсоли пахтаи соли 1991 ро ташкил дод ва дар ин давра он то ҳосилнокии он 2,6 сентнер кам гаштааст. Таҳлили динамики нишон медиҳад, ки ҳарчанд ҳаҷми истеҳсоли пахта дар вилоят сол то сол камшаванда бошад ҳам, аммо хосилнокии он дар ду соли охир тағйир наёфта чунин вазъият сабаби асосии коҳиши пахтакории хоҷагиҳои деҳқонӣ ва баланд шудани нархи маҳсулоти пахтагини аз ҷиҳати экологӣ тоза мегардад.

Бояд қайд намуд, ки ба ақидаи мо коҳиш ёфтани шумораи хоҷагиҳои пахтакор пеш аз ҳама бо сабаби сари вақт сармоягузоӣ нанамудани ин соҳа ва дар натиҷа ҳосилнокии пасти пахтакорӣ хароҷотҳои хоҷагиҳои пахтакориро руйпуш карда наметавонад. Бинобар датрас набудани маблағгузории сари вақт, аксарияти хоҷагиҳои пахтакор наметавонанд бо маводҳои минерали коркарди техникии заминҳои киштро таъмин намоянд, ки ин бе восита ба паст гардидани ҳосилноки сабаб мешаванд.

Бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва таъмин намудаи аҳолӣ бо ҷои корӣ дар вилояти Хатлон пахтакорӣ бояд яке аз самтҳои асосиро ишғол менамояд. Ба ин мақсад ҳануз 31 октиябри соли 2009 «Баромаи рушди соҳаи пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» қабул гардида буд, ки истеҳсоли солонаи пахтаро ба ҳисоби миёна дар Тоҷикистон бояд ба 600 ҳазор тонна ва ҳосилнокии он бояд ба 30 с/га-ро ташкил намояд.

Дар вилоят ва ноҳияҳои он тайи солҳои охир ба ҳосилокии пахта 30с/га иҷро нагардида балки тамоюли он майл ба коҳишёбӣ дорад.

Ҷадвали 2.9.-Масоҳати кишт, ҷаъоварии ҳосили пахта ва ҳосилкнокии он дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои он

Вилоят ва ноҳияҳои пахтакорӣ он	Нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Бо ҳисоби миёна
1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12
Вилояти Хатлон	I	113 045	115535	119550	122404	122097	**122175**	121236	121694	116216	119328
	II	188340	193050	259277	178760	266789	277221	270002	273230	229089	237306,4
	III	***16,7***	***16,9***	***21,7***	***14,6***	*21,9*	***22,3***	***22,3***	22,5	19,7	19,84
шаҳри Бохтар	I	256	287	311	300	310	273	300	261	250	283,1111
	II	611	535	668	672	717	711	708	700	589	656,77
	III	***23,8***	***18,9***	***21,5***	***22,4***	23,1	22,9	23,6	26,8	23,6	22,95
ноҳияи Кӯшониён	I	12035	11858	11481	11251	11300	11300	11321	11321	10820	11409,67
	II	26160	25547	26208	22097	25062	25790	25794	26366	23910	25214,89
	III	***21,7***	***21,8***	***22,8***	***19,6***	*22,2*	***26,0***	***22,8***	23,3	22,1	22,47
ноҳияи Вахш	I	9 738	9877	9500	9606	9500	9574	8449	9402	9440	9454
	II	19587	19869	21000	15880	15622	21696	21630	22609	20503	19821,78
	III	***20,1***	***20,3***	***22,1***	***16,5***	*16,4*	***22,9***	***25,6***	24	21,7	21,066
ноҳияи Хуросон	I	4 350	4110	4330	4300	4312	4374	4374	4326	4278	4306
	II	5470	6917	9179	7938	9821	10258	9897	9997	10030	8834,111
	III	***12,6***	***16,9***	***21,2***	***18,5***	*22,8*	***23,5***	***22,6***	23,1	23,5	20,52
ноҳияи Дӯстӣ	I	6 500	6613	6780	7000	7048	7574	7321	7603	7420	7095,444
	II	11237	10626	15147	11461	16742	16983	18161	17802	20991	15461,11
	III	***17,3***	***16,1***	***22,3***	***16,4***	*23,8*	***22,5***	***24,8***	23,4	28,3	21,65
ноҳияи Кубодиён	I	6 871	7205	7510	7500	7501	7574	7200	7317	5789	7163
	II	11085	10252	16605	9030	17388	17320	15629	9968	10892	13129,89
	III	***16,1***	***14,5***	***22,1***	***12,0***	*23,2*	***23,0***	***21,7***	13,6	18,8	18,33
ноҳияи Ҷ.Балхӣ	I	8 899	9033	9693	9700	9300	9874	9900	9789	9807	9555
	II	15704	13719	21038	10000	19748	19738	20128	16092	19098	17251,67
	III	***17,6***	***15,4***	***21,7***	***10,3***	*21,2*	***20,2***	***20,3***	16,4	19,5	18,06
ноҳияи А.Ҷомӣ	I	7 915	7800	7820	8000	8000	8074	8100	8000	8020	7969,889
	II	11147	13851	17678	12378	18188	18488	18490	18660	14844	15969,33
	III	***14,1***	***17,9***	***22,6***	***15,5***	*22,7*	***22,9***	***22,8***	23,3	18,5	20,03
ноҳияи Ҷайҳун	I	3 865	5500	6030	7000	8350	7424	6840	7200	6066	6475
	II	6823	7168	12360	8179	18991	16827	16827	17307	13252	13081,56
	III	***17,7***	***13,1***	***20,5***	***11,7***	*22,7*	***22,8***	***24,6***	24	21,8	19,87
ноҳияи	I	5 871	5415	6000	6500	6500	6674	6404	6410	6301	6230,556

Идомаи ҷадвали 2.9.

Панҷ											
	II	5364	5910	12538	7908	14779	15195	13578	14820	4655	10527,44
	III	***9,1***	***11,0***	***20,9***	***12,2***	*22,7*	***22,8***	***21,2***	23,1	7,4	16,71
ноҳияи Шаҳритуз	I	5 175	5175	5250	5250	5250	5380	5400	5400	5535	5312,778
	II	7720	9016	11567	8222	12106	12282	12283	12565	9588	10594,33
	III	***14,9***	***17,7***	***22,0***	***15,7***	*23,1*	***23,1***	***22,7***	23,3	17,3	19,97
ноҳияи Ёвон	I	11395	11405	11400	11500	10956	11028	10487	10050	8827	10783,11
	II	16851	18386	23727	17284	25095	25396	25170	23690	24425	22224,89
	III	***14,8***	***16,4***	***20,8***	***15,0***	*22,9*	***23,2***	***24,0***	23,6	27,7	20,93
ноҳияи Н.Хусрав	I	3300	2855	3000	3000	3120	3224	3240	3240	3128	3123
	II	1211	2400	4277	3201	7143	7500	7335	7541	4402	5001,111
	III	***3,7***	***8,5***	***14,3***	***10,7***	*22,9*	***23,5***	***22,6***	23,3	14,1	15,95
Шаҳри Левакант	I	950	950	950	950	1010	1084	1080	1080	1030	1009,333
	II	2378	2296	2296	2210	2332	2450	2453	2537	2487	2382,111
	III	***25,0***	***24,4***	***24,2***	***23,3***	*23,1*	***22,7***	***22,7***	23,5	24,1	23,66
Шаҳри Кӯлоб	I	1995	3194	3130	3000	3000	3074	3074	2345	2135	2771,889
	II	4179	5523	6270	4616	6908	6995	9687	6944	4943	6229,444
	III	***20,9***	***17,3***	***20,0***	***15,4***	*23,0*	*22,8*	*22,7*	29,6	23,2	21,65
ноҳияи Восеъ	I	7974	7704	8010	8030	7047	7535	7550	7550	7483	7653,667
	II	12009	12012	17015	8561	14600	16890	17113	17793	9400	13932,56
	III	***15,1***	***15,7***	***21,2***	***10,7***	*20,7*	*22,5*	*22,7*	23,6	12,6	18,31
ноҳияи М.С.А. Ҳамадонӣ	I	5 330	5353	5444	5600	5606	5874	5950	5900	5819	5652,889
	II	9784	10701	11461	9356	12806	13523	13739	13946	8525	11537,89
	III	***18,4***	***20,1***	***20,7***	***16,7***	*22,8*	*23,0*	*23,1*	23,6	14,7	20,34
ноҳияи Фархор	I	7946	8198	9161	9917	9617	9674	9570	9650	9080	9201,444
	II	14525	12299	21738	12007	19187	19184	13111	22518	15164	16637
	III	***18,3***	***15,3***	***23,7***	***12,1***	*20,0*	*20,0*	*13,7*	23,3	16,7	18,12
ноҳияи Данғара	I	2680	3003	3650	4000	4370	4587	4680	4850	4990	4090
	II	6496	6022	8506	7760	3555	10001	10974	11366	11382	8451,333
	III	***24,2***	***20,2***	***23,3***	***19,4***	*21,9*	*21,8*	*23,4*	23,4	22,8	22,26

Эзоҳ: I *Масоҳати замини пахта (гектар), II Ҷаъи ҳосили пахта (тона) ва III Ҳосилнокии пахта(сентнер аз 1га).*

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44. – С. 82, 89].

Маълумотҳои омории ҷадвали 2.9. нишон медиҳанд, ки аз соли 2015 то соли 2023 ягон минтақаи вилоят, хосилнокии пахтаро ба 30с/га таъмин накардаанд. Дар вилоят зиёдтарин ҳосили пахта дар давраи таҳлилшаванда дар солҳои 2020-

2023 ба 29,6 с/га расида, пастарини он дар соли 2023, ки ба 7,4 с/га рост меояд ва боҳисоби миёна дар мудати 7 соли (2015-2023) таҳлил шаванда 19,84 с/га ташкил менамояд. Дар минтақаҳо бошад бо ҳисоби миёна ҳосилнокии зиёд дар шаҳри Левакан, ки 23,66 с/га ва пастарини он дар ноҳияи Носири Хусрав буда бо ҳисбоби миёна дар давраи таҳлилшаванда 15,2 с/га мебошад.

Ҳарҷанд мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 2. 9 масоҳати кишти пахта дар давраи таҳлилшаванда сол то соли зиёд шудаи стода бошад ҳам ҳосилнокии он тамоюл ба пастравӣ дорад, ки ин ҳолат барои ҳавасмандии хоҷагиҳои деҳқонӣ оиди кишти пахта таъсири манфӣ мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор дар парвариш ва истеҳсоли пахта аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд. Барои баланд бардошатани ҳосилникии пахта иҷро намудани ин вазифаҳо хело муҳим ва масъулиятнок буда, ҳамаҷониба татбиқ намудани маҷмуи тадбирҳоеро талаб мекунад, ки дар байни онҳо чорабиниҳои технологӣ ва ташкилӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд ва ҳар як хоҷагии деҳқонии пахтакор барои зиёд намудани ҳосилннокии пахта чунин чораандешиҳо карда шавад:

¬ Заминҳои обёришавандаро пурра ва илман самаранок истифода бурда ҳосилхезии хокро мунтазам афзоиш додан зарур аст;

¬ Баҳри беҳтар кардани ҳолати мериятивии заминҳои кишти пахта чораҳои мушахас андешида шавад;

¬ Заминҳои киштшавандаро ҳамвор намуда ба заминҳои камқувват пору ва нуриҳои сабз истифода бурдан лозим аст;

¬ Замини киштшавандаро бо тухмии хушсифат таъминкарда аз усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок истифода бурда шавад;

¬ Агротехникаро оиди парвариш ва ҷамъоварии ҳосили пахта риоя намудан зарураст;

¬ Чораҳои оиди мубориза барзиди ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳои пахтаро саривақт ва ба сифати баланд иҷро намоянд;

¬ Аз трактор ва дигар воситаҳои техникӣ самаранок истифода намоянд;

¬ Корҳои саҳроиро қатъӣ, саривақт ва бо сифати баланд назорат ва иҷро намоянд;

¬ Аз руи барнома ва дастурамалҳои соҳавӣ амал намудатухмии баландсифатро пошанд;

Омилҳои зикргардида, ки бе восита ба ҳосилнокии пахта таъсир мерасонад бе таъминоти техникаҳо, таҷҳизотҳо ва самаранок истифодабарии онҳо дар парвариш ва ҷаъмоварии ҳосил амалӣ намудан ғайри имкон мебошад.

Таҳлили сатҳи таъминоти техникии соҳа «... дар солҳои 2015- 2023 нишон медиҳад ки дар баробари кам шудани майдони кишт, инчунин таҷҳизот ва техникаи парвариши пахта низ коҳиш ёфтааст. Ҳамзамон суръати коҳиши паркҳои техникии трактороҳо аз динамикаи коҳиши ҳосили пахтаи хом зиёдтар мебошад. Ҳамин тавр дар давраи таҳлил шаванда ҳосилнокии пахтаи соли 2023 нисбати соли 1991 дар ҳаҷми 51,5% коҳиш ёфта, камшавии шумораи трактороҳо 35,5%-ро ташкил медиҳад» [39, с. 59-62]. Ин масала ҳарчи зудтар ҳалли худро тақозо дорад, зеро бе доштани иқтидори кофии техникӣ ва самаранок истифодаи он рушди минбаъдаи истеҳсоли пахта ва ҳосилнокии он мушкил мебошад.

Ҷадвали 2.10.-Ҳолати муҷаҳазии техникӣ ва техологии пахтакории вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023

Нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Ҳама намуди тамғаҳои техникаи кишоварзӣ	4021	12230	12144	12639	13155	13045	13173	13396	13633
Автомобилҳои боркаш	759	701	462	803	357	331	317	317	312
Ядакҳои трактории	1997	3774	3890	3883	3956	4072	3866	4109	4030
Испорҳои трактории	1084	3710	4034	4143	4400	4608	4743	4806	4863
Мошинҳои пахтачинӣ	-	-	10	10	12	11	11	11	11
Нармкунакҳои трактории	-	1471	1552	1681	1765	1761	1774	1760	1746
Мошинҳои куракғундор	-	-	-	-	1	3	2	2	2
Пахтаҷудокунакҳо	-	-	-	-	-	-	-	-	-

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [46. - С. 59-62].

Аз маълумотҳои ҷадвал бар меояд, ки хоҷагиҳои пахтакор бояд дар масъалаҳои истифодаи оқилонаи иқтидори техникӣ, аз қабили трактороҳо, мошинҳои кишоварзиро ҳаллу фасл кунанд. Бо роҳи танзими сатҳи истифодаи ин

воситаҳо бо хароҷотҳои камтар ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли пахта ва ба самаранокии рушди иқтисодиёти кишоварзӣ ноил шудан мумкин аст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки яке аз сабабҳои асосии паст будани ҳосилнокии соҳаи кишоварзӣ, ба хусус пахтакорӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он норасоии иқтидори техникӣ, нарасидани кадрҳо ё мутахассисони баландихтисос дар истифодаи техникаи кишоварзӣ, мушкилот дар ташкил ва рушди шаклҳои гуногуни моликият ва намудҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, идоракунии оқилона ва самараноки рушди соҳаи кишоварзии кишвар мебошанд.

Маълумотҳои ҷадвали 2.10 нишон медиҳад, ки коҳиши шумораи зиёдӣ таҷҳизоти кишоварзӣ аз қабили: ядакҳои трактории, испорҳои трактории, мошинҳои пахтачинӣ, нармкунакҳои трактории, пахтаҷудокунакҳо мушоҳида мешаванд.

Ҳамин тавр, агар дар соли 1991 шумораи ҳама намуди тамғаҳои техникаи кишоварзи дар вилояти Хатлон 37054 ададро ташкил дода буд, пас соли 2015 ин рақам ба 4021 адад баробар гардида дар соли 2021-13045 ададро ташкил медиҳад, ки 74,45%-и ва дар соли 2023 13633 ададро таҳкил додааст, ки ин 36,79% техникаи кишоварзии соли 1991-ро дар ташкил медиҳад.

Сабаби асосии камшавии техника ва таҷҳизоти кишоварзи, ба андешаи мо, таъсири омилҳои зерин мебошад: Аввалан, пас аз яку якбора пошхурии итиҳодии шуравӣ, гузаштани кишвар ба низоми нави иқтисодӣ, ихтисоси қаблан мавҷуда аз байн рафт аз ин рӯ, ба хотири таъмин намудани аҳолии бо маҳсулоти нонӣ, дар ҷумҳурӣ лозим омад, ки майдони кишти пахтаро кам кунад. Омили дигар хароҷотҳои зиёди истифодаи таҷҳизоти пахтачинӣ аз ҳисоби арзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки яке аз омилҳои паст шудани ҳосили пахта ҳамчун ашёи хом дар минтақа асосан коҳиш ёфтани иқтидори техникӣ, таҷҳизотҳо, риоя накардани технологияи кишт ва парвариши он ва вайрон кардани механизми талаботи бозорӣ мебошад

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ санаи 14-уми октябри

соли 2017 дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ қайд намуданд: «Соҳаи кишоварзӣ омили муҳиммӣ ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва манбаи ашёи хом барои корхонаҳои саноатӣ мебошад, ки тибқи маълумоти оморӣ дар ин соҳа беш аз 1,5 миллион нафар ё 65 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда фаъолият менамояд» [51].

Рушди соҳаи пахтакории вилояти Хатлон бевосита ба инкишофи имкониятҳои мавҷуда ва иқтидорҳои ояндаи хоҷагиҳои пахтакор вобастагӣ дорад. Дар шароити муосир истеҳсоли маҳсулоти пахтагин аҳамияти стратегӣ дорад, бинобар ин таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди муносибатҳои молиявӣ ва такмили бозори қарзӣ яке аз манбаъҳои афзалиятноки ҷалби захираҳои молиявӣ дар ин самт мегардад.

Яке аз роҳҳои таъмин бо хоҷагиҳои пахтакор бо воситаҳои техникӣ бо роҳи иҷораи молиявӣ (Лизинг) мебошад. Яке аз олимони тоҷик Ҳакимзода Я.Б. чунин ибрози назар менамояд: «Лизин василаи муҳим дар раванди қонеъгардониданӣ талаботи шахсон буда, дастовардҳои нодири инсоният барои дастрасии мусоид ба неъматҳои моддӣ ва пайдоиши ҳуқуқ, инчунин анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ аст» [126, с. 3].

Аз соли 2008 корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикагролизинг» ташкил карда шуд, ки барои самаранокии ташаккул ва рушди соҳаи кишоварзӣ бо татбиқи лоиҳаҳои мухталифи маҳаллӣ ва байналмилалӣ, ки ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудааст нокифоя мебошад (нигаред ба ҷадвали 2.11).

Аз шумораи умумии иҷораи молиявӣ (лизинг) гирандагон дар ҷумҳурӣ дар дар давраи таҳлилшаванда 63,08%-ро вилояти Хутлон ташкил мекунад, ки дар ҳаҷми 427697754 сомонӣ иҷораи молиявӣ гирифташудааст.

Аз ҷадвал дида мешавад, ки вилояти Хатлон ба ду минтақа тақсим шудаст минтақаи Кӯлоб ва минтақаи Бохтар шумораи лизинг гирандагон дар минтақаи Кӯлоб дар давраи таҳлилшаванда 1185 адад бошад дар минтақаи Бохтар ин нишондиҳанда 1334 ададро ташкил медиҳад минтақаи бохтар бобати гирифтанӣ лизинги соҳаи аграрӣ хеле фаъол мебошанд.

Ҷадвали 2.11. Маълумот оид ба таъсису мукамалгардонии МХТ – ҳо ва ба иҷораи молиявӣ (лизингӣ) додани техника ва таҷҳизотҳо дар солҳои 2008 то 2025

№	Шахру нохияхо	Шумораи лизингирадаҳо (адад)	Техника ва тачхизотхои МХТ-хо			Иҷораи молиявӣ			Сохтмони базаи МХТ (сомонӣ)	Хамаги		
			Техника (адад)	Тачҳизот (адад)	Маблаг (сомонӣ)	Техника (адад)	Тачҳизот (адад)	Маблағ (сомонӣ)		Техника	Тачҳизот	Маблаг (сомонӣ)
1	Данғара	290	10	115	7307522	226	415	47229580	8069336	236	530	62606438
2	Восеъ	297	14	154	9775925	215	290	38877556	512350	229	444	49165831
3	Кӯлоб	62	1	32	805789	51	128	6323166	1697743	52	160	8826698
4	Ш.Шохин	73	1	7	303080	52	110	8996910		53	117	9299990
5	Фархор	131		30	574370	83	148	17473675		83	178	18048045
6	Балҷувон	41		60	950290	22	43	3413650	1532021	22	103	5895961
7	Муминобод	46		30	500075	34	63	4390755		34	93	4890830
8	Хамадонӣ	130	2	30	1393000	90	260	15910345		92	290	17303345
9	Ховалинг	50	1	35	1196755	34	55	4846340		35	90	6043095
10	Темурмалик	65	1	49	739635	46	108	10068339	974419	47	157	11782393
11	Мағозаи Данғара		2	160	3442282					2	160	3442282
Ҷамъ минтақаи Кӯлоб		**1185**	**32**	**702**	**26988723**	**853**	**1620**	**157530316**	**12785869**	**885**	**2322**	**197304908**
12	Шахритус	95	2	5	221900	62	97	11835365		64	102	12057265
13	Панҷ	91				66	98	14416930		66	98	14416930

Идомаи ҷадвали 2.11.

14	Дусти	135	2	55	3003079	89	158	23388697	900565	91	213	27292341
15	Н.Хусрав	50	2	9	754760	40	44	6162649		42	53	6917409
16	Кабодиён	38		4	101600	30	45	3961412		30	49	4063012
17	Ҷайхун	85		34	2093350	59	100	13966742	311063	59	134	16371155
18	Ҷ.Балхӣ	91	3	9	939675	80	95	19198237		83	104	20137912
19	Вахш	190	3	70	2065070	126	132	26026401	431773	129	202	28523244
20	Кушониён	111	1	2	572900	93	133	18646083		94	135	19218983
21	Ёвон	175		21	843855	135	138	25875158		135	159	26719013
22	А.Ҷомӣ	110	3	117	2322924	76	84	13701342	1044314	79	201	17068580
23	Хуросон	90	2	33	969612	58	108	14998025	1195316	60	141	17162953
24	ш.Бохтар	50				41	84	10879252	440218	41	84	11319470
25	Левакант	19		5	272680	15	40	4116758		15	45	4389438
26	Норак	4		8	34157	4	9	607514		4	17	641671
27	Мағозаи Хуросон		2	83	4093470					2	83	4093470
Ҷамъ минтақаи Бохтар		**1334**	**20**	**455**	**18289032**	**974**	**1365**	**207780565**	**4323249**	**994**	**1820**	**230392846**
Ҳамагӣ вилояти Хатлон		**2519**	**52**	**1157**	**45277755**	**1827**	**2985**	**365310881**	**17109118**	**1879**	**4142**	**427697754**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [43].

Дар ҳаҷми маблағ бошад ин нишондиҳанда баръакс мебошад минтақаи Кӯлоб 26988723 сомонӣ минтақаи Бохтар бошад 18289032 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати минтақаи Кӯлоб дар ҳаҷми 8699691сомонӣ кам иҷораи молияви гирифта шудааст.

Аз ҷадвали 2.11. дида мешавад, ки дар байни ноҳия ва шаҳракҳо бештари лизингирандагон аз ноҳияҳои Данғара ва ноҳияи Восеъ мебошанд, камтарини он ноҳияи Норак ва ва ноҳияи Левакан мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳеҷ соҳа бе таҳияи фаъолиятҳои сармоягузорӣ наметавонад рушди муътадили худро таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, дар шароити пуршиддат гардидани рақобат байни истеҳсолкунандагони пахта дар иқтисодиёт ва ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ омили муҳим ба ҳисоб рафта, яке аз унсурҳои муҳими рушди истеҳсолоти маҳсулоти пахта ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ воридоти сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Хатлон дар солҳои 2005 - 2024, 1482,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 1271,4 млн. долл. ИМА сармоягузориҳои мустақим ва 209,1 млн. долл. ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ташкил медиҳанд.

Ҷадвали 2.12. Воридоти сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Хатлон то соли 2024 ***(ҳаз. долл.ИМА)***

Ҷалби сармоягузориҳо	**Сармоягузории мустақим**	**Дигар намуди сармоягузориҳо**	**Ҷамъ**
2005-2009	524038,6		**524038,6**
2010	17279,0		**17279,0**
2011	416,2	100,0	**516,2**
2012	11076,1	140,0	**11216,1**
2013	87416,3	692,2	**88108,5**
2014	80377,7	28002,1	**108379,8**
2015	189186,2	14319,8	**203506,0**
2016	165223,4	64094,3	**230317,7**
2017	29358,7	30082,0	**59440,7**
2018	59922,4	22148,8	**82071,2**
2019	10595,2	11231,2	**21826,4**
2020	14688,63	13544,29	**28232,92**
2021	75,0	1353,8	**1503,8**
2022	60803,1	10241,8	**71044,8**
2023	16852,3	5774,4	**22626,7**
2024	4145,0	7373,7	**11897,2**
Ҷамъ	1271453,8	209098.4	**1482005,6**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [40].

***Эзоҳ*:** Зимни мафҳуми «Дигар намуди сармоягузориҳо» қарзҳои имтиёзнок ва дигар воситаҳои молиявӣ дар назар дошта мешавад.

Сармояи мустақим асосан ба соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноат ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ равона карда шудаанд.

Тибқи маълумоти Бонки миллӣ дар соли 2024 ба қаламрави вилояти Хатлон 11,9 млн.доллар сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба соли 2023 (22,9) маблағи 11,1 млн.доллар ё 48,2 фоиз коҳиш ёфтааст.

Воридоти сармояи мустақим бошад, дар ин давра маблағи 4,1 млн.долларро ташкил дода, нисбат ба соли 2023 (16,8) маблағи 12,7 млн.доллар ё 75,0 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар ин давра воридоти сармояи мустақим танҳо ба ноҳияи Данғара – 2,7 млн.доллар, ноҳияи Ёвон 1,0 млн.доллар ва шаҳри Бохтар маблағи 341,0 ҳазор доллар рост меояд.

Дар ҳамин давра ҳамаги ду лоиҳа дар соҳаи пахтакории вилояти Хатлон амали гардида анҷом ёфташудааст.

Ҷадвали 2.13. Лоиҳаҳои анҷомёфта дар соҳаи пахтакорӣ:

№	Номгӯи лоиҳаҳо	Маблағи аз худ кардашуда дар вилоят *(ҳаз. доллари ИМА)*
1.	Лоиҳаи»Барқарорсозии соҳаи пахтакорӣ»	6900,2
2.	Лоиҳаи»Рушди устувори соҳаи пахтакорӣ»	3779,5
122	**Ҳамаги маблағи лоиҳаҳои амалкунанда ва анҷомёфта**	1970941,56

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [40].

Аз ду лоиҳаи соҳаи пахтакорӣ 64.61 фисадаш ба барқарорсозии соҳаи пахтакорӣ» ва 35,39 фисадаш брои рушди устувори соҳаи пахтакорӣ равона карда шудааст. Дар ин давра ки 122 лоиҳаи сармоягузорӣ ба анҷом расидааст ҳамаги ду лоиҳа басоҳаи пахтакори амали карда шудааст дар ҳаҷми 10679,7 ҳаз. долари ИМА-и ё ҳамагӣ 0,54 фоизи маблағи умумии лоиҳаҳои анҷомёфтаро ташкил менамояд.

Дар ин самт нокифоя будани сармоягузорӣ ба рушди хоҷагиҳои пахтакор монеаҳоро эҷод менамояд. Аз ин рӯ масъалаи ҷалби захираи молиявӣ ва ташкили

низоми самараноки сармоягузорӣ, дар соҳаи пахтакорӣ ҳамчун омили самарабахш баромад мекунад. Ҳамингуна дар баробари рушди соҳаи пахтакорӣ имконияти татбиқ ва рушди соҳаи саноати сабук пайдо мегардад. «Дар вилоят ба 1 январи соли 2024-ум 186 корхона ва коргоҳҳои пахтатозакунӣ, 32 корхона ва коргоҳҳои дӯзандагӣ ва 6 корхонаҳои ресандагӣ фаъолият доранд» [44, с.6].

Соҳаи пахтакорӣ таъминкунандаи ашёи хоми ватанӣ буда, баҳри соҳаи саноат ва содироти маҳсулоти пахтагин баромад намуда дар шуғлмандгардонии аҳолӣ ба ҷойҳои корӣ нақшгузор аст.

Соҳаи пахтакорӣ хусусияти мавсимиро дорад аз ин рӯ талаботи соҳаи пахтакорӣ оиди ҷалби сармоягузорӣ бо хавфҳои шаклҳои гуногуни хоҷагидори алоқамандӣ дорад. Бинобар он эҳтиёҷоти барилова ба сармоягузорӣ ё захираҳои қарзии мавсимӣ пайдо мегардад. Феълан соҳаи пахтакорӣ ҳамҷун соҳаи ғайрифаъоли ҷалби сармоягузорӣ баромад мекунад, бинобар ин зарурати бунёди шароити ҷалби сармоягузориро барои таъмини раванди сармоягузорӣ ва рушди он муҳайё сохтан лозим аст.

Дар ҳалли масоили мазкур давлат муҳимтарин нақшро мебозад. Зеро дар рушди истеҳсолоти пахтакорӣ чораҳои самараноки сиёсати сармоягузорӣ нақши муассирро дорад то ин, ки хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори ҳавастманд гардида рақобат пазир бошанд.

2.2. Баҳодиҳии рушд ва рақобатипазирии хоҷагиҳои пахтакор

Дар шароити муосири ҳамгироии кишвар ба фазои иқтисодии минтақа ва ҷаҳон, масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои парвариш ва коркарди пахта щамчун яке аз сощащои асосии иқтисодиёти миллӣ, аҳамияти рӯзмарараро пайдо мекунад. Соҳаи пахтакории кишоварзӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои стратегии вилояти Хатлон на танҳо манбаи муҳими даромади хоҷагиҳои пахтакор, балки қисми муҳими содиротии минтақа мебошад.

Хусусан аҳамияти соҳаи пахтакорӣ дар яке аз калонтарин вилояти мамлакатамон Хатлон хеле баланд арзёбӣ карда мешавад. Пахтакорӣ дар минтақа

на танҳо манбаи муҳими даромади хоҷагиҳои пахтакор, балки қисми муҳими содиротиии минтақа мебоад

Ҳолат ва рушди соҳаи пахтакории вилояти Хатлон дар шароити иқтисодиёти бозорӣ пеш аз ҳама аз ҳисоби афзоиши иқтидори сармоягузорӣ барои ҷори намудани технологияи навин аз ҷиҳати экологӣ безарари бахши пахтакорӣ ва коркарди он вобастагӣ дорад. Амали мазкур раванди иқтисодиро тақвият бахшида дар навбати худ имконияти пешрафти илмию техникии истифодаи самараноки қувваи меҳнат ва захираҳои моддӣю молиявиро фароҳам меоварад. Дар ин ҳолат асосноксозии мафҳум ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии пешниҳодшаванда лозим аст.

Бо вуҷуди ин, дар шароити рақобати бозорӣ, фаъолияти бисёре аз хоҷагиҳои пахтакор бо монеаҳо ва мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ мегарданд, ки он метавонад сатҳи рақобатпазирии онро паст намояд. Аз ин ру таҳқиқ ва баҳодиҳии омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирӣ ва муайян кардани роҳҳои беҳтар кардани самаранокии истеҳсолот масалаи муҳими илмӣ ва амалӣ ба шумор меравад.

Чи тавре, ки Стиглер қайд менамояд «... дар аввал калимаи рақобат ба назарияи иқтисодӣ аз забони ғайриилмӣ ворид шуда, муддати тӯлонӣ танҳо рақобати мустақили байни ду ва зиёда шахсонро ифода мекард» [85]. Ӯ рақобат ҳамчун як хислатҳои дохилии инсонӣ, рафтори одамонеро ифода мекунад, ки барои мусобиқа кушиш мекунанд.

Чихеле, иқтисоддони бузург А.Смит дар татқиқоти худ «Омузиши боигарии миллатҳо бо тариқи мушаххас мафҳуми рақобатро чунин шарҳ дода чунин маънидод менамояд: дар ҳолате, ки ҳаҷми пешниҳоди мол коҳиш меёбад, рақобат миёни истеъмолкунандагон шиддат мегирад, ки ин ҳолат боиси афзоиши нархҳо мегардад. Баръакс дар вазъияте, ки ҳаҷми пешниҳод аз талабот зиёд аст, рақобат байни фурӯшандагон зиёд шуда дар натиҷа нарх тамоюли пастшавӣ мегирад» [84]. Ба ақидаи ӯ, рақобатро ҳамчун маҷмуи мутақобилаи кӯшишҳои фурӯшандагон мебошад, ки дар тӯли муддати дароз барои ба даст овардани назорати бозор ва ба таври устувор ҷойгир шудан дар он равона шудааст. Яъне ҳар як иштирокчии бозор кушиш мекунад, то тавассути беҳтар кардани сифати

маҳсулот, паст кардани нарх ё хизматрасонии хубтар, харидоронро ҷалб намояд ва мавқеи худро дар бозор тақвият диҳад. Тибқи ақидаи А.Смит рақобат ба шаклгирии одилона ва тақсимоти самараноки захираҳо мусоидат менамояд, рақобатро на танҳо як унсури бозор, балки асоси фаъолияти устувори иқтисодии бозорӣ мешуморад. Бозор худ ба худ тавассути механизми рақобат, танзим мегардад ва захираҳо ба самти он соҳаҳое равона мегардад, ки дар он ҷо самаранокии истеҳсолот ва талабот баландтар мебошад. Дар назарияи худ оид ба рақобати озод дар бозор А. Смит нақши давлатро махсус қайд менамояд.

Иқтисодчии бузург: «... Д. Рикардо дар таҳқиқоти худ назарияи Адам Смитро тақвияд бахшида, таърифи мафҳуми бартарии муқоисавии кишварҳоро дар робита ба шароити истеҳсоли гурӯҳҳои муайяни маҳсулот баён кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар тӯли давраи дуру дароз рақобатпазирӣ ҳамчун қобилияти субъектҳои хоҷагидории алоҳида ва кишварҳои дар истеҳсоли маҳсулотҳо ва хизматрасониҳо бо арзиши аслии нисбат ба дигарҳо пасттар ба чашм мерасад» [67].

Яке аз мутафаккирони бузурги иқтисодӣ Й. Шумпитер ба шумор рафта ӯ «Тавоноии рақобати бозориро дар ташабускорӣ ва дастовардҳои нави илмию техникӣ ҳамчун меъёри асоси он шарҳ медиҳад» [91]. Й. Шумпитер бовар дошт, ки рақобати комил дар бозор на фақат аз шумораи ширкатҳо, балки аз қобилияти онҳо барои овардани навгонӣ ва пешрафти илмӣ техникӣ муайян карда мешавад.

Дар солҳои 90-уми асри XX М. Портер, «далелҳои таъсири инқилоби илмию техникӣ ва ҷаҳонишавиро ба хусусияти рақобат дар ҷаҳони муосир ҷамъбаст карда, назарияи бартариҳои рақобатиро таҳия мекунад» [80].

«... марҳилаҳои рушди рақобатпазирии кишварҳоро, ки аз ҷониби М.Портер тартиб дода шудааст, баррасӣ мекунем:

1. Рақобате, ки ташкилшавиаш омилҳои истеҳсолот, (захираҳои табиӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва мавҷудияти қувваи кории баландихтисос ташкил додааст).

2. Рақобате, ки барои баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳои амалишавандаи соҳа, (дороиҳои ғайримоддӣ ва ғайри моддӣ ташкил мекунад).

3. Рақобате, ки барои афзоишёбии самаранокии равандҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад, натиҷаи он метавонад ба таҳияи технологияи нав, истеҳсоли маҳсулоти нав ва ё усули хизматрасонии нав ба монанди инҳо бошад.

4. Рақобате, ки дар асоси бойгари ташкил карда шудабошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳа ва минтақаи таҳлилшаванда бойгариҳои моддӣи наслҳои гузаштаро истеъмол мекунад. Аммо мутаасифона ин, бартариҳои дар боло зикргардида ба омили рақобатпазирӣ дохил намешавад» [80].

Читавре, ки академики Р.К. Раҳимов қайд менамояд «Тоҷикистон дар он марҳалаи рушд қарор дорад, ки бештар истифодаи шароитҳои омилии рақобатпазирии (яъне бартарияти рақобатии сатҳи паст) иқтисодиёти миллӣ ҷой дорад, ки истифодаи онҳо ҳамчун мавқеи ибтидоӣ, нуқтаи оғози инкишофи минбаъда, ҷалби сармоягузориҳо ва равонакунии маблағгузориҳо ба соҳаҳои баландтехнологии истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар марҳалаи аввал заминаҳои гузариш ба сатҳи нисбатан баланди рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ташаккул меёбанд» [110].

«Рақобатпазириро ҳамчун қобилияти як кишвари алоҳида барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ муайян кардан мумкин аст, ки дар доираи шароити озод ва одилонаи бозорӣ ба талаботи байналхалқии бозорӣ ҷавобгӯ мебошад» [113].

Асоси нишондиҳандаҳои рақобатпазирии соҳаи пахтакорро: даромаднокии истеҳсоли пахта, сатҳи муносиби хавфҳо, мавҷудияти мутахасисон дар хоҷагии пахтакор ва захираи бойи табиию иқлимӣ дохил мешавад.

Олими дигари тоҷик А. Рауфи қайд менамояд: «Рақобат - ин мубориза барои гирифтани фоида, ишғоли ҷойе, коре, натиҷаи истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасоние, мақоме мебошад, ки бо роҳи пешниҳод кардани натиҷаи бартаридошта назар ба дигар рақибон ғолибият муяссар шуда метавонад.

Рақобатпазирӣ – ин истеҳсол ва пешниход кардани моле (маҳсулот ё хизматрасонӣ) мебошад, ки назар ба ҳамин монанд моли рақибон-соҳибкорони дигар ё аз рӯйи хусусиятҳои истеъмолӣ (сифатнокӣ) ва ё аз рӯйи нархи фурӯши нисбатан паст бартарӣ дорад, яъне мол бо ин бартарияташ аз тарафи истеъмолкунанда-харидор пазируфта мешавад» [112, с.49-60].

Шуро оид ба рақобатпазирии Иттиҳоди Аврупо «рақобатпазириро ҳамчун қобилияти сохтани молҳо ва хизматрасониҳое, ки мавриди тақозо дар бозорҳои байналмилалӣ мебошанд ва дар як вақт фароҳам овардани шароит барои таъмини сатҳи баланд ва устувори сифати зиндагии аҳолии кишвар, таъриф мекунад» [101].

Соҳаи пахтакорӣ дар вилояти Хатлон яке аз бахшҳои муҳими минтақа ба ҳисоб рафта дар таъмини аҳолии деҳод ба ҷойи кор ва манбаи даромад, ин чунин дар рушди содироти минтақа нақши назаррас мебозад.

Дар барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзи дарҷ гардидааст: «Пахта ҳамчун маҳсулоти асосии содиротӣ бояд ба дараҷаи олӣ коркард шуда, ба бозори хориҷӣ дар шакли маҳсулоти тайёр пешниҳод шавад. Дар ин маврид фоиданокии пахта 400 фоизро ташкил дода, барои афзоиши даромади хоҷагиҳои деҳконии (фермерӣ) истеҳсолкунандаи пахта ва саноати коркарди ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад намуд» [29].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, яке аз унсурҳои калидии рушди минтақаҳо ин баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулотҳои содиротӣ мебошад. Вилояти Хатлон ҳамҷун яке аз минтақаҳои калонтарини кишоварзӣ ва саноатии ҷумҳурии Тоҷикистон, буда дар содироти маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан маҳсулоти пахтагин саҳми назаррас дорад.

Дар «Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040» соҳаи истеҳсол, коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодиёти кишвар қайд карда шудааст. Дар стратегия омили асосии таъмини рақобатпазирии соҳа мушаххас нишон дода шудааст» [33].

1. Самаранок истифодабарии неруи барқ: Дар рушди соҳаи ресандагӣ зикр кардан бамаврид аст, ки 10-15 дарсади арзиши аслии ресмони пахтагинро хароҷоти неруи барқ ташкил медиҳад ва дар ҳолати рақобатпазир гаштани маҳсулот пахтагин дар бозори дохил ва хориҷа арзиши аслии кам мегардад. Бо баробари 50 дарсад паст шудани арзиши неруи барқ маҳсулоти нассоҷӣ рақобатпазир шуда, ба буҷети ҷумҳурӣ маблағҳои иловагӣ ворид ва ҳаҷми

сармоягузориҳои нав дар рушди соҳаи нассоҷӣ гашта боиси ташкили ҷойҳои зиёд нав кории мегардад.

2. Пешниҳоди маҳсулоти тайёр ба бозор: Ба роҳ мондани фаъолияти комилан пурраи субъектҳои саноатии коркарди маҳсулоти пахта дар ҷумҳурӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва истифодабарии самаранокӣ он бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли пахта ва коркарди пурраи он дар дохили кишвар метавонад Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз мамлакати содиркунандаи нахи пахта ба кишвари дорои иқтидори коркардкунанда то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии арзиши баланддошта табдил диҳад.

3. Ҷалби сармояи хориҷи ва технологияҳои муосир: Беҳгардонии муҳити сармоягузорӣ на танҳо ба вусъат ёфтани ҷалби сармояи хориҷӣ ва содироти молу маҳсулот, балки ба интиқоли ошкорои сармояи ватанӣ ба хориҷи мамлакат ва устувор гардидани мавқеи он дар бозори байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

4. Такмили заминаи меъёриву ҳуқуқӣ: Ба роҳ мондани имтиёзҳои иловагӣ, фароҳам овардани заминаи мусоид ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи саноати сабук чораҳои судманди саривақтӣ ба ҳисоб меравад ва дар ҳолати мусбат арзёбӣ гардидани пешниҳоди болозикр рушди соҳа ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ таъмин мегардад.

5. Навсозии корхонаҳои хурд: Бо мақсади вусъат бахшидан ба навсозии технологии истеҳсолоти корхонаҳои хурд зарурати таҳкимбахшии робитаҳои тиҷоратии соҳибкорӣи хурд бо корхонаҳои бузург ва муқаррар намудани механизми мушаххаси расонидани кумаки техникӣ ба онҳо дар доираи корхонаҳои бузурги асосии соҳа ба вуҷуд омадааст.

6. Стандартҳои ҷаҳони мутобиқсозӣ истеҳсолот: Самтҳои асосии рушди саноати нассоҷӣ ин барқарорсозии ҳаҷми истеҳсолот дар корхонаҳои амалкунанда, бо дарназардошти баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, пӯшонидани маблағҳои хароҷотӣ, беҳбудии сифат ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани хусусиятҳои истеъмолию техникии маҳсулот мебошад.

«... асоси иқтисодиёти бозориро мафҳуми рақобат ташкил медиҳад, ки қувваи ҳаракатдиҳандаи инкишофи муносибаҳои тарафайни сбъектҳои дар муҳити иқтисодии муайян амалкунанда ба ҳисоб меравад.

Адабиёти иқтисодӣ, ки ба таҳқиқи масъалаи рақобатпазирӣ бахшида шудааст, се нуқтаи назарияи асосии ҷиҳати муайянсозии мафҳуми рақобат мавҷуд аст» [66]:

1. Рақобат ҳамчун мусобиқа дар бозор арзёби менамояд. Ин намуди рақобат ҳамчун муборизаи субекти иқтисодӣ барои ҷалби истеъмолкунанда, зиёд намудани ҳиссаи бозор ва ба ин васила дарёфти фоидаи бештар дида мешавад.

2. Рақобат ҳамчун механизми бозорие, ки тавоноии тавозуни байни талабот ва пешниҳодотро таъмин мекунад баррасӣ мешавад. Дар ин ҳолат рақобат ҳамчун воситаи худтанзимкунии бозор баромад мекунад, ки ба самаранокии тақсимоти захираҳо мусоидат мекунад.

3. Рақобат ҳамчун меъёри муайянкунандаи навъи бозори соҳавӣ мебошад. Ин равия дар асоси назарияи морфологии бозор ташаккул ёфта рақобатро воситаи ташхиси сохтори бозор ва сатҳи консентратсия дар соҳаҳо меҳисобанд.

Рушди иқтисодӣ ва иқтидори ҳар як соҳа ё давлат, ин чунин устувории мавқеи он дар байни соҳаҳо ё кишварҳои ҷаҳон, бевосита ба сатҳи рақобатпазирӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ вобаста аст.

Мувофиқи назарияи бартариятҳои рақобатии Майкл Порте «ҳангоми таҳлили рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бояд асосан ба омилҳои бунёдӣ пояи асосии қобилияти рақобатпазирии кишварро ташкил медиҳад, диқат дода шавад.»

Вилояти Хатлон омилҳои бунёдӣ ба монанди манбаҳои табии, қувваи кории арзон, шароити биологии иқлимӣ ва мавқеи ҷуғрофии муфид барои истеҳсол ва коркарди пахта дорад. Омилҳои бунёдӣ метаванад ҳамчун пояи рушди соҳаҳои мухталифи иқтисод, аз ҷумла кишоварзӣ (хусусан пахтакорӣ), саноати сабук ва ҳамкории беруни иқтисодӣ бо шарикони хориҷӣ хизмат кунад. Аз ин рӯ барои вилояти Хатлон истифодаи самараноки омилҳои бунёдӣ ва такмили иқтидори рақобатпазирӣ дар доираи сиёсати иқтисодии давлат муҳим мебошад.

Ҷадвали 2.14. -Динамикаи пахтаи содиршудаи вилояти Хатлон (*ҳазор доллари ИМА)*

Нишондиҳандаҳо	Солҳо									Коэффитсенти рушди миёна %	Суръати афзоиши миёна
	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023		
Ҳамагӣ, содироти вилояти Хатлон	115603,2	126725,5	148537,0	162176,6	184109,1	142984,2	176041,8	238238,5	232883,1	109,14	9,14
Ҳиссаи маҳсулотҳои пахтагини дар ҳаҷми умумии содирт	50991,5	49688,9	46884,7	83453,1	80646,3	70849,5	89753,5	119657,8	135590,6	113	13
	44,1%	39,2%	31,56%	51,46%	43,8%	49,55%	50,98%	50,22%	58,22%	132	32
Нахи пахта	50470,5	46479	24765,8	52399,4	43023,9	39685,2	45239,3	75236,4	110208,7	110,25	10,25
Ҳиссаи нахи пахта дар маҳинах	98,98%	93,54	52,82%	62,79%	53,35%	56,01%	50,40%	62,87%	81,28%	97,56	-2,44
Линт	-	1541,7	-	-	-	-	-			0	0
Ҳиссаи линт дар маҳинах	0	3,10%	0	0	0	0	0			0	0
Калобаи ришта	521,0	1421,2	22118,9	31053,7	37622,4	31164,3	44514,2	44421,4	25381,9	162,5	62,5
Ҳиссаи калобаи ришта мащинах.	1,02%	2,86%	47,18%	37,21%	46,65%	43,99%	49,60%	37,12%	18,72%	143,8	43,8
Тибити пахта	-	247,0	-	-	-	-	-			0	0
Ҳиссаи тибити пахта дар маҳинах.		0,5%								0	0

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [39. - С. 183-187].

Ба сохтори содироти иқтисодиёти вилояти Хатлон назар кунем, мебинем, ки дар соли 2023 ҳаҷми содиротӣ ба маблағи 232883,1 ҳазор долари ИМА-ро ташкил дода, аз он 135590,6 ҳазор доллари ИМА ё 58,22%-ро маҳсулоти пахтагин ташкил медиҳад. Агар ба соли 2023 нигарем ин нишондиҳандаҳо: 10208,7 ҳазор доллари ИМА ё 81,28% нахи пахта, линт – нест ва калобаи ришта – 25381,9 ҳазор доллари ИМА ё 18,72%-и содирати минтақаро ташкил карда аст.

Аз маълумоти ҷадвали 2.14. бар меояд, ки дар ҳиссаи маҳсулотҳои пахтагини содиршавандаи нахи пахта сол то сол камшуда аз 99% ба 81% расидааст, ин тамоюли коҳишёби ба он вобастаги дорад, ки дар солҳои 2015-2021 пахта ҳамчун ашёи хом бароварда мешуд, ки дар баъзан ҳолатҳо навъи аъло сифатро ҳамчун навъи паст ва бо нархи паст қабул мекарданд.

Дар ин солҳо ҳиссаи маҳсулоти пахтагин, ки дар зинаи коркарди аввалин дараҷа қарор дорад, тақрибан 1-3% ро ташкил медод. Бо вуҷуди ин, да солҳои 2020-2021 ҳиссаи коркарди аввалия дар маҳсулоти пахта ба таври назаррас афзоиш ёфта, ба 50% расидааст. Ин ба он ишора мекунад, ки бо зиёд шудани шумораи корхонаҳои коркарди пахта, қисми зиёди маҳсулоти содиршаванда ба маҳсулоти дуюмдараҷа табдил ёфта, бо нархи нисбатан баландтар ба бозор пешниҳод гардидааст.

Аммо таҳлилҳои солҳои 2022 ва 2023 нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои мазкур ба сатҳи қабли баргашта, содироти пахта ҳамчун ашёи хоми коркард нашуда пешниҳод карда мешавад.

Ҳамзамон таҳлилҳои иқтисодии мавҷудбуда нишон медиҳад, ки гарчанде, ки ҳаҷми содироти вилояти Хатлон сол ба сол афзоиш ёфта бошад ҳам, таркиби молии маҳсулоти содиротиро ғайрикофӣ буда, фоидаи зиёд надорад.

Мувофиқи маълумоти 2.14. агар ҳаҷми маҳсулотҳои содиршавандаи вилояти хатлон дар даввоми солҳои 2015-2023 бо ҳисоби миёна дар ҳаҷми 109,14%-ро ташкил диҳад, амммо ҳиссаи маҳсулотҳои пахтагин дар ин давра дар ҳаҷми 113%-ро ташкил додааст, ки бо ҳисоби миёна 111,25%-ро ташкил медиҳад.

Тағйирёбии динамикии ҳиссаи маҳсулотҳои содиротии вилояти Хатлонро дар шакли диаграмма нишон диҳем пас чунин шаклро мегирад.



Расми 2.3.-Тағйирёбии динамикии ҳиссаи маҳсулотҳои содиротии вилояти Хатлон

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [39. - С. 183-187].

Рушди равандҳои ҳамгироӣ дар ҷаҳон, аз як тараф, ташаккули фазои нави иқтисодиро барои хоҷагиҳои пахтакор фароҳам оварда бошад, аз тарафи дигар молистеҳсолкунандагонро маҷбур месозад, ки ба талаботи нави ҷаҳонӣ мутобиқ бошанд. Ҷанбаи якуми масъала барои хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон аз якчанд ҷиҳат муҳим мебошад, зеро ҳиссаи зиёди маҳсулоти содиротшавандаро маҳсулоти пахтагин ташкил медиҳад. (ҳаҷм умумии содирот дар соли 2022 ба 238238,6 ҳазор доллари ИМА баробар буда, аз он 119657,8 ҳазор доллари ИМА ё 50,23%-ро маҳсулоти пахтагин ташкил медиҳад).

Ҷанбаи дуюми масъала низ барои вилояти Хатлон муҳимияти хосса дорад, зеро соҳаи кишоварзӣ на танҳо хусусияти иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад. Аҳолии вилоят дар санаи 1-куми январи соли 2023 ба 3611,2 ҳазор нафарро расида 2970,4 ҳазор нафар ё 82,2%-и он дар деҳот умр ба сар мебаранд.

Дар айни замон тамоюли мусбати афзоиш ҳаҷми истеҳсоли махсулоти пахтагин ва содироти он ба хориҷи кишвар ҳам дар шакли ашёи хом ва ҳам маҳсулоти нимтайёр мушоҳида мешавад. (расми 2.3).



Расми 2.4.- Гурӯҳи молҳои пахтагин аз вилояти Хатлон содиршуда.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44. - С. 87].

Чуноне аз расми 1-уми маълум аст, давоми солҳои 2015-2022 ҳаҷми калобаи риштаи содиршаванда ҳолати афзоишёбандаро ба худ касб намуда аз 521 ҳазор дорллари ИМА дар соли 2015 ба 44421,4 ҳазор дорллари ИМА дар соли 2022 афзоиш ёфтааст, ки сатҳи афзоиши он 85 маротибаро ташкил медиҳад. Дар соли 2022 нахи пахтаи содиршаванда ба 75236,4 ҳазор дорлари ИМА расонида шуд, ки нисбат ба соли 2021 суръати афзоиш 1,7 баробар зиёд таъмин гардида, нисбати соли 2015 ба андозаи 24765,9 ҳазор дорллари ИМА тамоюли зиёдшавиро соҳиб гардидааст.

«Ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар вилоят 81,9 ҳазор тонна нахи пахта истеҳсол карда шудааст. Аз ҷониби корхонаҳои коркарди нахи пахта дар сол 2022 ба миқдори 17378,5 тонна ресмони пахтагин истеҳсол гардид, ки ин дар қиёс ба соли қаблӣ 406,6 тонна коҳиш ёфтааст. Истеҳсоли газворҳои пахтагин дар соли 2022 зиёда аз 16652,3 ҳазор метри мураббаъро ташкил дода, нисбат ба соли 2021 бо суръати 128,8% афзоиш ёфтааст» [44].

Чунин вазъият дар дигар нишондихандаҳои соҳаҳо оид ба коркарди пахта низ мушохида карда мешавад ба монанди матоъҳои тайёри пахтагин. Тамоюлҳои муайяншуда дар рафти татбиқи Барномаи давлатии саноатикунонии босуръат барои коркарди пахтаи хом як қатор тағйироти мусбат ба амал оварда мешавад, ки дар доираи он барои рафъи тамоюлҳои манфии парвариши пахта дар хоҷагиҳои пахтакори минтақа сармоягузорӣ муҳим арзёби мегардад. Аммо то хол дар

минтақа барои бартараф кардани окибатхои вайрон шудани потенциали репродуктивии хоҷагии пахтакор ва таркибии он — техника ва технология, замин, неруи инсонӣ, илми кишоварзӣ ва гайра сармоягузорӣ муяссар нашудааст. Илова бар ин, ба ин раванд нобаробарии нархҳо ва дастрас набудани қарздиҳии дарозмуддат бевосита ҳамчун соҳаи заровар нишондода барои фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаи комплекси агросаноатӣ» Барномаи рушди низоми агро-озуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 ва ҳадафи чоруми стратегӣ «Саноатикунонии босуръати иқтиодиёти миллӣ» тақвияти ҳаҷми истеҳсолот содироти махсулоти тайёри кишоварзӣ афзоиши меёбад.

Чунин тадбирҳо таваҷҷуҳи истеҳсолкунандагони ватаниро ба технологияи муосиру аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ҷалб менамояд. Аз тарафи дигар, чудо кардани кӯмакҳои молиявии давлат барои ба даст овардани техника ва технологияи кишоварзӣ ёри мерасонад.

«... барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти соҳаи пахтакорӣ ҳангоми амалигардонии фаъолияти беруниқтисодӣ аз ҷониби воҳидҳои хоҷагидории ватанӣ ахборот ва таъминоти самараноки ахборотӣ, ки бидуни онҳо қабули қарорҳои идоракунӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ номумкин аст, аҳмияти махсус доранд» [62]. Ин бошад дар навбати худ аз имкониятҳои хоҷагиҳои пахтакор ва мутахассисони ватанӣ барои истифодаи оқилонаи технологияҳои ахборотӣ вобастагӣ дорад.

Читавре, ки академик Р.К. Раҳимов, қайд менамояд: «... Тоҷикистон дар он марҳалаи рушд қарор дорад, ки бештар истифодаи шароитҳои омилии рақобатпазирии (яъне бартарияти рақобатии сатҳи пас) иқтисодиёти миллӣ ҷой дорад, ки истифодаи онҳо ҳамчун мавқеи ибтидоӣ, нуқтаи оғози инкишофи минбаъда, ҷалби сармоягузориҳо ва равонакунии маблағгузориҳо ба соҳаҳои баландтехнологии истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар марҳалаи аввал

заминаҳои гузариш ба сатҳи нисбатан баланди рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ташаккул меёбанд» [110].

Масалан, Одинаев Ш.Т., Раҷабов Ш.Х. ва Музаффаров Б.С. ҳолати мазкурро шарҳ дода қайд менамоянд: «Ҷалби сармоягузориҳо яке аз фишангҳои муҳимтарини таъсиррасонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ба шумор меравад. Аммо як қатор минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои сатҳи баланди ҷолибнокии сармоягузорӣ мебошанд, бо фаъолнокии пасти ҷалби сармоягузориҳо тавсиф карда мешаванд» [109, С. 256-258].

Қайд кардан зарур аст, ки дастгоҳои барои коркарди пахта истифода шаванда натанҳо аз ҷиҳати маънавӣ балки аз ҷиҳати ҷисмонӣ низ фарсуда гашта аксари ин корхонаҳо талафоти иқтисодиро бар душ дошта дар баробари ин маҳсулотҳои истеҳсолии онҳо ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам аз ҷиҳати арзиши аслии истеҳсоли рақобатпазир набуда дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ ҳамчун ашёи хом баромад мекунад (ба ҷадвали 2.15 нигаред).

Ҷадвали №2.15. Номгӯйи маҳсулотҳои муҳимитарини саноати сабук дар корхонаҳои пахтатозакунии вилояти Хатлон

Номгуи маҳсулот	воҳиди ченак	Солҳо									Соли 2023 нисбат ба соли 2015 бо %
		2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	
Газворҳои пахтагин	ҳазор метр	274,1	195,1	70,7	80,5	85,3	117,3	129,3	16652,3	9514,9	9240,8
Нахи пахта	ҳазор тонна	61,3	53,4	70,9	55,3	55,3	57,6	55,6	47,3	78,7	17,4
Чигит	ҳазор тонна	102,2	82,8	114,3	84,6	87,4	91,1	83,8	131,1	109,8	7,6
Калобаи ришта	тона	386	2627	8758,9	15409,1	17400,7	14105,4	17785,1	17378,5	9929,8	9543,8

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44. –С. 105].

Ҳамин тариқ, таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки ҳаҷми бениҳоят зиёди коҳишиёбии қисмати маҳсулоте, ки ашёи хоми пахта аст инъикос

менамояд, ин аз он шаҳодат медиҳад аз даст додани имкониятҳои зиёдшавии ММД-и вилоятро нишон дода, дар бораи аҳмияти амалигардонии чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани таъмини фаъолияти самаранок ва устувории рақобатӣ равона карда нашудаанд. Ин махсусан барои корхонаҳои саноат ва хоҷагии қишлоқи минтақа муҳим мебошад, зеро ки ба шумораи зиёди корхонаҳои ин соҳа зарар овар арзёбӣ карда мешавад.

Таҳлили маҳсулотҳои муҳими саноати сабук ва корхонаҳои коркарди пахтаи вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки ҳаҷми маҳсулоти газворҳои пахтагин соли 2023 нисбати соли 2015 дар ҳаҷми 9240,8 ҳазор метр, нахи пахта 17,4 ҳазор тона, чигит 7,6 ҳазор тона, калобаи риштагин дар ҳаҷми 9543,8 тона, зиёд гардидааст. Ин маънои онро дарад, ки бо зиёд гардидани шумораи корхонаҳои коркарди пахта калобаи пахтагин зиёд шудааст аммо ҳаҷми истеҳсоли нахи пахта зиёд гардидааст, ки ин аз он шаҳодат медиҳад , ки ҳаҷми маҳсулот ба дараҷаи ниҳои хеле дар сатҳи паст коркард мешавад ва ин боиси коҳиш ёфтани даромади шахсии корхонаҳои коркарди пахтаи вилоят мегардад.

Дар ин ҳолат барои корхонаҳои соҳаи номбаршуда се варианти имконпазири зиёднамудани самаранокӣ ё рақобатпазирии онҳо мебошад:

- зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот бо мақсади зиёднамоии ҷой доранд;
- зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот бо мақсади кам кардани зарарҳо;
- азнавсозӣ ва ё маън кардани истеҳсоли маҳсулоти соҳа.

Дар шароити муосири бозори озод ва талаботи зиёд ба маҳсулоти пахтагин, корхонаҳои коркарди пахтаи вилояти Хатлон бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии худ бояд якчанд стратегияҳои асосиро татбиқ намоянд:

1. Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бо мақсади зиёд кардани ҷойҳои корӣ яке аз роҳҳои муҳими афзоиши самаранокӣ мебошад. Дар ин раванд, корхонаҳо метавонад бо истифода аз технологияи нав ва роҳҳои муосири истеҳсолӣ, ин чунин бо ҷалби нерӯи корӣ, иқтидори истеҳсолии худро васеъ намуда, таъсири мусбӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ расонанд.

2. Зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот бо мақсади кам кардани зарарҳо яке аз роҳҳои оптимизатсияи истифодаи захираҳо мебошад. Дар ин ҳолат, корхонаҳо бояд равандҳои истеҳсолиро бо назардошти камкардани партовҳо ва талафоти моддӣ ташкил карда самаранокии иқтисодиро зиёд намоянд.

3. Аз навсозӣ ва ё ихтисор додани истеҳмоли маҳсулот соҳа як иқдоми стратегӣ барои мутобиқшавӣ ба шароити бозор ва эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон мебошад. Дар сурати паст будани талабот ё камбуди технология, корхонаҳо метавонанд ба самтҳои нави истеҳсоли ё маҳсулоти баландсифат гузаранд ки ин ба хифзи чойҳои кори ва афзоиши рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, татбиқи ин се варианти имконпазир метавонад барои хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон заминаи устувор барои рушди иқтисоди ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми маҳаллиро фароҳам орад

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки вилояти Хатлон дар самти содироти маҳсулоти пахтагин дорои имкониятҳои васеъи рақобатпазирӣ мебошад. Рушди устувори ҳаҷми содирот, афзоиши ҳиссаи маҳсулоти коркардшуда ва диверсификатсияи маҳсулот шаҳодат медиҳад, ки рақобатпазирии содироти маҳсулоти пахтаги дар минтақа афзоиш меёбад. Бо истифодаи самараноки захираҳо ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи истеҳсоли мазкур рақобатпазирии соҳа таъмин гардад.

Монеаҳое, ки барои рақобатпазирии соҳа таъсири манфӣ мерасонад ба чунин қисмҳо дохил мешавад:

Сатҳи пасти диверсификатсияи маҳсулот: Истеҳсолоти муосири нассоҷӣ ба истеҳсоли навъҳои гуногуни маҳсулоти нассоҷӣ ҷиҳати тайёр намудани либосҳои гуногунтаъинот, аз ҷумла, барои мақсадҳои фоиданок ва эстетикӣ, либосҳои махсуси муҳофизатӣ, барои истифода дар истеҳсолот равона шудааст. Дар баробари ин, барои истеҳсоли матоъҳои омехтаи баландсифати муосиру техникӣ иқтидорҳои зарурӣ вуҷуд надоранд.

Технологияи истеҳсолӣ: Барои беҳтар кардани рақобатпазирӣ ва афзоиши истеҳсолот лозим аст, ки технологияҳои пешрафтаро бо стандартҳои сифатӣ дар соҳаи пахта ва дигар маҳсулотҳои пахтагини истеҳсолшаванда васеътар истифода шавад.

Имкониятҳои воридшавӣ ба бозорҳои нав: Қобилияти ворид шудан ба бозорҳои нав ва истифодаи хатти муосири фурӯш аз ҷумла тиҷорати электронӣ ва маркетинг, ки боиси тақвияти рақобатпазирии бахши мазкур гардад.

Тавсияҳо барои такмили рақобатпазирии соҳаи мазкур:

Такмили сифати маҳсулот: Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи бозорҳои ҷаҳонӣ , беҳтар намудани сифати нахи пахта ва калобаи ришта муҳим аст.

Бештар коркарди маҳсулот: Стратегияи истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалигардонии имконияту иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, беҳтар гардондани сифати молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, кам кардани хароҷоти барзиёд, дурусту мақсаднок истифода намудани ашёи хоми пахта, сода ва шаффоф гардондани тартиби танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ таҳия гардидааст.

Сармоягузорӣ ва технология: Ҷалби сармоя ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт ҳамчун манбаи таъмини гуногунсамтии он ва таҳкимбахши рақобатпазирии кишвар хеле муҳим дониста мешавад ва асоси онро татбиқи суботи иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Истифодаи потенсиали бозорӣ нави содиротӣ: Дарёфти бозорҳои нави ба фурӯш баровардани маҳсулоти нассоҷӣ аз ҳисоби намояндагиҳои дипломатӣ ва сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар кишварҳо ва бо ин васила таъсиси сохтори нав оид ба дарёфти харидорони маҳсулоти нассоҷии ватанӣ таҳлили талабот ва воридшавӣ ба бозорҳои нав аз ҷумла кишварҳои Осиё Марказӣ, Русия ва Аврупо.

2.3. Низоми идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои пахтакор

Яке аз омилҳои баланд бардоштани самаранок истифодабарии сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакории кишоварзӣ ин идоракунӣ, таҳлил ва баҳисобгирии сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи таҳлил ва баҳисобгирӣ маълумотеро

ба даст овардан мумкин аст, ки барои идоракунӣ ва қабули қарорҳои самарабахш оид ба истифодабарии сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ зарур мебошад.

Самаранокии соҳа бе ба ҷо овардани таҳлили низоми идоракунӣ номумкин аст. Таҳлил ин мафҳумест, ки асоси тамоми соҳаҳои илм ва фаъолияти инсонӣ ба шумор меравад.

Дар барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ барои солҳои 2012-2020 оварда шудааст «…такмили идоракунии бахши пахтакорӣ дар асоси таъмини дастрасии дарозмӯҳлат ба замин, навъҳои мукаммали тухмии пахта, технологияҳои сарфаи об ва инчунин кам кардани истифодаи нурӣ ва заҳрхимикатҳо» [29].

«Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ дар идоракунии иқтисодиёт нақши муҳимро мебозад. Таҳлил яке аз функсияҳои идоракунӣ ба шумор меравад ва барои қабули қарорҳои идоракунӣ далелҳои боэътимоднок фароҳам меорад. Ҳар гуна қарори идоракунӣ бояд дар асоси натиҷаҳои таҳлил қабул карда шавад, яъне дар ин маврид мақсадҳои таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ омӯхта мешаванд» [54,с.5].

Дар таҳлил ва омӯзиш, асоснокунии самаранокунии истифодабарии сармоягузорӣ, самаранокии идоракунӣ ва қабули қарорҳо дар асоси иттилоотӣ ба даст оварда аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

Дар марҳилаи аввал дар асоси иттилооти саҳеҳ тафсири ҳолати воқеии соҳаи пахтакории кишоварзӣ дида мешавад.

Дар марҳилаи дуюм маълумоти қаблан ба даст омадаро ҷамъбаст ва коркард карда, барои таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои ҳолати воқеӣ, сохторӣ ва шиддатнокии тағйирёбии натиҷавии сармоягузорӣ истифода бурда мешавад.

Дар марҳилаи сеюм муайян намудани нишондиҳандаҳои фоиданокӣ ва самаранокии сармоягузориро дар пахтакории соҳаи кишоварзӣ таъмин менамояд.

Дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисобшудаи таҳлили даромаднокии сармоягузорӣ ва омилҳои асосии таъсиррасонӣ ба баланд бардоштани самаранокии соҳаи пахтакории кишоварзии вилояти Хатлон омӯхта мешавад. «... Омӯзиши ин маълумотҳо имконият медиҳад, ки қонунҳои нави пештар маълумнабудаи иқтисодӣ пайдо шаванд, ояндабиниҳои умумитари рушди иқтисодиёти миллӣ ё ҷаҳонӣ тартиб дода шаванд» [68, с.8].

Пахта ва ашёи хоми аз он истеҳсолшаванда яке аз молҳои асосии стратегӣ ба ҳисоб меравад. Дар заминаи воридотивазкунӣ, амнияти миллӣ ва истиқлолият вазифаи бо ашёи хоми баландсифат ва арзон таъмин кардани як қатор соҳаҳои иқтисодиёт вазифаи хеле таъхирнопазирро иҷро менамояд.

Пахта муҳимтарин ашёи хом барои саноати бофандагӣ мебошад. Бо вуҷуди ҳамчун ашёи хоми саноати бофандаги будан ин чунин истифодаи васеи он дар соҳаҳои тиб, саноати хурокворӣ ва барои истеҳсоли нуриҳои органикӣ бештар истифода карда мешавад.

Талабот ба нахи пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сол то сол рӯ ба афзоиш дорад, ки ин бевосита ба зиёдшавии шумораи корхонаҳои коркарди он вобаста аст. Инчунин талабот ба ин намуд ашёи хом дар дигар давлатҳо зиёд мебошад. Аз ин рӯ, ин хоҷагиҳои деҳқонӣ бе ягон душвори метавонанд фурӯши пахтаро ҳамчун ашёи хом ба бозорҳои хориҷӣ, аз ҷумла Руссия бароварда хароҷотҳои худро руй пуш намоянд ва фоидаи бештарро ба даст оваранд.

Дар баъзе минтақаҳои вилояти Хатлон, пеш аз даврони Истиқлол, майдонҳои кишти пахта зиёд ба назар мерасид, вале дар шароити муосир бошад нисбати солҳои 1991 хело коҳиш ёфтааст. Сабабҳои камшавии майдонҳои кишт пеш аз ҳама: ба паст будани самаранокии иқтисодии истеҳсоли он аз ҳисоби паст шудани ҳосил ва нарҳ, сифати ашёи хоми бадастомада, ки ин бо хусусиятҳои камшавӣ ҳосили хок, номусоидии иқлимии ин минтақа ва хароҷоти баландтари мелиоративӣ алоқаманд аст.

Рушди пахтакорӣ дар минтақаҳои вилояти Хатон ин яке аз вазифаҳои мураккаби сармоягузорӣ мебошад, ки ташкили техникаи махсуси кишт, коркарди каторҳо ва чиниши пахта, сохтани шабакаи мелиоративӣ, бунёди корхонаҳо оиди коркарди пахтаро талаб мекунад.

Аз тарафи дигар он ба бунёди ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, алалхусус дар соҳаи кишоварзӣ эҷод менамояд.

Барои баланд бардоштани ҳосил, сифат ва камкардани арзиши маҳсулотҳои истеҳсолшавандаи пахтагин амалисозии чорабиниҳои кишоварзӣ дар парвариши

пахта бо хароҷоти иловагӣ, аз қабили обёрӣ, ҷорӣ намудани нуриҳои органикӣ, минералӣ, маҷмуи омодагиҳои кимиёвӣ ва биологӣ алоқаманд аст.

Боиси қайд аст: «… ки харитаи технологии зироатҳои кишоварзӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии «Стансияи ҷумҳуриявии меъёрию таҳқиқотии меҳнат»-и Вазорати кишоварзӣ бо супориши Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.11.2020с №29, дар ҳамбастагӣ бо Раёсати сиёсати аграрӣ ва мониторинги амнияти озуқаворрии Вазорати кишоварзӣ, олимон ва мутахассисони соҳавӣ таҳия гардид. Мақсад аз таҳияи Харитаи технологии зироатҳои кишоварзӣ ин расонидани кумаки машваратӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷиҳати ба нақшагирии кишти зироатҳои кишоварзӣ, рӯёнидани ҳосили баланд, аз як қитъаи замин гирифтани на як-ду балки се-чор ҳосил ва гирифтани даромади дилхоҳ мебошад.

Харитаи технологии зироатҳои кишоварзӣ дар мисоли парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ парваришшаванда оварда шудааст, ки оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши банақшагирӣ ва малакаи корбарии хоҷагиҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мусоидат менамояд» [89].

Ҷадвали 2.16.-Ҳисоботи молиявии 1-га кишти маҳсулоти кишоварзӣ

№	*Номгуи маҳсулот*	*Харочот*	*Андози замин*	*Харочоти об*	*Харочоти гайри чашмдошт*	*Харочоти умумӣ*	*Ҷамъоварии ҳосил килограм*	*Ҷамъоварии ҳосил*	*Фоида*
Харитаи технологии парвариш дар заминҳои обӣ									
1.	**Пахта**	**14346,32**	**266,22**	**200**	**1434**	**48112**	**3000**	**34500**	**19687**
2.	Пиёз	21650,72	266,22	240	2165	22156,94	35000	87500	**65343**
3.	Карам	28471,32	266,22	240	2847	28977,54	30000	105000	**76022**
4.	Лаблабу	11829	266,22	240	1182	12335,22	30000	90000	**77664,78**
5.	Картошка	30299,32	266,22	130	2373	30695,54	20000	60000	**29304,46**
6.	Сабзӣ	11935,62	266,22	240	1193	12441,84	25000	37500	**25058,16**
7.	**Памидор**	**20760,26**	**266,22**	**240**	**2076**	**21266,48**	**30000**	**120000**	**98733,52**
8.	Бодиринг	14527	266,22	240	1452	15033,22	20000	80000	**64966,78**
9.	Лӯбиё	11766,72	266,22	44	1176	12076,94	1800	36000	**23923**
10.	**Мош**	**10026,72**	**266,22**	**44**	**1002**	**10336,94**	**1200**	**20400**	**10063**
11.	Гандум	9757,22	266,22	44	975	10067,44	5000	34600	**24532,56**
12.	Ҷав	9484,56	266,22	44	948	9794,78	4000	31600	**21805,22**
13.	Ҷуворимакка	12574,12	266,22	180	1257	13020,34	10000	50000	**36979,66**

Идомаи ҷадвали 2.16.

14.	Ҷуворимакка барои анбуҳи сабз (силос)	5518,52	266,22	70	551	5854,74	20000	60000	**54145,26**
15.	Шолӣ	16866,76	266,22	240	1686	17872,98	7000	98000	**80127**
16.	Соя	8798,94	266,38	100	879	9165,32	2000	24000	**14834,68**
17.	Офтобпараст	8137	266,38	100	813	8503,38	2100	37800	**29296,62**
Харитаи технологии парвариш дар заминҳои лалмӣ									
1.	Гандум	9313,88	18,150	-	931	9332	3000	16800	**7468**
2.	Ҷав	8403,38	18,15	-	840	8421,53	2500	18550	**10128,47**
3.	Нахут	8649,88	18,15	-	864	8668	1100	22000	**13332**
4.	Мушунг	8348,58	18,15	-	834	8366,73	1000	18000	**9633**
5.	Наск (лалмӣ)	7808,58	18,15	-	780	7826	1000	18000	**10173,27**
6.	Кунчит	4144	18,15	-	414	4162,15	1600	36800	**32637**
7.	Зағир	4196,14	18,15	-	419	4214,29	1200	18000	**13,785**
8.	Маъсар	3672,52	18,15	-	367	3690,67	1200	19200	**15509,33**
9.	Офтобпараст	4514,72	18,15	-	451	4532,87	1200	21600	**17067,13**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [89].

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ дар баробари муамоҳои истеҳсол ин чунин фурӯши маҳсулоти истеҳсолнамуда масъалаи муҳими хоҷагиҳои деҳқони минтақа мебошад. Зеро дарёфти харидор ба меҳсулотҳои истеҳсолнамуда мушкилиҳоро ба миён овардааст.

Пахта ягона маҳсулоти кишоварзие мебошад, ки ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар харидори худро дорад.

Ҷадвали 2.17.-Ҷузъҳои даромад, хароҷот ва фоидаи воқеии кишти 1 га пахта ҳамчун ашёи хом дар соли 2023 бе доштани воситаҳои техникии кишоварзии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори вилояти Хатлон *(бо ҳисоби миёна)*

№ т/т	Ҷузъҳои хароҷот	Воҳиди ченак	Хароҷоти меъёри бо ҳисоби миёна			Хароҷоти воқеи бо ҳисоби миёна			Фарқият аз нақша бо ҳисоби фоиз (%)	Фарқият аз нақша (+,-)
			Меъёр ба 1 га	Нархи 1 литр, кг маводҳо	Маблағи умумӣ (сомонӣ)	Меъёр ба 1 га	Нархи 1 литр, кг маводҳо	Маблағи умумӣ (сомонӣ)		
1.	Ғузапоя	Дарза	-	-	-	1	7	7000	-	-
2.	**Фурӯш аз руи 25 сент/ 1га ҳосил**	**тона**	**2,5**	**9,0**	**22500**	**2,4**	**9**	**21600**	-4	**-900**
3.	**Даромади умумӣ**				**22500**			**28600**	27,1	**2500**

Идомаи ҷадвали 2.17.

4.	Чигити тухми (пумба дона)	кг/га	100	12,5	1250	120	13	1560	24,8	310
5.	Музди меҳнати корҳои дастӣ ва механикӣ то давраи чиниши пахта	сомонӣ	1600	-	1600	1600	-	1600	0	0
6.	Музди меҳнат барои чиниши пахта 25с/га (2500*0,5 сом)	сомонӣ	1250	-	1250	1500	-	1500	-51,8	-602
7.	Сӯзишворӣ	кг/га	200	8	1600	150	9	1650	3,1	50
8.	Равғанҳои молиданӣ	кг/га	8,5	8	68	8	8	64	-5,8	-4
9.	Карбамид (131)	кг/га	234	4	936	180	5	900	-4	-36
10.	Селитра (130)	кг/га	200	3,5	700	100	5	500	-28,6	-200
11.	Фосфорт (75)	кг/га	200	3	600	0	0	0	-100	-600
12.	Заҳрхимикатҳо	сомонӣ	200	-	200	100	-	100	-50	-200
13.	Кисмҳоии эҳтиёти	сомонӣ	100	-	100	200	0	200	50%	100
14.	Ҳақи хизматрасонии об	сомонӣ	220	-	220	376	-	376	70,9	156
15.	**Хароҷотҳои истеҳсолӣ**		хх	хх	8524	хх	хх	7598	-140,9	-1026
16.	Андозҳо ҳамагӣ: аз ҷумла	сомонӣ	848	-	848	835		835	-1,5	-13
17.	Андозаи ягона	сомонӣ	135	-	135	135	-	135	0	0
18.	Андози ҳифзи иҷтимоӣ (25%)	сомонӣ	713	-	713	700	-	700	-1,82	-13
19.	***Фонди нафақа (1%)***	***сомонӣ***	***29***	***-***	***29***	***28***	***-***	***28***	-3,4	-1
20.	***Андози даромад аз шахсони воқеи (13%)***	***сомонӣ***	***371***	***-***	***371***	***364***	***-***	***364***	-1,88	-7
21.	**Ҷамъи хароҷотҳо**	**х**	**х**	**х**	**9372**	**х**	**х**	**8433**	-163,27	**-1177**
22.	**Натиҷа фоида зарар**	**х**	**х**	**х**	**13128**	**х**	**х**	**20167**	-117	**1440**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [47,48].

Мувофиқ таҳлили маълумоти ҷадвали 2.17. даромади воқеии хоҷагиҳои пахтакорӣ минтақа дар соли 2023 - 28600 сомонӣ хароҷоти воқеи 7598 омонӣ ва фоида аз як гектар кишти пахта 20167 сомонӣ баробар аст.

Аз ҷадвал овардашуда (2.17) бар меояд, ки қисмати зиёди хароҷотҳои меъёрӣ, тағйир ёфта, ки бевосита ба афзоиши ҳосилнокии пахта таъсир мерасонад.

Барои кишти 1га мувофиқи меъёр 80 кг пумбадона муқарар шудааст, аммо бо сабабҳои норасоии техника барои коркарди пешакии замин ва сифати пасти тухмӣ 100 кг бо нархи нисбатан балантар дастрас намуда мебошанд, ки ҳароҷот 24,8% меафзояд.

Пардохти музди меҳнати корҳои дастӣ ва механикӣ то давраи чиниши пахта дар минтақа хело паст буда, бинобар ин қисмати зиёди корҳои бо трактор иҷрошавандаро бо даст иҷро менамояд, ки ин ба руиши пахта аз замин таъсири мерасонад. Бинобар сабаби паст будани пардохти музди менат барои чидани пахта қисми пахтаи бозаҳмат руёнида дар саҳро ҷамъоварӣ нашуда боқӣ мемонад.

Мувофиқи агротехника коркарди қаторҳои пахта аз 8 то 12 маротиба гузаронида шавад, бинобар сабаби болоравии нархи сӯзишворӣ ва равғанҳои молидани коркарди қаторҳои пахта мувофиқи мушоҳидаи хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 3 то 5 маротиба гузаронида мешавад, ки дар ин сурат хароҷот барои сӯзишворӣ ва равғаннҳои молиданӣ мувофиқи нақша 1600 сомонии пешбини карда шуда дар рафти истеҳсолот ин нишондиҳанда бо сабабҳои зиёдшавии нархи сузишвори ба маблағи 50 сомонӣ зиёд харҷ карда мешавад.

Яке аз омилҳои афзоиши ҳосилнокии пахта ва ба ин васила зиёднамудани фоиданокии пахтакорӣ ин пеш аз ҳама саривақт бо меъёр пошидани нуриҳои менералӣ, органикӣ ва химиявӣ баҳисоб меравад. Қисми зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ бо сабаби надоштани захираи нуриҳои менералӣ дар ҳолати зарурат доштанӣ пахта ба нуриҳои менералӣ деҳқон бо сабаби баланд гардидани нархи онҳо дастрас карда наметавонад дар ин ҳолат хароҷот барои нуриҳои менирали мувофиқи нақша, корбамид 150 то 182 кг дар як гектар мепошанд, ки аз 68 то 70

кг кам шуда хароҷот ба ин намуди нурии менералӣ дар ҳаҷми 36 сомонӣ кам мегардад. Нурии менералии навъи слитра, ки дар давраи нашъунамои ҳосил пошидан зарур аст мувофиқи нақша 200 кг дар як гектар пошандзарур аст 50% кам мепошад. Нурии менералии навъи фосфорт дар қисмати зиёди минтақаҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон пошида намешавад ё бошанд ҳам дар ҳаҷми нисбатан кам пошида мешавад, ки мувофиқи нақшаи меъёри дар 1 га 200 кг пошидан зарур мебошад. Минтақаи Хатлон, ки яке аз минтақаҳои гарми Ҷумҳури Тоҷикистон ба ҳисоб меравад дар ин минтақа хашаротҳои зараррасони пахта дар натиҷаи хокбориш ва буғ ба вуҷуд меояд, ки бевосита бапартоиши шонаҳои пахта оварда мерасонад, мувофиқи мушоҳидаи муаллиф хоҷагиҳо танҳо як маротиба заҳрхимикат пошидаанд. Ин аз як сабаб норасоии техника, сабаби дигар надонистани навъи ҳашарот, заҳрхимикат роҳои пешгирии зарари он ва ё наёфтани ин заҳрҳимикат мебошад.

Хароҷот барои қисмҳои эҳтиёти танҳо аз ҳисоби соҳиби воситаи техникӣ буда, мувофиқи шартнома 50%-и таъмир аз ҳисоби хоҷагии деҳқони сурат мегирад.

Бо вуҷуди он ки ҳақи хизматрасонии об 70% ё ин ки 156 сомон аз нақша зиёд пардохт карда мешавад, мувовиқи пурсишҳои муаллиф гузаронида баъзе аз хоҷагидорон аз таъминоти об танқиси мекашанд, ки ин боиси камшавии ҳосили пахта мешавад.

Хароҷат барои пардохти адозӣ аз 1 га замин 1,7% кам гардидааст, ки ин ба андозӣ ҳифзи иҷтимои аҳолӣ вобаста аст.

Дар умум хароҷотҳо барои 1га замини пахтаи киштшуда аз меъёр дар ҳаҷми 29,3% кам гардида, ин бевосита ба даромад таъсири бевосита мерасонад.

Ба даромади соҳаи пахтакорӣ аз як ҳисоб хароҷотҳои истеҳсолӣ бошад аз тарафи дигар нархи пахта ҳамчун ашёи хом таъсири бевосита мерасонад, дар асоси мушоҳида маълум гардид, ки хоҷагидорон дар кишти пахта ҳавастманд нестанд зеро дар вақти ҷамъоварии ҳосили пахта корхонаҳои коркарди пахта пархтаро ҳамчун ашёи хом бо нархи нисбатан арзон қабул мекунанд ва онҳо наметавоннанд, ки пахтаи истеҳсолнамудаи худро бо нархи дилхоҳ дар бозор

бифурӯшанд. Ғайр аз ин хоҷагидорон маҷбуранд, ки пахтаи истеҳсолнамудаашонро дар корхонаҳои коркарди минтақаи худ супоранд, ки онҳо пахтаро бо нархи арзон қабул мекунанд. Яке аз омилҳои бо нархи арзанда фурухтани пахта ин мавҷуд набудани имконияти нигоҳдории пахта дар хоҷагиҳои пахтакорӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат хоҷагиҳои пахтакорро водор месозад, ки онҳо ҳар чи тезтар пахтаи истеҳсолкардаи худро фурӯшанд. Омили дигаре, ки барои паст гардидани ҳосилнокӣ пахта сабаб шудааст ин тухмиҳои пастсифат ва аз сабаби гарон будани нархи сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ нисбат ба меъёрҳои илмӣ асоси парвариши пахта камтар харҷ намудани онҳо мебошанд.

Барои мукамалгардонии самараноки баҳодиҳии иқтисодӣ истифодаи захираҳои замин аз ҷониби хоҷогиҳои деҳқонӣ бидуни омӯхтани таъсири омилҳои мухталиф ба натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидори онҳо ғайри имкон аст. Дар шароити муосир сухан дар бораи нишондаҳои самаранокии истифодабарии масоҳати 1 га кишти пахта ҳамчун натиҷаи молиявии соф ҳисоб карда мешавад.

Барои табдил додани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истифадаи захираҳои замини кишти пахта аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ нақши асосиро мебозад, зеро самаранокии тамоми корхонаҳои соҳаи саноати сабук аз он вобаста аст. Бо мақсади таҳлили амиқи шароит ва раванди истеҳсол ва парвариши пахта бояд алоқамандӣ ва вобастагии байни ишондиҳадаҳои иқтисодии даромад ва чузъҳои хароҷотро муайян намуд. Барои ҳалли ин дар омор, таҳлили регрессионӣ ва коррелиятсионӣ ба таври васеъ истифада бурда мешавад ва барои татбиқи онҳо танҳо он омилҳоеро интихоб менамоянд, ки дар онҳо маълумотҳои боэътимод мавҷуд аст.

Ҷадвали 2.18. - Алоқамандии шаклҳои алоҳидаи хароҷот ба даромади 1 га пахта бо нишондиҳандаҳои воқеии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ бо ҳисоби миёна вилояти Хатлон (сомонӣ*)*

Солҳо	Маҷмуи даромад аз 1 гектар истеҳсоли пахта	Шаклҳои хароҷотҳо						Фоида аз 1 гектар истеҳсоли пахта
		Ҷигити тухми (пумба дона)	Музди меҳнати корҳои дастӣ ва механикӣ то давраи чиниш ва барои чиниши пахта	Сузишвори ва равғанҳои молиданӣ	Нуриҳои менералӣ ва заҳрхимикатҳо	Ҳаки хизматрасонии об	Андозҳо ҳамагӣ	
2015	11400	500	2196,47	1039,2	1195,66	500	600	5368,67
2016	12000	600	2369,47	1093,8	1382,49	650	800	5104,24
2017	13560	600	2550,57	1236,1	1710,19	700	800	5963,14
2018	11400	700	2800,16	1039,2	1380,20	700	800	3980,44
2019	15000	800	3192,18	1367,15	1820,78	700	800	6319,89
2020	17000	800	3342,21	1500	2170,95	800	900	7486,84
2021	22500	1000	3509,32	1650	2500	800	900	12140,7
2022	22500	1000	3859,9	1699,5	2575	900	1000	11465,6
2023	25000	1100	4437,87	1852,45	2806,75	900	1000	12902,9
Миёна	16706,67	788,88	3139,794	1386,37	1949,11	738,88	844,44	7859,16

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [47].

Ҳамин тариқ аз рӯйи маълумотҳои бадастомада ва мушоҳидаҳои хоҷагиҳои деҳконӣ барои гузаронидани таҳлили алоқамандии корелиятсионӣ - регрессионӣ вобастагии байни даромадро аз намудҳои алоҳидаи хароҷот барои кишти як гектар пахта дар давоми панҷ сол дида баромада омилҳои асосии онро муайян менамоем.

Қимати коэффисенти корелиятсиониро ҳисоб мекунем, ки алоқаманди омили тағйирёбандаро ба нишондиҳандаҳои натиҷавӣ нишон медиҳад. Дар ин маврид даромад аз кишти пахта ҳамчун нишондиҳандаи натиҷавӣ ва таъсири хароҷотҳои гуногун ҳамчун омилҳои тағйирёбанда мебошад. Ин таъсирот ба намуди миёна ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин тариқ барои илман асоснок намуданӣ шаклҳои алоқамандии идоракунӣ бояд хислати алоқамандиро муайян намуд. Барои дуруст муайян намуданӣ он графики алоқаманди тартиб дода мешавад.

Расми 2.5. Алоқамандии шаклҳои алоҳидаи харочот ба даромади 1 га пахта бо нишондиҳандаҳои воқеии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ бо ҳисоби миёна вилояти Хатлон (сомонӣ*)*

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [47].

Ҷойгиршавии нуқтаҳо дар график нишон медиҳад, ки байни нишондиҳандаҳои омӯхташаванда кадом шакли алоқаманди ростхата ё каҷхата ё дигар вуҷуд дорад муайян мекунем.

Барои дақиқ муайян намуданӣ алоқамандӣ ва вобастагии байни нишондиҳандаҳои натиҷавӣ (даромад) ва се нишондиҳандаи асосии омилиро, ки дар натиҷаи гузаронидани мушоҳидаи анкетавӣ хоҷагиҳои деҳконӣ ҳисоб менамоем. Дар натиҷаи мушоҳидаи хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор маълум намудем, ки қисмати зиёди хоҷагиҳои деҳқони аз норасоии техника, сӯзишворӣ, нуриҳои менералӣ ва бо сабабҳои нархи пасти пахта ва музди меҳнати кормандон боиси пастшавии ҳосилнокӣ ва даромади соҳаи пахтакорӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, алоқамандии даромад ё фоида аз кишти 1 га пахтаро вобаста ба се намуди хароҷот, ки барои гирифтани даромад ё фоидаи баланд таъсири зиёд мерасонад: музди меҳнат, сӯзишворӣ ва нуриҳои менералӣ муайян менамоем.

Ҳарчанд дар натиҷаи мушоҳида хоҷагидорон иброз намуданд, ки дар вилояти Хатлон хароҷоти музди меҳнат бе восита ба даромад аз кишти 1 га пахта таъсир бевосита намерасонад дар ҳисобҳо маълум шуд, ки коэффитсиенти детерминатсия ба R^2=0,7165 баробар мебошад. Яъне хароҷоти музди меҳнат ба даромади пахта таъсир мерасонад. Натиҷаи ҳисобҳо нишон медиҳад, ки 71% даромад аз истеҳсоли пахта ба музди меҳнат вобаста аст, ки барои коркарди байни қатор ва ҷамъоварии пахта сарф мешавад ва барои ба 1 сомонӣ зиёд намудани даромад аз кишти пахта бояд 0,11 сомонӣ музди меҳнатро баланд бардоштан зарур меояд.

$$y = 0{,}107x + 1278{,}8 \qquad Э = 0{,}107\frac{2851{,}48}{14694{,}28} = 0{,}0208 \qquad (2.1)$$

Бо ҳисоби чандири бошад ин нишондиҳандаро 0,0208 сомониро ташкил медиҳад. Барои зиёд намудани 1 сомонӣ даромад аз ҳисоби кишти пахта ҳамчун ашёи хом 0,0208 сомонӣ музди меҳнатро зиёд намудан лозим меояд.

Яке аз омилҳои асосие, ки бевосита ба даромади аз кишти пахта таъсири зич дорад, ки ба коркарди байни қаторҳо бо воситаи техника мебошад барои ин бевосита сузишвории кофи лозим мебошад. Вобастагии даромад ва хароҷот барои сӯзишворӣ R^2 = 0,9269 аст, яъне вобастагии зич дорад. Яъне хароҷоти сӯзишворӣ ба даромади пахта таъсир мерасонад. Натиҷаи ҳисобҳо нишон медиҳад, ки 92,69% даромад аз истеҳсоли пахта ба сӯзишворӣ вобаста аст, ки барои коркарди байни қатор ва ҷамъоварии пахта сарф мешавад ва барои ба 1 сомонӣ зиёд намудани даромад аз кишти пахта бояд 0,0576 сомонӣ сузишвориро баланд бардоштан зарур меояд.

$$y = 0{,}0576x+429{,}21 \quad Э = 0{,}0576\frac{1275{,}06}{14694{,}28} = 0{,}005 \qquad (2.2)$$

Мувофиқи ҳисоби усули чандири барои 1 сомонӣ зиёд намуданӣ даромад аз ҳисоби кишти пахта бояд ба миқдори 0,005 сомонӣ хароҷоти сузишвориро зиёд намуд то ин ки шумораи коркарди қаторҳо зиёд шуда ҳосилнокии пахта биафзояд.

Омили дигаре ки бе восита ба сомаранокии пахтакори дар хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор таъсири амиқ мерасонад ин пошидани нуриҳои минералӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ҳисоби алоқамандии даромад аз ҳисоби кишти пахта ва хароҷот барои нуриҳои менералӣ маълум намудем, ки коэффитсиенти детерминатсия R^2=0,9333 баробар аст ин маънои онро дорад, ки байни даромад ва хароҷоти нуриҳои менералӣ алоқамандии зич мебошад. Натиҷаи ҳисобҳо нишон медиҳад, ки 92,69% даромад аз истеҳсоли пахта ба нуриҳои минералӣ вобаста аст, ки барои нашъу намои хуби пахта сарф мешавад ва барои ба 1 сомонӣ зиёд намудани даромад аз кишти пахта бояд 0,1131 сомонӣ нуриҳои менералиро баланд бардоштан зарур меояд.

$$y = 0,1131x - 489,43 \quad Э = 0,1131\frac{1737,18}{14694,28} = 0,01337 \qquad (2.3)$$

Бо усули чандири бошад хароҷот барои нуриҳои менералӣ яъне коэффитсенти чандирӣ ба миқдори 0,01337 сомониро ташкил медиҳад, яъне агар хоҳем, ки ба миқдори 1 сомонӣ даромад зиёд шавад, бояд 0,01337 сомонӣ хароҷоти нуриҳои менералӣ ва заҳрхимикатҳоро зиёд намоем.

Дар шароити муосири иқтисодӣ идоракунии сармогузорӣ ва таъмини самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Фаъолияти хоҷагидорӣ чи дар сатҳи микро ва чи дар сатҳи макро иқтисоди пешниҳод менамояд, ки натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидориро муқоиса намуда роҳҳои самаранокии онро муайян кард. Дар ин ҳолат боҳодиҳии обективии фаъолияти хоҷагидорӣ ҳисоб ва таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Мақсади таҳлили нишондиҳандаҳо муайян намудани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои пахтакор аз парвариш ва фурӯши пахта мебошад. «...самаранокии иқтисодии истеҳсолот ҳамчун натиҷабахши раванди истеҳсолӣ, таносуби байни натиҷаҳои дар раванди истеҳсолот ба даст омада ва хароҷот муайян карда мешавад» [78]. Пас дараҷаи самаранокии иқтисодӣ бо роҳи муқоисаи ду бузурги муайян карда мешавад. Самараноки нишон медиҳад, ки соҳибкор ба чигуна хароҷот самараи иқтисодиро ба даст овардааст. Аз ин бар меояд, ки ҳар чи қадар

хароҷот барои воҳиди маҳсулот кам сарф шавад ё ҳарчиқадар воҳиди маҳсулот арзонтар истеҳсол шавад, ҳамон қадар самараи иқтисодии соҳибкор зиёдтар мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии намуди мушаххаси фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ маҷмуи тадбирҳоеро муайян намоем, ки барои рушди соҳа оварда расонад. Ин маънои онро дорад, ки самаранокӣ дар ҳамон ҳолат ба даст оварда мешавад, ки маҷмуи тадбирҳои андешидашуда ба амалия алоқаманд мегардад. Самаранокии иқтисодии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ бо сармоягузорӣ аз эътимоднокӣ, зарурӣ, кофигии захираҳои истеҳсолӣ ва илман асосноккуни ба вуҷуд меояд.

Чи тавре, ки олими тоҷик Раҳмонзода Д.Р. самаранокии истеҳсоли пахтаро дар умум чунин пешниҳод менамояд «самаранокии истеҳсоли пахтаи хом барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, заводҳои пахтатозакунӣ, заводҳои коркарди саноатии маҳсулоти тайёр афзуда, буҷети давлат низ ғанӣ гардонида мешавад» [121].

Ҳангоми ҳисоб намудани самаранокии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот як қатор системаи нишондиҳандаҳоро истифода мебаранд. «Аксар вақт фоида аз истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, даромад аз фурӯши маҳсулот ва ҷуброни хароҷотро ҳисоб мекунанд» [79]. Яъне таносуби фоида аз фурӯши маҳсулот ба маҷмуи хароҷотҳо ҳисоб карда мешавад, ки маънои як сомонии харҷи карда чанд сомонӣ фоида овардааст дорад ва алоқамандии даромад ва хароҷотро нишон медиҳад ва бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

Даромаднокии маҳсулоти фурӯхташуда: $Дмф = \frac{\sum Ф}{\sum Аа}$ (2.4)

Даромаднокии фурӯш (гирдгардиш) бо роҳи тақсим кардани фоида аз фурӯши маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ то пардохти фоиз ва андозҳо, ба ҳаҷми даромади гирифташуда аз фурӯши маҳсулот ($Д_{фм}$) ҳисобкарда мешавад:

Даромад аз фурӯш: $Дф = \frac{\sum Ф}{Дф}$ (2.5)

Даромад аз фурӯш ин таносуби даромад аз фурӯш ба маҷмуи хароҷот (арзиши аслии) маҷмуи маҳсулоти истеҳсол ҳисоб карда мешавад. Ин нишондиҳанда барои муайян намудани як сомонӣ хароҷоти карда чанд сомонӣ даромад овардааст ҳисоб карда мешавад.

Боздеҳии хароҷот: $Бх = \frac{Дф}{Аа}$ (2.6)

$\sum Ф$ – маҷмуи фоида (зарар); Аа – арзиши аслӣ (маҷмуи хароҷот); N – даромад аз фурӯш.

Яке аз чунин нишондиҳандаҳо нишондиҳандаи хароҷот ба воҳиди маҳсулот мебошад, ки бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

Хароҷот ба як сомонӣ маҳсулоти молӣ: $X = \frac{Аа}{Дф}$ (2.7)

Дар ин ҷо: Аа – арзиши аслии кулли маҳсулоти молӣ; Дф- даромад аз фурӯш

Ин нишондиҳанда барои муайян намудани он, ки 1 сомонӣ хароҷот чанд сомонӣ даромад овардааст лозим мебошад.

Фоида аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии хароҷоти музди меҳнат бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад, ки маънои 1 сомонии хароҷот ба музди меҳнат чанд сомонӣ фоида овардааст ҳисоб карда мешавад.

$$Ффм = \frac{Фф}{Фмм} \quad (2.8)$$

дар ин ҷо: Ффм- Фоида аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии хароҷоти музди меҳнат, Фмм-фонди музди меҳнат, Фф-фоида аз фурӯши маҳсулот.

Даромад аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии музди меҳнат: $Дфм = \frac{Дф}{Фмм}$ (2.9)

дар ин ҷо: Дфм – даромадноки аз фурӯши маҳсулот, Дф – даромад аз фурӯш, Фмм-фонди музди меҳнат.

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2.18 таъсири хароҷотҳои истеҳсолиро ба натиҷаи молиявии пахтакории хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлонро таҳлил менамоем.

Ҷадвали 2.19. Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии молиявию истеҳсолии пахтакорӣ Қаноати як гектар замини хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон бо ҳисоби миёна

Нишондиҳандаҳо / сол	Воҳиди ченак	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	Бо ҳисоби миёна
Даромаднокии маҳсулоти фурухташуда	Коэф-т	0,89	0,74	0,78	0,53	0,72	0,78	1,17	1,03	1,06	**0,855556**
Даромад аз фурӯш (гирдгардиш)	Коэф-т	0,47	0,42	0,43	0,34	0,42	0,44	0,53	0,50	0,51	**0,451111**
Бозdeҳии хароҷот	Коэф-т	1,89	1,74	1,78	1,53	1,72	1,78	2,17	2,03	2,06	**1,855556**
Хароҷот ба як сомонӣ маҳсулоти молӣ	Коэф-т	0,52	0,57	0,56	0,65	0,57	0,55	0,46	0,49	0,48	**0,538889**
Фоида аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии хароҷоти музди меҳнат	Коэф-т	2,44	2,15	2,33	1,42	1,97	2,24	3,45	2,90	2,50	**2,377778**
Даромад аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии музди меҳнат	Коэф-т	5,19	5,06	5,31	4,07	4,69	5,08	6,41	5,82	5,63	**5,251111**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [47].

Бояд қайд намуд, ки дар асоси таҳқиқи маълумоти ҷадвали 2.19 мафҳумҳои даромаднокии маҳсулоти фурӯхташуда, даромад аз фурӯш (гирдгардиш), бозdeҳии хароҷот, хароҷот ба як сомонӣ маҳсулоти молӣ, фоида аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии хароҷоти музди меҳнат ва даромад аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии музди меҳнат васеъ истифода мегардад, ки он маҷмуи хароҷот барои як гектар замини кишти пахтаро дар бар гирифтааст.



Расми 2.6. Таҳлили таносуби даромад ва хароҷотҳои як гектар замини кишти пахтаи вилояти Хатлон

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [47].

Чуноне, ки аз ҳисобҳо ва расми 2.6 дида мешавад хароҷоти истеҳсол ва фӯруши маҳсулот омили муайянкунандаи фаъолияти хоҷагиҳои пахтакорӣ ба шумор рафта, сатҳи он аз ҳаҷми фоида, фоиданокӣ нишондиҳандаҳои асосии ниҳоии фаъолияти соҳаи пахтакорӣ ба ҳисоб рафта, самаранокии парвариш ва коркарди он ҳамчун ашёи хомро мувофиқан дар шакли пулӣ ва нисбиро нишон медиҳад. Аз диаграмма дида мешавад, ки танҳо соли 2023 даромаднокии маҳсулоти фурӯхташуда, даромад аз фурӯш (гирдгардиш), хароҷот ба як сомонӣ маҳсулоти молӣ, фоида аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии хароҷоти музди меҳнат ва даромад аз фурӯши маҳсулот ба як сомонии музди меҳнат зиёд гардидааст.

Хулосаи боби 2. *Ҳамин тавр ба хулосае омадан мумкин аст, ки мақсади асосии сармоягузори ба хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор ин фаровонкардани бозори дохилӣ ва таъмин намудани аҳоли ба ҷои кори доимӣ ва ба ин васила ба дастовардани фоидаи бештар мебошад. Дар асоси мақсади мазкур аз навсозии техника, таҷҳизоти соҳаи мазкур ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор мебошад. Чуноне маълум гашт омили*

асосии рушди нокифоягии пахтакории хоҷагиҳои деҳқонӣ то кунун ба соҳои мазкур дар минтақа бо қадри кофи сармоягузорӣ нагирдидани онҳо мебошад.

Таҷрибаи дохилӣ ва ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки омили асосии рушди соҳа, минтақа ва давлат сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Ин омил дар соҳаи кишоварзӣ ба нокифоягии иқтидори истеҳсоли мегардад. Тавре маълум гашт рушди соҳаи пахтакорӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ балки хусусияти иҷтимоиро низ дорад зеро зиёда аз 80%-и аҳолии минтақаи мазкур дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва ин соҳа метавонад барои қисми зиёди аҳолӣ манбаи ягонаи даромад ва ашёи хоми саноати сабук бошад.

Мувофиқи таҳлилҳо манбаи асосии даромади аҳолии вилояти Хатлон истифодаи самараноки замин ва аз замин гирифтани даромади ҳарчи бештар мебошад. Дар ин асос хоҷагидорон бояд маҳсулотеро кишт намоянд, ки талабот ба он зиёд бошад то фурухта тавонанд. Дар ин шароит пахта ягона маҳсулоти кишоварзие мебошад, ки харидор дар дохил ва ҳам дар хориҷаро дорад, ва ҳам барои мудати дуру дароз нигоҳ доштанаш заҳмати зиёдро талаб намекунад.

Таҳлилҳои мо нишон медиҳанд, ки 18,65%-и заминҳои минтақа обёришаванда буда тақрибан дар 45%-и он пахта кишт карда шудааст. Аз майдони кишти пахта 84% ба хоҷагиҳои деҳқони рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки парвариши пахта дар минтақа даромади бештаро дорад ё ин намуди маҳсулоти кишоварзиро хоҷагидорон ба осони фурухта метавонанд. Аммо таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки ҳосили пахта чандон қаноаткунанда набуда хоҷагидорон бо душвориҳо фаъолият менамоянд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки қисмати бештари хоҷагидорон бо маблағҳои худди рушди устувори истеҳсолот ва маҳсулоти стратегиро таъмн карда наметавонанд. Бинобар ҳамин хоҷагиҳои калони деҳқонӣ ба хоҷагиҳои хурд – хурд ташкил ёфта, фаъолият менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии базъе аз заминҳои кишти пахта барои пӯшондани хароҷотҳои хоҷагиҳои пахтакор мушкилиҳоро ба миён овардааст. Аз маълумоти мушоҳида мешавад, ки як қисми аз хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ ноҳияҳои вилояти хатлонбо ҳисоби миёна ҳосилнокии паст гирифтаанд.

Ба пастшавии ҳосилнокии пахта метавонад чунин омилҳо таъсири бевоситаъсири ҷиди расонад:

•*Дар заминҳое пахта кишт карда мешавад, сатҳи оби зери замини зиёд буда ҳолати мелоративии замин қобилияти руёнидани ҳосили зиёдро надорад.*

•*Бо сабаби камбудани техника ва технологияи парвариши пахта коркарди байни қаторҳо сари вақт гузаронида намешаванд, ки дар натиҷа ҳосилноки кам мешавад ва ин боиси даст кашидани хоҷагиҳои пахтакор аз кишти пахта мешавад .*

•*Бинобар гароншавии нуриҳои менералӣ ва аз меъёр кам пошидани ин маводҳо хосилноки кам хоҳад шуд.*

•*Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бинобар сабаби пастшавии нархи пахта хоҷагидорон барои ҷаъоварии хосили он хавастманд набуда ҳосили навъи 4-рум ва 5-ум дар заминҳо боқӣ мемонад.*

•*Назорати ҷиддӣ надоштани ҳоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ҳоҷагидорон барои кишти пахта таввақуҳ намекунанд.*

•*Хариду фурӯши ғайри қонунии заминҳои корами ҳосилхез байни аҳолии минтақа, ки заминна ба марди деҳқон балки ба каси тасодуфии аз ин соҳа дур мерасад.*

Мувофиқи омилҳои номбаргардида, дар шароити қитисоди бозоргонӣ ба маҷбури пешбурдани фаъолияти иқтисодӣ басо мушкил мебошад ӯро дар дилхоҳ фаъолияти иқтисод мустақилияти комилро дар асоси ба даст овардани фаоида ё манфиатҳои шахсӣ ба роҳ мемонад. Дар ин хусус барои рушди ин соҳа сармоягузорон ба хоҷагиҳои деҳқонӣ дар асоси манфиати тарафайн бояд фаъолият намояд.

Бо сабабҳои паст будани сатҳи дониши хоҷагидорон дар парвариши пахта ва набудани мутахасисони соҳа, ки вобаста ба замин маҳсулот кишт карда шавад. Мувофиқи мушоҳидаҳо маълум гардид ки дар заминҳое пахта кишт карда шудааст, ки сатҳи обҳои зеризамини баланд буда, пахтаи киштшуда 20см. қад мекунад. Хоҷагидорон ба мутахассисони касбӣ ниёз доранд.

Норасоии техникаи кишоварзӣ омили муҳими ҳоҷагиҳои деҳқонии минтақа мебошад. Мувофиқи татқиқотҳои боло бисёри хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор барои хариди техникаи кишоварзӣ имконияти кофӣ надоранд.

Дар ин хусус сармоягузри ба фондҳои асосӣ иқдоми саривақтӣ буда, аз навсози ва таҷдиди техникаи кишоварзии камхароҷот ё фароҳам овардани шароити мусоиди қонунгузорӣ зарур мебошад. Бинобар ин, ташкили марказҳои хизматрасонии техникаи кишоварзӣ ё паркҳои техникӣ бо хизматрасонии нархҳои дастрас муҳим арзёбӣ мегардад. Ин амал барои фароҳам овардани ҷойи корӣ барои аҳолии минтақа ва таъмини кишоварзон бо техникаи кишоварзӣ мегардад, ки ин бевосита ба сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ ниёз дорад.

Таъмини хоҷагиҳои деҳқонӣ бо нуриҳои менералӣ омили муҳими самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор мебошад. Чуноне мушоҳидаҳо нишон медиҳад қисми зиёди хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори минтақа бе захираи нуриҳои менералӣ фаъолият мекунанд, ки дар ҳолати зарури нархи дастраснамудани он дучанд гашта қисмати зиёди хоҷагидорон дастраси надоранд. Дар ин хусият хамкории давлат бо бахши хусусиро талаб менамояд.

Мувофиқи таҳлилҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақа биржаи ягона оид ба нарх гузории пахта вуҷуд надорад. Аз ин ҳолат миёнаравҳо истифода бурда аз деҳқон бо нархи арзон дастрас намуда, барои коркарди пахта ба корхона бонархи қимат месупоранд. Бештари хоҷагидорон бинобар зуд-зуд тағйирёбии нархи пахта барои киштӣ он ҳавастманд нестанд.

Бештари ҳолатҳо аз беназорат мондани хоҷагиҳои деҳқони пастшавии ҳаҷм истеҳсоли пахта мегардад, ки бе восита ба гароншавии нархи озуқаворӣ мегардад. Чуноне маълум мебошад бо ворид намудани маҳсулот пасткардани нархи он басо мушкил мебошад. Бе таваҷҷуҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба баландшавии нархҳо хоҳад гашт зеро деҳқони асил бе қитъаи замин монда шахсони тасодуфии дур аз соҳа соҳиби замин мегардад.

Дар хотима бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори вилояти Хатлон ба сармоягузории воситаҳои асоси ва фаъолияти

шарики ниёз дошта дар ҳолати рушт қарор дорад ва сармоягузори ба ин соҳа муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳқиқотҳои параграфии мазкур ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти категорияи рақобатро муайян карда ва омилҳои баҳодиҳӣ ва рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори вилояти Хатлонро арзёби намуда хулосаҳои зарурӣ барорем. Яке аз муҳимтарин омилҳои рақобатпазирии пахтакории хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон ин талабот ба маҳсулоти дилхоҳ корхона ё соҳаи алоҳида ва ё ба содирот нигароншудаи мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки яке аз муҳимтарин маҳсулоти содиршавандаи мнтақаи мазкур пахта ё маҳсулоти пахтагин мебошад, ки дар ҳаҷми зиёда аз 50 фисади содироти вилояти Хатлонро ташкил менамояд.

Мувофиқи таҳлилҳои боло яке аз устувории рақаботпазирӣ ин муайян намудани мавқеи бозори дар талабот ба маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. Дар ин асос ба пахта ё маҳсулоти пахтагин талабот дар дохил ва ё хориҷи кишвар зиёд мебошад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои дар давраи солҳои таҳлилшаванда зиёда аз 90 фисади ММД-ро маҳсулоти минтақавӣ ташкил дода ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшудаи вилояти Хатлон бошад 29-30 фисади маҳсулоти минтақаро ташкил додааст. Бевосита ҳаҷми маҳсулоти саноати бошад дар маҷмуи маҳсулоти минтақа 39-40 фисад буда, маҳсулоти кишоварзӣ бошад зиёда аз 75-80 фисади маҳсулоти минтақаро ташкил медиҳад. Ҳиссаи маҳсулоти саноатии минтақа дар маҳсулоти саноати ҷумҳурӣ дар ҳаҷми 26-30 фисад, маҳсулоти кишоварзии минтақа бошад дар муқоиса ба маҳсулоти умумии кишоварзӣ 45-50 фисад мебошад. Аз ин нишондиҳандаҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафи 4-уми стратегӣ, ки саноатикунонии босуръати кишвар мебошад зиёд кардани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо роҳи шумораи корхонаҳои коркарди пахта ва ё зиёд намудани номгуи маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад.

Яке аз роҳҳои асосии ноил гардидан ба устувории иқтисодиёти минтақа ва таъмин намудани рушди иқтисодӣ ин коркарди ниҳоии пахтаи хоми ҷамоваришуда мебошад, ки бе сармоягузорӣ ва фаъолияти рафиқонаи

соҳибкорӣ ба ин соҳа, ғайри имкон аст. Чораҳои мазкур имконият медиҳад, ки рушди бахши пахтакорӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ғани гардонидани буҷети маҳаллӣ, афзоиши маҳсулоти саноатӣ ва ғайраҳо дар минтақа таъмин мегардад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили низоми идоракунии сармоягузорӣ фаъолияти хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон чунин хулоса баровардан мумкин аст:

¬ *Тавсифи ҳолати воқеии хоҷагиҳои пахтакор бо иттилооти саҳеҳ ҳамчун иттилооти базавӣ барои муқоисаи нишондиҳандаҳои лоиҳаи сармоягузорӣ;*

¬ *Ҷамбаст, коркард ва таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои самаранокии сармоягузории хоҷагиҳои пахтакор;*

¬ *Таҳлили динамикии сармоягузорӣ ва омилҳои ба он таъсиркунандаи бахши пахтакории хоҷагиҳо.*

Омӯзиши ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки рушди бахши мазкурро ба назар гирифта, оид ба самаранокии идоракунии раванди сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ хулосаҳои зарурӣ барорем:

•*Устувории рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ пахтакорӣ бо ҷалби сармоягузорӣ ва фаъолнамоии ҷалби сармоягузории асосӣ барои таҷдиди техника ва технологияи кишоварзӣ ба ин васила баландбардории рақобатпазирии он вобастаги дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки то кунун ба хусус соҳои мазкур дар минтақа сармоягузорӣ ба мушоҳида намерасад.*

•*Фаъолсозии раванди сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ба вуҷуд овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва сифатан тағйир додани идоракунии соҳаи пахтакорӣ ва коркарди он сармоягузориро талаб мекунад. Барои ин ташаккул додани механизми идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор аз ҷиҳати иқтисоди фоидаовар, ки ба афзоиши самаранокии соҳа мусоидат мекунад таҳия, пешниҳод ва тасдиқ карда шавад.*

•*Таҳлили вазъи иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ минтақа дар давоми 7 соли охир нишон медиҳад, ки хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор пайваста ба мушкилоти дарёфти маблағҳо дучор мешаванд.*

•*Яке аз шаклҳои фаъолсозии сармоягузорӣ ташкил намудани фонди минтақавии дастгирӣ ва рушди бахш хоҷагиҳои пахтакори деҳқонии минтақа мебошад. Мақсади асосии фонд мусоидат намудан ба раванди сармоягузорӣ, додани қарз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ бо фоизҳои паст мебошад.*

БОБИ 3. ИМКОНОТИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОРИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Боби 3.1. Самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти зарароварии хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон

Бахши кишоварзӣ муҳимтарин бахши иқтисодиёти вилояти Хатлон буда ва рушди он вазифаи асосии иқтисодии ҳокимияти давлатии минтақа ба ҳисоб меравад, зеро иқтидори иқтисодии минтақа бештар ба бахши кишоварзӣ вобаста аст, ки аҳолиро бо ғизо, хоҷагиҳои чорвопарварӣ ва корхонаҳои саноати хурокворӣ ва саноати сабукро бошад бо ашёи хом таъмин мекунад.

Барқарорсозии иқтисодиёти зарароварии хоҷагиҳои пахтакор яке аз масъалаи муҳим барои рушди деҳот ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Барои илман асоснок, самаранок, пешбурдани ин раванд як қатор самтҳои асосиро метавон гурӯҳбанди намуд.

Ҷадвали 3.1. Гурӯҳҳо, самтҳо ва чораҳои барқарорсозии иқтисодиёти зарароварии хоҷагиҳои пахтакор.

№	Гуруҳҳо	Самтҳо	Чораҳо
1.	Самти ташкиливу идоракунӣ	Такмили идоракунӣ	Ҷорӣ намудани системаи муосири менеҷмент, ҳисобдорӣ ва назорат
		Кооператсия ва ҳамкориҳо	Мутаҳид кардани хоҷагиҳои хур ба ассотсиатсияҳо ё кооператсияҳо барои баланд бардоштани қувваи бозорӣ.
		Баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ	Омӯзиши роҳбарон ва мутахассисон дар соҳаи идоракунӣ, маркетинг ва истифодаи самараноки захираҳо.
2.	Самтҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ	Ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ	барои таҷдиди техника, таҷҳизот ва системаҳои обёрӣ
		Дастгирии давлатии молиявӣ.	тавассути қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо ва грантҳо
		Эҷоди механизмҳои суғуртавӣ	суғуртаи маҳсулоти кишоварзӣ аз хавфҳои табиӣ (хушксолӣ, сели об, зараррасонҳо).
3	Самтҳои технологӣ ва истеҳсолӣ	Механиконидан ва автоматизатсия	истифодаи техникаи нави пахтасосӣ, тухмипарварӣ ва ҷамъоварӣ
		Навсозии тухмӣ	ҷорӣ намудани навъҳои серҳосил ва ба хушкӣ тобовар.
		Истифодаи технологияи каммасрафи об	обёрии қатрагӣ ва дигар усулҳои сарфакорона
		Ҳифзи замин ва баланд бардоштани ҳосилхезӣ	истифодаи нуриҳои органикӣ ва минералӣ, киштгардон, беҳтарсозии заминҳои шӯршуда

Идомаи ҷадвали 3.1.

4	Самтҳои иҷтимоӣ ва кадрӣ	Баланд бардоштани маоши деҳқонон ва кормандон	барои ҳавасмандгардонии онҳо
		Омӯзиши мутахассисон	курсҳои такмили ихтисос оид ба агрономия, агробизнес, идоракунӣ
		Эҷоди ҷойҳои нави корӣ дар асоси коркарди амиқи пахта	на танҳо фурӯши ашёи хом, балки истеҳсоли маҳсулоти тайёр
5	Самтҳои бозор ва тиҷорат	Тавсеаи бозори дохилӣ ва хориҷӣ	ҷустуҷӯи харидорони нав, шартномаҳои содиротӣ
		Истеҳсоли маҳсулоти иловагӣ	коркарди нахи пахта, равған, хӯроки чорво
		Ташкили марказҳои савдо ва логистика	барои осон кардани дастрасӣ ба бозорҳо ва кам кардани хароҷоти нақлиётӣ
6	Самтҳои ҳуқуқӣ ва институционалӣ	Такмили заминаи қонунгузорӣ	ҷорӣ намудани қонунҳо барои дастгирии хоҷагиҳои пахтакорӣ
		Идоракунии шаффоф	коҳиши коррупсия ва таъмини дастрасӣ ба маълумоти иқтисодӣ

Сарчашма: *Таҳияи муалиф дар асоси омузиши адабётҳо*

Барқарорсозии иқтисодиёти зарароварии хоҷагиҳои пахтакорӣ бояд дар чорчӯбаи комплексӣ (ташкиливу идоракунӣ, молиявӣ, технологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ) амалӣ карда шавад. Танҳо бо ҳамгироии ин самтҳо имкон медиҳад, ки истеҳсол самаранок, рақобатпазир ва даромаднок гардад.

«... Таҳлилҳо ва пурсишҳои мутахасисон гувоҳӣ медиҳад, ки ин бахши афзалиятноки вилояти Хатлон мебошад, вале бо сабабҳои зерин рушд намекунанд» [117].

- Сатҳи назарраси муҳоҷират, қисми зиёди аҳолии қобили меҳнати деҳот занону пиронсолон мебошанд. Ҳамин тариқ, аксари корҳоро дар бахши кишоварзӣ бахусус парвариши пахтаро занҳо анҷом медиҳанд, ки дар аксари ҳолатҳо аз ҳуқуқи одитарини хоҷагидорӣ бархурдор нестанд, масалан андозаи саҳми замин дар хоҷагии деҳқонӣ, дастрасӣ ба молия ва қарз.

- Дастрасии маҳдуди истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба захираҳои молиявӣ дар ин марҳилаи рушди соҳа яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, колективӣ, ассотсиатсияҳо ва кооперативҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои парвариш, истеҳсол ва такористеҳсолкунии васеъ ба танқисии захираҳои молиявӣ рӯ ба рӯ мегарданд;

• Набудани техникаи кишоварзӣ ва қарзҳои имтиёзноки кишоварзӣ, барои воридшавии сармоягузорӣ барои хариди техникаи нави кишоварзӣ монеъа мешавад.

• Дастрасӣ ба ҷалби сарчашмаҳои сармоягузории беруна ниҳоят маҳдуд аст. Хавфҳои баланди сармоягузорӣ аксарияти сармоягузоронро маҷбур мекунанд, ки сиёсати хеле эҳтиёткоронаи сармоягузориро пеш гиранд. Зеро дар соҳаи кишоварзӣ шаффофияти иттилооти молиявӣ ба чашм намерасад.

• Хоҷагиҳои деҳқонӣ барои гирифтани қарз бо шартҳои анъанавӣ ҳавасманд нестанд зеро маҳсулоти аввалидараҷаи хоҷагиҳои деҳқонӣ баъд аз гузаштани давраи муайяни вақт барои фурӯш омода гашта даромад меоварад ва то ин давра бояд ба шарти анъанавии қарзи бонкӣ як қисми маблағи асоси ва подоши он ба бонк баргардад. Дар ҳолати барнагардонидани маблағ ва подоши он гарави хоҷагии деҳқонии гузошташударо бонк гирифта ба фурӯш мебарорад дар натиҷа хоҷагии деҳқонӣ бе техникаи кишоварзи монда коркарди техникии хоҷагидорӣ кам гашта ба зарар рӯ ба рӯ мегарданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол то сол қарзи кредитории соҳаи кишоварзӣ рӯ ба зиёдшавӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки қисмати хоҷагиҳои кишоварзӣ зарар дидаанд ва чунин ҳолат дар ҷадвали зерин нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3.2. - Тағйирёбии қарздории дебиторию кредиторӣ ва фоидаю зарари соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон (ҳазор сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**Сол и 2023 нисбат ба сол и 2015**
Қарздори дебиторӣ	22225,3	3503,7	33661,5	29444,4	282877,9	312760,2	495915,7	601129,3	384985,2	**362759,9**
Қарздори кредиторӣ	28063,9	104027,6	93695,7	413955,4	446409,9	753148,2	1143846,6	905754,4	972333,7	**944269,8**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44, С. 235-241].

Аз маълумотҳои дар ҷадвал дарҷ гардида бармеояд, ки қарзҳои дебитории соҳаи кишоварзии соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба миқдорӣ 216144,1 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфта бошад ҳам, қарзӣ кредитории соҳаи кишоварзӣ дар ин давра дар ҳаҷми 66579,3 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст. Таҳлили ҷадвали 3.2 нишон медиҳад, ки танҳо дар соли 2023 қарзҳои кредитории соҳаи кишоварзи 2,5 маратиба аз қарҳои дебитори зиёд мебошад.

Аз маълумоти ҷадвал маълум мегардад, ки ҳарчанд қарздории дебитории соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар соли 2023 нисбати соли 2015 дар ҳаҷми 362759,9 ҳазор сомонӣ афзуда бошад ҳам, аммо қарздории кредитии соҳаи мазкур дар ин давра дар ҳаҷми 944269,8 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст. Ин ҳолат боиси паст гардидани сатҳи ҷолибнокии сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакори мегардонад, зеро табиист, ки соҳаи зарарбинанда бошад ба ин соҳа сармоягузор пеш аз ҳама ба он соҳаҳое сармояи худро мегузорад, ки дар он ҷо фоиданокӣ ба чашм мерасад. Аз таҳлилҳои боби 2 маълум гардид, ки соҳаи пахтакорӣ яке аз қисматҳои муҳим ва фоидаоварандаи кишоварзӣ мебошад.

Мувофиқи маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ сол ба сол рӯ ба афзоиш дорад, ки ин ҳолат метавонад барои сармоягузорӣ монеаҳо эҷод намояд. Барои исботи ин гуфтаҳо аз маълумотҳои оморӣ истифода бурда, ба графики зерин ҳолати воқеиро муайян месозем.

Тавре ки аз таҳқиқи масъала бармеояд, ҳиссаи фоида дар байни хоҷагиҳои парваришкунандаи пахта нисбат ба соҳаи коркард ва фурӯши он хеле кам мебошад, зеро хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор бештар фоидаи пасттар мегиранд. Ҳамзамон, соҳаи пахтакорӣ дар вилояти Хатлон соҳаи муҳимтарини истеҳсолоти неъматҳои моддӣ мебошад ва аксарияти аҳолӣ дар ин соҳа соҳиби шуғлгардида ба истеҳсоли мол ва иҷрои хизматрасонӣ вобастаанд.



Расми 3.1.-Қарздории дебиторӣ ва кредитории соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44. С.235-241].

Аз расми 3.1. боло дида мешавад, ки дар соҳаи кишоварзӣ қарзи кредитори дар соли 2023 бештар афзуда аст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 34,6 маротиба зиёд мебошад.

Аз ин рӯ хоҷагиҳои деҳқонӣ ба сармоягузорӣ ва ё қарзҳо аз нигоҳи исломӣ ниёз доранд. Аз таҳлилҳои боло маълум гардид, ки солҳои охир хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ вилояти Хатлон бо сабабҳои субъективӣ ва объективӣ ба як қатор душвориҳо дучор омада аз натиҷаҳои молиявии кишти пахта қаноатманд набуда, барои кишти ин намуди маҳсулот хавасманд нестанд. Ба ин ҳолат дучор омадани соҳаи пахтакориро бо чунин омилҳо шарҳ додан мумкин аст:

Омили асосиро фарсудашавии инфрасохтори коркард, техникаи кишоварзӣ ва баландшавии нархи нуриҳои минералӣ, химиявӣ ва сӯзишворӣ мебинанд. Яке аз омилҳои муҳим баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин дар асоси хусусигардонии он ба шумор меравад ва дар ин самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррасеро ба анҷом расонидааст. Новобаста аз он, ки солҳои охир истифодаи замин беҳтар гардидааст, хусусигардонии замин як қатор тамоюлҳои манфиро низ эҷод намудааст. Солҳои охир ба мушоҳида мерасад, ки раисони хоҷагиҳои деҳқонӣ посбони заминҳои кишт гардида, ба фурӯш ва иҷорадодани заминҳои дар ихтиёрашон бударо амалӣ карда истодаанд, ки ин

ҳолат ба маърифати рушди соҳаи пахтакорӣ дар вилояти Хатлон таъсири манфӣ мерасонад.

Ин аз он шаҳодат медиҳад ки дар заминаи мубаддал гардонидани колхозу совхозҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ беназорат мондани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар парвариш ва истеҳсоли пахта ба назар мерасад, ҳарчанд сол ба сол шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), корхонаҳои коркарди пахта, коргоҳои пахтатозакунӣ, корхона ва коргоҳои дӯзандагӣ, корхонаҳои ресандагӣ рӯ ба афзоишёби доранд. Ҳукумати вилояти Хатлон бояд амалигардонии чорабиниҳое, ки барои ташаккулу дигаргунсозии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ соҳаи кишоварзӣ, имтиёзҳои иловагиро пешниҳод намояд. Ба ҳолати 1-уми январи соли 2020 дар ҳудуди вилояти Хатлон 30 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ тадбиқ гардида истодааст, ки маблағи умумӣ дар доираи онҳо дар вилоят аз худ шуда 452 млн. доллари ИМА, мубодилаи 4,3 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар вилояти Хатлон дар давраи то 1 -уми июли соли 2020 дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 3 лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 18766,8 ҳазор доллари ИМА амалӣ шуда истодааст (ниг. ба ҷадвали 3.3)

Ҷадвали 3.3.-Маълумот оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар давраи то 1.04 соли 2025 сол (ҳазор доллари ИМА)

№	Номгӯйи лоиҳаҳо (сарчашмаҳои маблағгузорӣ)	Маблағи умумии лоиҳа дар Ҷумҳури	Оғоз ва анҷомӣ лоиҳа	Маблағи аз худшуда дар вилояти Хатлон
1.	Лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа» бо маблағгузории **(Фонди байналмилалии рушди соҳаи кишоварзӣ, саҳми Ҳукумати ҶТ ташкилотҳои хизматрасон ва аҳолӣ)**	39072,0	08.02.2018 31.03.2024	10517,5
2.	Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» **Лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» (Бонки Ҷаҳонӣ)**	108 000,0	30.06.2021 30.11.2026	0,0

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [40].

Аз маълумоти ҷадвали 3.3 бармеояд, ки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ҳамасола мавҷуд аст, вале ба соҳаи муҳими стратеги пахтакории кишоварзии вилояти Хатлон то ҳол ҷалби сармоя ба мушоҳида намерасад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки амалигардонии дилхоҳи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ қазияҳои хос доранд, яъне дараҷаи хавфи сармоягузорӣ дар ин соҳа каме баланд буда, самаранокии он пастар мебошад. Ҳол он, ки таҳқиқотҳои мо нишон доданд, ки дар соҳаи пахтакорӣ фоида нисбат ба дигар соҳаҳо зиёд мебошад. Аз ин лиҳоз, барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакории кишоварзӣ ва таъминоти устувори рушдӣ соҳа, лоиҳаҳои сармоягузорие, ки дар оянда амалӣ карда мешаванд бояд афзалиятҳои зеринро дар бар гиранд:

1. Барқарорсозии зерсохтори соҳаи кишоварзӣ, яъне ташкили пойгоҳи моддӣ техникӣ дар ҳар як ноҳияҳои вилояти Хатлон;

2. Таъсиси ташкилотҳои қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ, яъне додани қарз бо шартҳои шарикӣ аз рӯйи ҳиссаҳо, ки бештар ба ин намуди қарздиҳӣ аз нигоҳи ислом бо тариқи мушорака рост меояд;

3. Бо мақсади рушди устувории содироти маҳсулоти пахтагин зиёд кардани номгӯйи меҳсулотҳое, ки шёи хомаш пахта мебошад муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро он метавонад барои баланд бардоштани самаранокии парвариш аз худкарданӣ бозори фурӯш ва яке аз роҳҳои пешгирии муфлисшавии хоҷагиҳои пахтакор гардад;

4. Ташаккули занчири иловашудаи арзишӣ дар соҳаҳои коркарди пахта ба монанди дастрасии деҳқонҳо барои коркарди пахта бо мақсади фурӯши маҳсулот ҳамчун ашёи хом;

5. Бозоршиносии маҳсулоти пахта, бозори озоди фурӯши маҳсулоти пахтагин бо мақсади аз байн бурдани фишангҳо барои фурӯши пахтаи истеҳсол намудаи деҳқон.

Бояд қайд намуд, ки ташкили лоиҳаҳои рушдӣ хоҷагии қишлоқ дар шароити кунунии пахтакории вилояти Хатлон ба чунин натиҷаҳо оварда мерасонад:

Баланд бардоштани самаранокии соҳаи пахтакорӣ тавассути ширкати фаъолонаи бахши хусусӣ, чунки хоҷагидорон барои кишти пахта ба базаи моддӣ техникӣ ниёз доранд дар коркарди байни қаторҳо ва ҷамъоварии ҳосили пахта ба техникаи кишоварзӣ зарурат доранд. Парвариши пахта бе техникаи кишоварзӣ ғайри имкон аст. Пахта ягона маҳсулоти кишоварзии техника талаб мебошад, бинобар ин хоҷагидорон барои кишти он ҳавастманд нестанд то як андоза маҷбур низ мебошанд, ки маҳсулоти дигари кишоварзии бе истифодаи техники парвариш намоянд ва ё ин, ки маҳсулотеро истеҳсол менаоянд, ки техникаи кишоварзиро кам талаб намояд (масалан гандум, юнучқа ва амсоли инҳо). Таносуби ба воситаҳои техники таъмин буданӣ хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори вилояти Хатлон ва таъсири он ба ҳосилнокии пахта дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Ҷадвали 3.4.-Динамикаи таносуби фондмусаллаҳшавии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	Воҳиди ченак	Солҳо								
		2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Замини кишти пахта	гектар	113045	115535	119550	122404	122097	124175	**121236**	121694	116216
Ҳамаи намуди тамғаҳои техникии кишоварзӣ	адад	4021	12230	12144	12639	13155	13045	13173	13396	13633
Фондмусалаҳии хоҷагиҳои пахтакор	Гектар адад	**28,113**	**9,4468**	**9,8443**	**9,6846**	**9,2814**	**9,5189**	**9,2033**	**9,0843**	**8,5246**
Ҳосилнокии пахта	Сентнер аз 1га	**16,7**	**16,7**	**21,7**	**14,6**	**21,9**	**22,3**	**22,3**	22,5	19,7

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [46 - *С. 10,21,61*].

Чи тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 3.4 мушоҳида мешавад дар давраи таҳлилшаванда замини кишти пахта дар солҳои 2023 нисбат ба соли 2015 дар ҳаҷми 2,8% афзудааст, вале фонмусалаҳии хоҷагиҳои пахтакор қариб 3,3 маротиба коҳиш ёфтааст, ки ин ҳолат ҳосилнокии дилхоҳи хоҷагиҳои пахтакорро таъмин карда наметавонад. Бо техникаи муосири кишоварзӣ дар сатҳи кофи таъмин набудани хоҷагиҳои пахтакорӣ вилоят ҳосилнокӣ баланди пахтаро таъмин карда наметавонад. Ин ҳолат собит мекунад, ки сармоягузорӣ ба ин соҳаи хеле муҳими иқтисодиёти кишвар зиёд карда шавад ва барои ноил шудан ба ин аз механизмҳои нави сармоягузорӣ бо ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ

мумкин аст. Бо вуҷуди кам гардидани воситаҳои техникии кишоварзӣ ин воситаҳо моликияти шахсӣ буда, на ҳама хоҷагидорон ин воситаҳоро доранд. Воситаҳои техникии кишоварзӣ бинобар сабабҳои бе иҷозатномаи истифодабарӣ, ба ҳамаи хоҷагидорон дастрас нестанд.

Аз таҳлилҳо маълум гардид, ки яке аз омилҳои коҳиш ёфтани ҳосилнокии пахта дар минтақа дар ҳолати бад қарор доштани иқтидори техникӣ, таъмини хоҷагиҳо бо трактороҳо, риоя накардани технологияи кишоварзӣ ва вайрон гардидани механизми бозории талабот ва пешниҳод мебошад.

Аз солҳои 2015 то солҳои 2023 дар соҳаи зироаткорӣ коҳиши бе андозаи техника ва технологияи кишоварзӣ ба назар мерасад. Аз соли 2023 инҷониб хоҷагиҳои деҳқонӣ бо воситаи худӣ барои таъмини фаъолияти пахтакорӣ воситаҳои техникӣ харидорӣ намудаанд. Аммо барои рушди соҳаи пахтакорӣ хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор ба техника ва технологияи замонавӣ ниёз доранд. Ҳалли ин масъала танҳо тавассути афзоиш додани сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ барои харидории техникаи кишоварзӣ ва ҷорӣ намуданӣ технологияи замонавӣ ба даст овардан мумкин аст.

Истифодаи техника ва технологияи кишоварзӣ боиси афзоиши ҳосилнокии пахта ва самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор мегардад. Бо норасогии захираҳои молиявӣ дар замони муосир рушди иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор ва имкониятҳои рушди захиравии табии ҳосилнокии пахта ғайри имкон аст. Зеро навсозии равандҳои парвариш, ҷамъоварӣ ва таҳиянамоии механизми инкишофи бозори хизматрасонии воситаҳои техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ марҳила ба марҳила тадбиқшавиро тақозо менамояд.

Аз нуқтаи назари мо, ки барои зиёд намудани истеҳсоли пахта ва зиёд намудани майдони кишт бояд ҷараёни сармоягузорӣ ба ин соҳаи калидии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд карда шавад.

Ташкили бозори хизматрасонии воситаҳои техникии кишоварзӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ба вуҷуд овардани зерсохтори дахлдор ба як қатор шартҳое, ки ба онҳо: вазъи умумии иқтисодиёт сиёсати иқтисодӣ, қонунгузории соҳа ва мавҷудияти рақобат дохил мешванд, вобаста аст.

Маҳсулоти асосии соҳа нах ба ҳисоб меравад, ки он барои рушди саноати сабуки минтақа ашёи хоми қимматнок ва барои тамоми кишварҳо захираи содиротӣ буда, бешубҳа барои рушди иқтисодиёт, таъмини даромади буҷети минтақа аҳамияти калон дорад. Тухми пахта манбаи асосии равғани растани буда аз як тонна пумбадона метавон 150-180кг равған истеҳсол намуд. Пусти пумбадона (кунҷора) барои рушди чорводорӣ хӯроки пурқимат мебошад. Бутаи пахта (ғузапоя) сузишвории асосии мардуми деҳот ба ҳисоб меравад. Пахта тақрибан аз пахтаи хом (нахи тухмдор) - 33%, барг - 22%, поя (гузапая) - 24%, клапанакҳо - 12% ва решаҳо - 9% иборат аст. Номгӯйи маҳсулотҳо мувофиқи стандарти давлати оиди парвариш, исттеҳсол ва коркарди аввалиндараҷаи пахта ҳамчун ашёи хом дар ҷадвали 3.5 оварда шудааст.

Ҷадвали 3.5.-Истеҳсоли маҳсулот аз як тона пахтаи парвариш кардашуда мувофиқи стандарт

Навъи пахта	Номгуи маҳсулот					
	Нах %	Пумбадона %	Линт (тибит) %	Улюк (торак)%	Пух (пади циклонӣ) %	Угар %
1.	32–35	56–62	1,0–2,5	0,3–0,8	0,3–0,7	4,5–5,6
2.	31–34	55–62	1,1–2,7	0,4–0,9	0,3–0,9	5,5–7,7
3.	29–33	53–60	1,3–2,7	0,5–1,1	0,3–1,1	7,7–11,5
4.	28–33	53–57	1,5–3,0	1,0–1,4	0,4–1,3	9,1–13,7
5.	24–32	52–56	1,7–2,9	0,6–1,5	0,6–1,6	10,4–15
Бо ҳисоби миёна	31,1	56	2,04	0,75	0,75	9,07

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [125].

Дар корхонаҳои коркарди пахта, «... аз 1 тонна пахтаи хом, тақрибан 340 - 350 кг нахи пахта (хлопковое волокно), 10 - 12 кг тибит пахта (хлопкового пуха), торак нахдор (волокнистого улюка) ва 600 - 620 кг тухмӣ (семян) ба даст оварда мешавад. Дар навбати худ тухм (пумбадона) метавонанд 130-150 кг равғани истеъмолӣ, 220 - 225 кг трот (жмыха), 10 - 80 кг линт (линта), 25 - 30 кг делинт (подпушка) ва 175 - 180 кг пӯсти пахта (шелухи) диҳанд» [125].

Ҷадвали 3.6.-Коркарди пахтаи хом дар корхонаҳо ва истеҳсоли маҳсулотҳои дигари истеҳсолӣ тайи солҳои 2015-2023

Нишондиҳандаҳо	ченак	Солҳо								
		2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Ҷамъи Ҳосили пахта	тон	188340	193049	259277	178760	266789	277221	270002	273230	229089
Аз ҷумла Нахи пахта	тон	64977,3	66601,9	89450,6	61672,2	92042,2	95641,2	93150,7	94264,4	79035,7
Пухи пахтагӣ ва гамбӯсаки нахдор	тон	2071,7	2123,5	2852,0	1966,3	2934,6	3049,4	2970,0	3005,5	2520,0
Тухм (пумбадона)	тон	114887	117760	158159	109044	162741	169104,8	164701,2	166670,3	139744,3
Хамагӣ	тон	181936,4	186485,3	250461,6	172682,2	257718,2	267795,5	260821,9	263940,1	221299,9
Фарқият	тон	-6403,5	-6563,6	-8815,4	-6077,84	-9070,8	-9425,5	-9180,1	-9289,8	-7789,0
Аз ҷумла аз пумбадона Равғани истеҳмолӣ	тон	16084,2	16486,4	22142,26	15266,16	22783,74	23674,7	36515,1	36951,6	30982,0
Кунҷора (Жмиха)	тон	25504,9	26142,7	35111,3	24207,7	36128,5	37625,8	36646,0	37084,1	31093,1
Линт (линта)	тон	5169,9	5299,2	7117,1	4906,9	7323,3	7609,7	7411,5	7500,11	7500,1
Делинт (подпушка)	тон	3159,3	3238,4	4349,3	2998,7	4475,3	4650,4	4529,3	4583,4	3842,9
Пӯсти пумбадона (шелухи)	тон	20392,4	20902,4	28073,2	19355,3	28886,5	30016,1	29234,5	29584,0	24804,6
Ҳамагӣ	тон	70310,8	72069,1	96793,3	66734,9	99597,4	103576,7	114336,4	115703,3	98222,8
Фарқият	тон	-44576,2	-45690,8	-61365,6	-42309,1	-63143,5	0,612	0,694	0,694	0,703

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [125. 39. С. -152;].

Нахи пахта ҳамчун ашёи хоми асосии бофандагӣ, трикотаж ва дигар саноати сабук хизмат мекунад. Ба таркиби нахи пахта селлюлоза (97,0-98,5%), пектинҳо (0,8-1,0%), чарб, мом (0,3-1,0%), азот ва сафедаҳо (0,2 -0,3%) ва дигар моддаҳо мавҷуд мебошад.

Ҷадвали 3.7.-Муқоисаи даромади 1-гектар замини хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори Қаноати А.Ҷомӣ ва корхонаҳои коркарди пахтаи хом дар соли 2023 ва истеҳсоли маҳсулотҳои дигари истеҳсоли бо нархҳои соли 2023

Мувофиқи маълумоти Хоҷагии деҳқонии пахтакори Қаноати А.Ҷомӣ			
Нишондаиҳандаҳо	**Ченак**	**Нарх**	**2023**
Ҷамъи ҳосили пахта	Тона	-	2.2
	Сомонӣ	11000	24200
Ғузапоя	**Дарза**	-	1000
	Сомонӣ	5	5000
Ҳамагӣ	**Сомонӣ**	**-**	**29200**
Даромади корхонаҳои коркарди пахтаи хом дар зинаи аввали коркард бо истеҳсоли маҳсулотҳои дигар мувофиқи маълумоти Агенти Тоҷикстандарт			
Нахи пахта (мувофиқи биржаи Ливерпул дар соли 2023)	Тона	-	0,682
	Сомонӣ	**2376**	**1620,43**
Пухи пахтагӣ	Тона	-	0,0165
	Сомонӣ	**13,20**	**21,78**
Торак (улюк)	Тона	-	0,0165
	Сомонӣ	**5,28**	**87,12**
Линта	Тона	-	0,04488
	Сомонӣ	**10,56**	**473,93**
Делинт (подпушка)	Тона	-	0,0297
	Сомонӣ	**7,92**	**235,22**
Тухм (пумбадона)	Тона	-	1,232
	Сомонӣ	**6**	**7392**
Ҳамаги даромади корхонаҳои коркард	**Сомонӣ**		**9830,48**
Даромади корхонаҳои коркарди пахтаи хом дар зинаи дуюми коркард бо истеҳсоли маҳсулотҳои дигар			
Аз ҷумла аз пумбадона Руғани истеҳмолӣ	Тона	-	0,308
	Сомонӣ	**18**	**5544**
Кунҷора (Жмиха)	Тона	-	0,4895
	Сомонӣ	**8**	**3916**
Пӯсти пумбадона (шелухи)	Тона	-	0,3905
	Сомонӣ	**6**	**2343**
Ҳамаги даромади корхонаҳои коркард	Сомонӣ	-	**11803**
Мувофиқи маълумоти ҶДММ ИИ «Нассоҷии тоҷик»			
Аз ҷумла аз Нахи пахта	Тона	-	0,682
Ришта	Тона	0,9	0,6138
Матоъ	Метр	8,5	5217,3
	Сомонӣ	**18**	**93911,4**
Ҳамаги даромади корхонаҳои коркард	**Сомонӣ**	**-**	**107910,48**
Даомади умуми аз як гектар замини пахта	**Сомонӣ**		**137110,48**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [47].

Аз ҷадвали 3.7 бар меояд, ки хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор аз як гектар замини пахта, ки агар 22 сентнер ҳосил диҳад дар ҳаҷми 29200 сомонӣ даромади гирифта корхонаҳои коркардӣ пахта дар давраи аввал дар ҳаҷми 9830,48 даромад мегиранд ва дар давраи дуюм бошад 107910,48 даромад ба даст меоранд. Даромади минтақави бошад аз як гектар замини кишт 137110,48 сомониро ташкил медиҳад.

Таъмини рақобатпазирӣ ва тақвияти неруи содиротии маҳсулоти пахтагин аст, ки яке аз соҳаҳои пешбарандаи кишоварзии минтақа ва зиёдтарин зироатҳое мебошад, ки ба хориҷ содир карда мешавад. Пас аз ба даст овардани Истиқлолият ва татбиқи ислоҳот, пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои 1997-1998 тағйироти назаррас ворид кард, барои соҳаи саноати сабук коркарди пахта душвор буд. Дар ин солҳо коҳиши истеҳсоли пахтаи хом бештар ба назар мерасид.

Тартиби ба қитъаҳои хурд тақсим кардани замин истифодабарандагони калони колхозу совхозҳо хеле таъсирнок буда ва дар ин давра институтҳои дастгирии давлатии кишоварзӣ амалан фаъолият накарданд, системаи таъминот бо об ва тухмипарварӣ ва ҳам бозорҳои фурӯши нахи пахта аз даст рафтанд. Баланд бардоштани ҳосилнокии пахта ва сифати он аз бисёр омилҳои беруна ва дохилӣ, аз ҷумла, ба баланд бардоштани ҳосилхезии замин ва сатҳи маданияти зироаткорӣ вобаста аст, ҷорӣ ва киштгардони аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи интенсивӣ ва кӯтоҳмуддаткунии кишти пахта махсусан муҳим аст.

Баландбардории ҳосилнокии пахта бевосита аз ислоҳоти низоми молиявӣ вобаста аст, зеро дастрасии сармоягузорӣ ва баланд бардоштани устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои пахтакор, такони ҷиддӣ мерасонад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо масъалаи ҷалби захираҳои молиявии ташкилотҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ, ба манфиати он шахсоне, ки ба коркарди аввалия ва минбаъдаи пахта фаъолият мекунанд, ҳал карда шавад. Системаи мавҷудаи қарзӣ ба дастгирии субъектҳои соҳаи пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи кишоварзӣ, бахусус ҳангоми маблағгузории хурду миёнаи тиҷоратӣ дар

соҳаи кишоварзӣ аз бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ бо сабабҳои фоизи баланд ва муддати кутоҳ хоҷагидоронро ҳавасманд намекунад.

Аз сабаби маҳдуд будани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ дар минтақаи Хатлон, сатҳи пасти рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва муҳлати истифодаи таҷҳизоти истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки яке аз самтҳои ислоҳоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва татбиқи ташкилотҳои қарзии исломӣ мебошад. Ҳамин тариқ, имкон дорад, ки низоми сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ густариш ёбад.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини ҳуқуқҳои баробар ва кафолатҳо барои истифодабарии замин, таъмини ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ кафолати рушди иқтисодиёти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» қабул гардидааст, ки Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣро таъмин мекунад.

Камшудани масоҳати заминҳои кишт, тағйирёбии иқлим сол то сол афзоишёбии шумораи аҳоли дар ҷаҳон ҳамаро ба таҳлука овардааст.

Дар солҳои охир вазъи иқтисодӣ ва геополитикӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон воридотивазкунии маҳсулот яке аз муҳимтарин вазифа дар назди саноати ватанӣ боқӣ мемонад. Дар айни замон маҳсулоти истеҳсолшуда бояд ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад, то ки рақобатпазирии маҳсулот ва рушди бозорҳои хориҷиро дар оянда таъмин намояд.

Яке аз самтҳои асосии иқтисодиёти зарароварии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори вилояти Хатлон таъсири тадриҷан гароншавии нархи сӯзишворӣ ва пастшавии нархи пахта ва ҳамчунин ҳосилнокии он мебошад, ки бевосита ба ҳавасмандии парвариш ва истеҳсоли пахтаи хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсир мерасонад, баҳисоб меравад.

Ҷадвали 3.8. Омилҳои асосии таъсиррасонандаи истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	Ченак	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Ҳосилнокии пахта	сент. га	14,6	21,9	22,3	22,3	22,5	19,7
Замини кишти пахта	ҳаз. га	122,404	122,097	124,175	121,236	121,694	116,216
Нуриҳои менералӣ ва заҳрхимикатҳо	ҳаз.тонна	20,4	24,1	20,3	20,0	19,7	22,8
Нуриҳои органикӣ	ҳаз.тонна	5,7	5,6	8,2	9,2	15	13,1
Ҳама намуди тамғаҳои техникаи кишоварзӣ	ҳаз. воҳид	12.639	13,155	13,045	13,173	13,396	13,633
Хароҷоти об ба 1 гектар замини кишти пахта	ҳаз. мет. мукааб	10,00	10,00	10,00	10,00	10,00	10,00

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [46 - *С.* 10, с.22, с.13, с. 17].

Аз ҷадвали 3.8 дида мешавад, ҳосилнокии пахта рӯ ба афзоиш дошта, бо ҳисоби миёна дар ин давра ҳарсол 6,17% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми замини кишти пахта дар солҳои 2018 то 2023 ҳар сол 1,03 % коҳишёфтааст. Нуриҳои менералӣ ва заҳрхимикатҳо 2,25%, нуриҳои органикӣ 18,1% ва ҳаманамуди тамғаҳои техникии кишоварзӣ бошад дар ин давра 1,52% ҳарсол афзоиш ёфтааст хароҷоти об бетағйир мондааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳосилнокии истеҳсоли пахта дар ин давраи таҳлилшаванда аз зиёд кардани замини кишт не балки аз омилҳои дигари ҷадвали 3.8 вобаста мебошад.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин давра шумораи корхона ва коргоҳи коркарди пахта рӯ ба зиёдшавӣ дорад. (ниг. ба ҷадвали 3.9)

Ҷадвали 3.9. -Шумораи корхонаҳо ва коргоҳи коркарди пахта

Номгӯи корхонаҳо	Ба 1 январи соли 2018	Ба 1 январи соли 2019	Ба 1 январи соли 2020	Ба 1 январи соли 2021	Ба 1 январи соли 2022	Ба 1 январи соли 2023	Ба 1 январи соли 2024
Корхона ва коргоҳои пахтатозакунӣ	192	195	165	170	175	177	186
Корхона ва коргоҳои дӯзандагӣ	93	38	30	33	33	35	32
Корхонаҳои ресандагӣ	8	5	4	6	6	6	6

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44- *С.* 7].

Мусаллам аст, ки бевосита афзоиши шумораи корхона ва коргоҳи коркарди пахта ба афзоиши нархи пахта ва ҳавастмандии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор барои кишт ва парвариши он хоҳад гашт.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 3.9 нишон медиҳад, ки шумораи коргоҳои пахтатозакунӣ, коргоҳи дӯзандагӣ ва ресандагӣ дар соли 2021 коҳишёфта солҳои 2022 ва 2023 дар вилояти Хатлон рӯ ба афзоиш дорад.

Ин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки дар солҳои наздик камчинии ашёи хом пахта ба миён меояд, бо сабаби набудани сармоягузориҳои арзон, фаъолияти ин корхонаҳо рушд наёфта истодааст. Далели гуфтаҳои боло дар се соли охир зиёдшавии шумораи корхонаю коргоҳи пахтатозакуниро нишон диҳад аммо маълумоҳои соли 2020 нисбат ба соли 2018 ба 14% ё 17 адад корхонаю коргоҳи пахтатозакунии муфлис шуда аз соли 2020 то 2022 бошад 6% ё 10 адад корхонаю коргоҳи пахтатозакунии нав ташкил карда шудааст. Дар ин давра корхона ва когоҳи дӯзандагӣ аз соли 2018 то 2020 67% ё 63 адад барҳамхурда аз соли 2020 то 2024 12,7% 21 адад корхона ва когоҳи дӯзандагии нав ташкил карда шудааст. Ҳамчунин дар ин давра шумораи корхонаҳои ресандагӣ аз соли 2018 то 2020 50% ё 4 адад барҳамхурда аз соли 2020 то 2024 10% 2 адад корхонаҳои ресандагӣ нав ташкил карда шудааст.

Дар умум аз соли 2024 нисбати 2018 6 адад корхона ва коргоҳи пахтатозакунӣ, 61 адад корхона ва коргоҳи дӯзандаги ва корхонаҳои ресандаги бошад 2 адад кам гардидааст, ки ин бевосита ба ҳаҷми истеҳсол ва парвориши пахта таъсири манфӣ мерасонад.

3.2. Мувофиқсозии равандҳои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон

Дар тӯли солҳои Истиқлолият соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон тадбирҳои бунёдии ислоҳоти иқтисодиро амалӣ намуд, ки ба ҷорӣ намудани муносибатҳои бозорӣ ва рушди моликияти хусусӣ дар деҳот равона карда шудааст.

Дар вилояти Хатлон аз соли 1991 то соли 2003 фаъолияти идоракунӣ самарабахш, ки ба талаботи рушди муосири иқтисодиёт ҷавобгӯ буда, деҳқонон,

хоҷагиҳои пахтакор ва корхонаҳои кишоварзӣ (ширкатҳо) мутамарказонида шудаанд. Дар асоси хусусиятҳои ҷумҳурӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ, ислоҳоти институтсионалии Кодекси замин дар деҳот, қонунҳо «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» [1]. ва як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ ки заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва кафолатҳои рушди шаклҳои гуногуни кишоварзиро фароҳам меоранд, қабул карда шуд.

Айни замон дар ҳама шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон аз 434315 га заминҳои киштӣ зироатҳо миёна 29,8% гектар замин фоиз майдони киштро пахта ишғол намуда, зиёда аз 76,7 фоизи маҳсулоти кишоварзии растанипарвариро ташкил мекунад, зиёда аз 16-18% маҳсулотирастани парвариро пахта ташкил медиҳад. Дар соҳаи саноат нақши парвариш ва истеҳсоли пахта муҳим арзёби мегардад, зеро 38,8% ҳаҷми истеҳсоли саноати коркардро маҳсулотҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ташкил менамояд. Аз нуқтаи назари меъёри самаранокии шаклҳои хоҷагидорӣ хоҷагиҳои пахтакор бартарӣ доранд. Гарчанде онҳо ҳанӯз ҳам аз ҳисоби ҳосилнокии пахтаи як гектар майдони кишт нисбат ба дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ камтар маҳсулоти истеҳсол менамоянд, аммо онҳо дар оянда аз рӯйи меъёри коркард, талабот, нигоҳдорӣ ва таъмини аҳолӣ ба ҷои кор ва ба ин васила ғани гардонидани моликият ва хароҷоти муомилот бартариҳои калон доранд.

Асосан аз ҳисоби дигаргуниҳои институтсионалӣ дар ҷумҳурӣ афзоиши устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба даст оварда шудааст, ки инро маълумотҳои пешҳодшуда тасдиқ мекунанд. Дар вилояти Хатлон зиёда аз нисфи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар шароите: «... замин барои бисёр оилаҳо манбаи асосии даромад мебошад, маҳз хоҷагиҳои деҳқонӣ ё фермерӣ варианти беҳтарини воҳиди истеҳсолоти кишоварзӣ шудааст. Зиёда аз нисфи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба истеҳсоли пахта ва зироатҳои ғалладонагӣ машғуланд, тақрибан 116216 га майдони киштро ишғол мекунанд» [44].

Дар тӯли солҳо маҷмуи чорабиниҳо оид ба таҳкими заминаи моддӣю техникии хоҷагиҳо, беҳтаргардонии ҳолати экологии қитъаҳои замини онҳо, таъмини афзоиши пай дар пайи ҳаҷми истеҳсолот, самаранокӣ ва даромаднокӣ аз

ҳисоби истифодаи оқилонаи замин, истифодаи самараноки захираҳои об ва моддӣю техникӣ амалӣ карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин баъзан хоҷагидорони деҳқонии калон ба фурӯши қитъаҳои замин барои таъсиси хоҷагиҳои деҳқонии хурд ба деҳқонон машғуланд, аммо қисмати зиёди деҳқононии асил барои харид ва таъсиси хоҷагии деҳқонии хурд маблағи кофӣ надоранд, бинобар ин заминҳои корам нокошта боқӣ мемонад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ дар қитъаи замине, ки ба сарварии оила барои мулки меросии якумра (бо дархости аъзои он) дода шудааст, ҳам бо ташкили шахси ҳуқуқӣ ва ҳам бидуни он фаъолият мекунанд.

«... ҷамъоварии ҳосили пахтаи вилояти Ҳатлон ҳанӯз ба сатҳи соли 1991 нарасидааст. Агар соли 1991 дар вилояти Хатлон 528 ҳазор тонна истеҳсол карда шуда бошад дар соли 2023 ба 229,09 ҳазор тонна расидааст. Пас мо гуфта метавонем, ки нисбат ба соли 1991 дар ҳаҷми 299 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда нашудааст» [44].

Албатта, хоҷагиҳое ҳастанд, ки ҳосилашон аз 30-35 ц / га зиёд аст, аммо касоне ҳастанд, ки ҳосили он ҳамагӣ 10-14 ц / га аст. Дар ин ҷо мо бояд ба он диққат диҳед, ки шумораи зиёди хоҷагиҳо ҳосили пахта то 10 ц / га доранд, гарчанде, ки пахта дар заминҳое парвариш карда мешавад, ки бояд аз 25ц/га баландтар аст, чаро ҳосилнокиашон тақрибан 14-16 ц / га ташкил медиҳад. Маълум аст, ки ба қисмати зиёди хоҷагиҳои деҳқони захираҳои моддӣ ва техникӣ кофи намерасад. Мушкилоти дигар он аст, ки гарчанде ки фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст ва ҳаҷми умумии сармоягузорӣ равона шуда ба дигар соҳаҳо меафзояд, аммо ҷалби маблағҳои хориҷӣ ва барномаҳои давлатии сармоягузорӣ, ҳиссаи сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, алалхусус ба соҳаи пахтакорӣ амали нагардидааст. Ҳоло он, ки соҳаи пахтакории вилояти Хатлон яке аз соҳаҳои фоидаоварандаи кишоварзӣ баҳисоб меравад.

Аз маълумотҳои оморӣ дида мешвад, ки ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар соҳаи саноати сабук соли 2023 нисбат ба соли 2014 дар ҳаҷми 2335921,2 ҳазор сомонӣ дар вилояти Хатлон зиёд гардидааст [44]. Яъне, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар соҳаи саноати коркард сол

то сол тамоюли зиёдшавӣ дорад, ки ба сиёсати давлатӣ ва ҳамчун ҳадафи чорумӣ стратегӣ саноатикунонии босуръати кишвар мувофиқат намуда, татбиқи онро давра ба давра дарбар гирифтааст. Вобаста ба маълумотҳои мавҷуда мо метавонем суръати тағйирёбии маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагиро дар соҳаи саноати сабук барои солҳои тӯлони дурнамоӣ намоем. Дар асоси муодилаи ростхатта қонунияти тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагиро дар иқтисодиёти вилояти Хатлон ҳисоб менамоем.

Ҷадвали 3.10.- Дурнамои тағйирёбии динамикии ҳиссаи маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон

Солҳо	Ҳаҷми истеҳсоли маҳсуолти нассоҷи ва дӯзандагӣ ҳазор сомонӣ	t	t^2	ty	$Y=b_0+b_1t$
2015	707723,5	-4	16	-2830894	Y_1=1604176,211+308458,2183*(-4)=370343,3378
2016	791506,1	-3	9	-2374518,3	Y_1=1604176,211+308458,2183*(-3)=678801,5561
2017	438675,8	-2	4	-877351,6	Y_1=1604176,211+308458,2183*(-2)=987259,7744
2018	1355200,0	-1	1	-1355200	Y_1=1604176,211+308458,2183*(-1)=1295717,993
2019	1483681,1	0	0	0	Y_1=1604176,211+308458,2183*(0)=1604176,211
2020	1648549,4	1	1	1648549,4	Y_1=1604176,211+308458,2183*1=1912634,429
2021	2431520,5	2	4	4863041	Y_1=1604176,211+308458,2183*2=2221092,648
2022	2889051,4	**3**	9	8667154,2	Y_1=1604176,211+308458,2183*3=2529550,866
2023	2691678,1	4	16	10766712,4	Y_1=1604176,211+308458,2183*4=2838009,084
Ҳамагӣ	**14437585,9**	**0**	**60**	**18507493,1**	**14437585,9**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44]

Дар инҷо: $Y=b_0+b_1t$, (3.2.1) Y_1=1604176,211+308458,2183***(t)**

$b_0 = \frac{\sum y_i}{n}$ – (3.2.2) бо ҳисоби миёна ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар давоми солҳои 2015-2023, 1604176,211 ҳазор сомониро ташкил медиҳад;

$b_1 = \frac{\sum y_i t_i}{\sum t_i^2}$ – (3.2.3) афзоиши миёнасолонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ бошад дар давоми солҳои 2015-2023 дар вилояти Хатлон 308458,2183 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Вобаста ба натиҷаи ҳисоби ҷадвали 3.10. ва афзоиши миёнасолонаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагро дар иқтисодиёти минтақа барои солҳои 2021–2035 дурнамоӣ намуда, дар шакли диаграмма онро чунин тасвир менамоем.



Расми 3.2. Дурнамои дараҷаи тағйирёбии динамикии ҳиссаи маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон то соли 2035.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44]

Баробари афзоиш ҳиссаи маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли пахта дар минтақа хело муҳим мебошад. Барои мисол дар соли 2023 дар масоҳати 116216 гектар пахта кишт карда шуд, ки аз он дар ҳаҷми 229089 тонна пахта истеҳсол карда шуд ва ҳосилнокии истеҳсолли пахта 22,8 сентнерро ташкил намудааст. Дар ҳолати сармоягузории сари вақтӣ дар вилоят имконияти то 30ц/га бо ҳисоби миёна ҳосил гирифтани пахта мавҷуд аст. Дар ин сурат бе зиёд намудани майдони кишти пахта то 35ц/га расонидан мумкин аст. Бо назардошти он, ки ҳиссаи бештари аҳолии деҳот дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд ҳиссаи зиёди истеҳсоли маҳсулоти саноатии минтақаро низ коркарди пахта ташкил медиҳад. Соҳаи мазкур барои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар минтақа ва ба кор таъмин намудани онҳо сари вақт бояд ҳалли худро ёбад. Бинобар ин, дурнамоии тағйирёбии динамикии ҳиссаи маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагии дар соҳаи кишоварзӣ аҳамияти бештареро касб менамояд. Тағйирёбии динамикии ҳиссаи маҳсулоти нассоҷи ва дӯзандагии дар соҳаи кишоварзӣ ва муайян намудани ҳаҷми зарурии истеҳсоли пахта ҳамчун ашёи хом дар ин соҳа

аҳамияти калон дорад. Бо истифода аз модели оддетивӣ-оморӣ тағйирёбии динамикии ҳиссаи маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагии дар соҳаи кишоварзӣ дурнамоӣ карда мешавад.

Аз маълумотҳои омории вилояти Хатлон дида мешвад, ки ҳиссаи истеҳсоли пахта ҳамчун ашёи хом рӯз аз рӯз коҳишёфта истодааст бе аҳамияти соҳаи стратегии минта рафта-рафта дар оянда маҷбур месозад, ки пахта ҳамчун ашёи хом ба монанди дигар маҳсулотҳои воридаоти аз хориҷи кишвар ворид карда шавад.

31-уми декабри соли 2021 дар паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон кард. Мусаллам аст, ки бо рушд ёфтани саноат талабот ба ашёи хом бахусус пахта зиёд мегардад. Дар чунин ҳолат хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор ва ҳукумати минтақа бо истифода аз имкониятҳои ба дастдошта ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳа ва самаранок истифодабарии ин захираҳо ҳарчи бештар ҳаҷми истеҳсоли пахтаро зиёд намоянд.

Бо афзоиш доданӣ ҳаҷми истеҳсоли пахта шумораи ҷойҳои кори ва иқтидорӣ содиротии меафзояд.

Дар асоси муодилаи ростхата ҳаҷми коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти пахта ҳамчун ашёи хоми зарури ҳисоб менамоем.

Ҷадвали 3.10.-Дараҷаи тағйирёбии динамикии ҳаҷми истеҳсоли пахтаи минтақа

Солҳо	Истеҳсоли пахта	t	t^2	ty	$Y=b_0+b_1t$
2015	**188340**	**-4**	16	-753360	Y_1=237307+8724,12*(-4)=202410,012
2016	**193050**	**-3**	9	-579150	Y_1=237307+8724,12*(-3)=211134,134
2017	**259277**	**-2**	4	-518554	Y_1=237307+8724,12*(-2)=219858,256
2018	**178760**	**-1**	1	-178760	Y_1=237307+8724,12*(-1)=228582,378
2019	**266789**	**0**	0	0	Y_1=237307+8724,12*(0)=237306,5
2020	**277221**	**1**	1	277221,3	Y_1=237307+8724,12*(1)=246030,622
2021	**270002**	**2**	4	540004	Y_1=237307+8724,12*(2)=254754,744
2022	**273230**	**3**	9	819690	Y_1=237307+8724,12*(3)=263478,866
2023	**229089**	**4**	16	916356	Y_1=237307+8724,12*(4)=272202,988
Ҳамагӣ	**1633439,4**	**0**	**28**	**420840,1**	**1633439,4**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44].

дар ин ҷо: $\mathbf{Y=b_0+b_1t}$ **(3.2.4)** $Y_1=237307+8724,12*(t)$

$b_0 = \frac{\sum y_i}{n} -$ **(3.2.5)** бо ҳисоби миёнаи ҳаҷми истеҳсоли пахта дар давоми солҳои 2015-2023, дар ҳаҷми 237307 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад;

$b_1 = \frac{\sum y_i t_i}{\sum t_i^2} -$ **(3.2.6)** коҳишёбии миёнасолонаи истеҳсоли пахта бошад дар давоми солҳои 2015-2023 дар вилояти Хатлон дар ҳаҷми 8724,12 тоннаро ташкил медиҳад.

Вобаста ба натиҷаи ҳисоби ҷадвали 3.10. ва коҳишёбии миёнасолонаи ҳаҷми истеҳсоли пахта дар иқтисодиёти минтақаро барои солҳои 2023–2035 дурнамой намуда, дар шакли диаграмма онро чунин тасвир менамоем.



Расми 3.3. Дурнамои дараҷаи тағйирёбии динамикии ҳаҷми истеҳсоли пахта ҳамчун ашёи хоми вилояти Хатлон то соли 2035.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [44]

Аз натиҷаҳои баробари ҳисобкардашуда бараъло дида мешавад, ки коҳиши ҳиссаи истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон ба ташкили корхонаҳои коркарди он таъсир хоҳад расонид. Аз рӯйи ҳисобҳои гузаронидашуда истеҳсоли пахта соли 2023 нисбати соли 2015 дар ҳаҷми 40749 тона ё ба миқдорӣ 21,63% зиёд шуда бошад ҳам, ин нишондиҳанда агар бо ҳамин тамоюл боқи монад дар соли 2035 ба ҳаҷми 376892,92 тона мерасад, ки нисбати соли 2015 дар ҳаҷми 188552,92 тона як баробар ва нисбати соли 2023 бошад 104689,44 тона ё 38,45% афзоищ хоҳад ёфт, ки ин ҳолат бевосита нархи маҳсулотҳои пахтагин таъсири амиқ хоҳад расонид.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарин ва мураккаб мебошад, қисмати даромади зиёди аҳолии минтақаро дар бар мегирад. Дар ин ҳолат зиёдшавии шумораи корхонаҳои коркарди пахта ва ё маҳсулоти пахтагин на ҳамавақт ба пастшавии нархи маҳсулотҳои истеҳсоли шуда метавонад.

Муҳимтарин воситаи рушди иқтисодӣ, татбиқи дигаргуниҳои амиқи сохторӣ, диверсификатсияи иқтисодиёт ва сиёсати сармоягузорӣ мебошад, ки дар натиҷаи он дар даҳсолаи охир дар ҷумҳурӣ ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаҳои энергетика ва нақлиёт сол аз сол меафзуданд.

Мувофиқи маълумотнома оид ба воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули солҳои 2007 – 2023 воридоти сармоягузории мустақими хориҷи дар ҳаҷми 2% ва дигар намуди сармоягузорӣ бошад 1% ба соҳаи кишоварзӣ равонагардидааст. Аммо 75-90% маҳсулоти минтақаро маҳсулоти кишоварзи ташкил менамояд. Ҳиссаи сармоягузорӣ ба маҷмуи маҳсулоти минтақа бошад дар ҳаҷми 10-16%-ро ташкил менамояд.

«... Новобаста аз он ки шароити иқлими ҷумҳурӣ барои парвариши ҳама навъҳои зироатҳои ғалладона мувофиқ аст, релефи кӯҳӣ имкониятҳои аҳолиро дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ то андозае маҳдуд мекунад. Масоҳати умумии заминҳои кишти вилояти Хатлон, ки барои корҳои кишоварзӣ мувофиқ мебошанд аз ин танҳо дар соли 2023 ба миқдорӣ 116216 гектаро заминҳои кишти пахта ташкил медиҳад ва қисми зиёди он барои парвариши пахтаи балансифат истифода мешавад» [44].

«... Ҳамасола дар заминҳои обёришаванда ва лалмии вилояти Хатлон ғалладона ва лӯбиёгиҳо беш аз 1086171 тонна, картошка 227331 тонна, пахта 229089 тонна, сабзавот 1788155 тонна, полезиҳо 764295 тонна, меваҷот 276234 тонна, ангур 92600 тонна истеҳсол карда мешавад. Ғайр аз ин, таҳлилҳо нишон медиҳад ҳаҷми истеҳсоли пахта тамоюли афзоишёбӣ ба назар мерасад ва вақтҳои охир он бо ҳисоби миёна 9,8%-ро ташкил медиҳад» [44]. Табиист, ки барои рушди босуботи соҳа бо техника ва технологияи муосир таъсири мусбат мерасонад, ки ин бидуни сармоягузорӣ ғайри имкон аст.

Сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакории кишоварзӣ мушкилотҳои зеринро ба миён меорад.

Дар навбати аввал сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ ба хавфи калон вобастааст зеро ин соҳа ба шароити табий ва иқлим зич алоқаманд аст.

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти вилояти Хатлон буда, бинобар сабаби доштани фоидаи кам ва хавфи баланд барои сармоягузорӣ ҷолиб нест. Новобаста аз ин, рушди тамоми иқтисодиёти минтақа аз рушди соҳаи мазкур вобастагӣ дорад.

Ба сармоягузорон ҳангоми сармоягузорӣ намудан барои парвариш ва коркарди пахта ҳамчун ашёи хом чунин хавфҳо таъсир мерасонанд, ки чораҳои зерини пешгирикунандаро талаб менамоянд:

Ҷадвали 3.11.-Хавфи сармоягузорӣ ба бахши пахтакорӣ ва пешгирии он

№	Хавф	Пешгирии хавф
1.	Хавфи беҳосилӣ	– дар ҳисобҳои бунёдӣ ҳангоми қабули қарори сармоягузорӣ бояд ҳосилнокии камтарин барои минтақаи кишт ва хароҷотҳо барои суғуртаи ҳосил (пахта) ба нақша гирифта шаванд;
2.	Хавфи аз даст додани бозоргирӣ дар натиҷаи нобаробарии фурӯш аз рӯйи муҳлат	– баргардонии воситаҳои пулӣ бо пардохтҳои нобаробар (дар давраи мавсими фурӯш);
3.	Хавфи риоя нагардидани муҳлатҳои гузаронидани амалиётҳои асосии технологӣ бо сабабҳои вайрон шудани техникаи кишоварзӣ	– харидории техникаи нав ё куҳна дар ҳолати хуб, ба хароҷотҳо ворид намудани иҷораи эҳтимолии техникаи иҷоравӣ;
4.	Хавфи паст шудани нархҳо ба маҳсулот	– пешбинӣ намудани имконияти захира намудани пахта, бастани шартномаҳои пешакӣ барои фурӯш.

Сарчашма: таҳияи муаллифон

Таҳлил ва муайян намудани хавфҳои сармоягузорӣ имконият медиҳад, ки пеши роҳи хатогиҳо ва зарарҳои молиявӣ дар оянда, ҳангоми парвариш ва истеҳсоли пахта гирифта шавад.

Дар соҳаи кишоварзи назарияи илмии муқобили Самуэлсон амали мешавад, зеро афзоиши ҳосилнокии пахта боиси коҳишёбии нархи пахта мегардад. Зеро талабот ба пахта аз ҷиҳати нарх ва даромаднокии он дар сатҳи паст, ноустувор мебошад. Дар соҳаи кишоварзӣ пахта ягона меҳсулоти истеҳсолие мебошад, ки ҳам талабот ва ҳам нарх, инчунин сифати маҳсулот дар давраи муайян кам намегардад.

Дар натиҷа, истеҳсолкунандагон ба ҷойи даромади баланди пешбинишуда, даромад ё зарари хеле камтар ба даст меоранд. Хусусияти дигари кишоварзӣ дар он аст, ки на танҳо талабот, балки пешниҳод низ ноустувор боқи мемонад. Чунки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ бештар устувор боқи мемонад агар истеҳсоли он дар асоси фармоиш бароҳ монда шавад. Барои устувории истеҳсол ва парвариши пахта бевосита ба корхонаҳои коркард дар робитаи зич қарор гиранд ё фаъолияти шарикиро ба роҳ монанд.

Дар ин ҷо, коэффисиенти чандирии пешниҳод аз нигоҳи нарх ва даромад камтар аз як аст, зеро, аввалан, пешниҳоди замин комилан ноустувор аст, сониян, миқдори вақти истеҳсоли пахта ва давраи бозор, ки бо омилҳои биологии табиӣ нақши муҳим доранд алоқамандии зич дорад.

Барои афзун намудани истеҳсоли пахта, манбаъҳои маблағгузорӣ метавонанд ба се гурӯҳи асосӣ тақсим шаванд: дохилӣ, хориҷӣ ва якҷоя (шарикӣ).



Расми 3.4. Манбаҳои ассосии маблагузории сармоя
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Барои афзун намудани истеҳсоли пахта беҳтарин роҳи маблағгузорӣ – модели омехта (дохилӣ + хориҷӣ + шарикии давлатӣ ва хусусӣ) мебошад. Ин имкон медиҳад, ки хароҷот ба таври оқилона тақсим шуда, техникаи муосир, нуриҳо ва усулҳои агротехникии нав ҷорӣ гарданд.

Барои таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон мо бо истифода аз усули арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ — яъне NPV (арзиши холиси ҳозира), самаранокии молиявии сармоягузорӣ дар истеҳсоли пахтаро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин усул метавонад ҳамчун воситаи боэътимоди қабули қарорҳои сармоягузорӣ хидмат кунад. Мақсад аз таҳқиқот — муайян намудани самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ ва пешниҳоди тавсияҳо барои баланд бардоштани фоидаоварии соҳаи пахтакорӣ мебошад. Инчунин омилҳои таъсиррасон ба арзиши холиси лоиҳа ва мушкилоти амалии татбиқи сармоягузорӣ дар шароити минтақаи Хатлонро ба таври амиқ муҳокима менамоем.

Ҷадвали 3.12.-Сармоягузории зарурӣ барои 1 га замини пахта бо ҳисоби миёна

Номгӯи хароҷотҳо	**Ҳаҷм (сомонӣ)**
Тухмии пахта	500
Коркарди замин	500
Нуриҳои минералӣ	1949,1
Обёрӣ	738,9
Корҳои агротехникӣ (култиватсия, кишт ва ғ.)	1200
Сӯзишворӣ ва техника	1386,4
Музди меҳнат	3139,8
Андозҳо	844,4
Ҷамъ:	10258,6

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [47]

Ҳамин тариқ, аз рӯйи маълумотҳои бадастомада ва мушоҳидаҳои хоҷагиҳои деҳконӣ барои гузаронидани таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки сармоягузорӣ бо истифода аз усули NPV дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон омилҳои асосии онро муайян менамоем.

Ҳосили миёна: 2,2 тонна (2200 кг) ва ғузапоя (бутаи пахта) 1000 дарза. Даромад аз ҳосили ба даст омада 2200*11+1000*7=31200.

Фоидаи соф: 31200 – 10258.59 = **20941.41сомонӣ**

- **ROI (Самаранокии сармоя):**

$$ROI = \frac{20941.41}{10258.49} * 100\% = 204.14\%$$

Аз ҳисоби ROI маълум мегардад, садҳи самаранокии сармоягузори ба соҳаи мазкур 104 фисадро ташкил медиҳад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки истеҳсолӣ пахта ва афзоиши сармоягузорӣ ба соҳа аз нигоҳи иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад.

- **PBP (Замони баргашти сармоя):**

$$PBP = \frac{10258.49}{20941.41} = 0.489\,сол\,(такрибан\ 6\,мох)$$

Аз натиҷаи ҳисоби PBP маълум мегардад, ки давраи бозгашти сармоя тақрибан 6 моҳро ташкил медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сармоягузорӣ сатҳи хавфҳо паттар буда аз нигоҳи иқтисодӣ мақсаднок мебошад

- **NPV (Арзиши софи ҷорӣ, бо 15%):**

$$NPV = \frac{20941.41}{1.15} - 10258.49 = 18209.92 - 10258.49 = 7951.43$$

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда метавон ба хулоса омад, ки усули ҳисобкунии арзиши софи ҳозира (NPV) яке аз воситаҳои боэътимод ва муассири таҳлили молиявӣ дар арзёбии самаранокии сармоягузорӣ мебошад. Афзалияти асосии NPV дар он ифода меёбад, ки он даромад ва хароҷоти лоиҳаро бо назардошти арзиши сармоя вобаста ба вақт ҳисоб мекунад, ки барои қабули қарорҳои дуруст ва асоснок аҳамияти хоса дорад. Ҳисобҳои амалӣ нишон доданд, ки истифодаи NPV имкон медиҳад, самаранокии сармоягузорӣ муайян гардад, ки ду баробар фоидаовар будани сармоягузорӣ ба соҳа бо далелҳои рақамӣ собит гардид. Дар ҳолатҳое ки NPV мусбат аст, сармоягузорӣ фоидаовар буда, лоиҳа метавонад ба даромаднокии умумии ширкати сармоягузор саҳм гузорад.

Барои бозҳам беҳтар кардани самаранокӣ:

- Истифодаи техникаи муосир
- Кам кардани талафот дар ҷамъоварӣ

○Ба роҳ мондани фурӯши мустақим ба хочагиҳои пахтакор ва ё ширкати сармоягузор хело муҳим мебошад.

Мувофиқсозӣ маънои ҳамоҳангсозӣ, танзим ва самаранок кардани равандҳои сармоягузориро дорад, ки ҳадафи он баланд бардоштани ҳосилнокӣ, кам кардани хароҷот ва таъмин намудани устувории иқтисодии хоҷагиҳои пахтакор мебошад.

3.3.Такмили идораи фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон

Солҳои охир яке аз мушкилоти асосии соҳаи аграрии иқтисодиёт ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, ва бе фаъол намудани ҷараёни сармоягузаронӣ дар саҳаи кишоварзии ҶТ ташаккули он ғаёри имкон мебошад. Дар натиҷаи коҳиш ёфтани ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ паст шудани шиддати маҳсулоти кишоварзии пахтакорӣ низ баназар мерасад. Ҳаҷми маблағгузории қарзии кӯтоҳмуддати бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ соли 2023 ба миқдори 1077,5 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2015 ба миқдори 1022,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Ҳосилнокии пахта дар ин давра дар ҳаҷми 3,14 сентнер афзоиш ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки маблағгузории қарзии кутоҳмуддати бонкӣ ба соҳаи пахтакории кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста ба муҳлат зарар меорад. Зеро пахта ҳамчун маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи муайян омода (истеҳсол) шуда барои фурӯш тайёр мешавад, то ин давра бонк подош ва ҳиссаи қарзро талаб менамояд. Бонк аз хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор бинобар надоштани захираҳои молияви барои подоши қарз ва ё ҳиссаи асосии он гарави гузоштаи хоҷагиро мегирад. Бо зиёд гардидани сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакори ҳосилноки он низ боло рафта мешавад. Дар ин самт таҳлилҳо нишон медиҳад, ки маблағгузори қарзии кутоҳмудати бонкӣ барои ҳалли мушкилоти хоҷагии пахтакор на онқадар мушоҳида мекунад. Бо вуҷуди ин қисмати қарзҳои хоҷагиҳои деҳқони мақсаднок сарф карда намешаванд. Мушкилот дар он зоҳир мешавад, ки пахта ҳамчун маҳсулоти кишоварзӣ аз кишт то чиниши он 6-8 моҳ мегузарад, ки дар ин давра хоҷагиҳо даромад ба даст

наовардаанд. Бонк бошад аз хоҷагиҳои пахтакор фоиз ва ҳиссаи қарзро талаб мекунад. Дар ин муддат хоҷагиҳои пахтакор пардохтпазир набудани, гараве ки хоҷагиҳои пахтакор дар аксари ҳолатҳо воситаҳои техникиро ба гарав мемонанд онҳо аз ҷониби бонкҳо мусодира карда мешавад. Дар натиҷа хоҷагии деҳқонии пахтакор бе воситаи техники (бе трактор) монда ҳосилнокии он паст мегардад.

Бо дарназардошти норасои ҳолати молиявӣ, моддӣ ва техникии ҷиҳати пахтакории хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳалли ин масъалаҳо бо сармоягузори тағйирротҳои сифатан баланди идоракунии ин соҳаро чи дар сатҳи макро-иқтисодӣ ва чи дар сатҳи субектҳои алоҳида мутобиқшавии онҳоро ба шароити муносибатҳои бозорӣ талаб мекунад.

Вазъияти душвори молиявии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор имконият намедиҳад сармояро ҷалбкунанд, вале сармояи худи танҳо барои истеҳлок, ки рӯз аз рӯз кам шудаистодааст маҳдуд мегардад.

Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин соҳаи пахтакории вилояти Хатлон тамоюл ба рушд дорад дар баробари ин як қатор мушкилотҳо низ мавҷуд аст.

Дар зери мафҳуми ҷолибнокии сармоягузорӣ муаллиф ҳолати нишондиҳандаҳои интегралии муайянкардани селаҳои сармоягузорӣ дар минтақаро мефаҳмад. Дар ин ҳолат фаъолияти сармоягузорӣ дар амал татбиқ кардани захираҳои сармоягузорӣ мебошад. Яке аз омилҳои муҳими рушд ва мукаммалгардонии соҳаи пахтакории дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон ин ҳалли муаммои азнавсозии пояи моддӣ, техникӣ ва технологии дар асоси афзоиши сармоягузорӣ дар минтақа мебошад.

Сиёсати сармоягузории минтақа ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодиёти он ба ҳисоб меравад, сиёсати сармоягузорӣ аз усулҳо ва методҳои ташкили сармоягузорӣ чи дар сатҳи минтақа ва чи дар сатҳи ҷумҳурӣ, соҳа ва корхонаҳои алоҳида муайян мекунад. Мақсади такмилдиҳии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор асосноксозӣ ва таҳияи механизми идоракунии фаъолити сармоягузорӣ дар вилояии Хатлон мебошад.

Аз нуқтаи назари олими тоҷик Мирсаидов А.Б. «... зарур аст, ки оид бо такмили шаклҳои сармоягузории соҳаи пахтакори чораҳои зеринро андешем» [106, с.130-132]:

1. Дар шароити муосир тарафҳо ҳамкориҳои шарикиро оиди шафофияти муносибатҳои иқтисоди бароҳ монанд.

2. Агар сармоягузорӣ дар шакли пул сурат гирад боиси самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ, инкишофёби ва рақобатпази хоҷагиҳои пахтакор мегардад.

3. Сармоягузории хориҷи бе ташкили фаъолияти шарики бонкҳо вазифаи миёнаравиро ба уҳда мегиранд.

4. Фурӯши пахта дар бозор озод бароҳ монда шавад то хоҷагиҳои пахтакор озодона ба ин ё он ширкат фурӯшанд. Ин метавонад боиси ҳавастмандии хоҷагиҳои пахтакор гардад.

Вилояти Хатлон бешубҳа барои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ бо нишондиҳандаҳои зерин рақобатпазир мебошад:

¬ Фазои мусоиди ҷуғрофи барои парвариши пахта;

¬ Мавҷудияти миқдори гуногуни корхонаҳои хурду калони саноати сабук барои коркардӣ пахта;

¬ Рушди хатти нақлиёти барои интиқоли маҳсулоти пахта ба кишварҳои хориҷӣ ба хусус кишварҳои ҳамсоя;

¬ Таъмин будан бо захираҳои меҳнати дар соҳаи пахтакорӣ;

¬ Фаровонии захираҳои обӣ барои парвариши пахта.

Яке аз омилҳои муҳиме, ки барои ҷалби сармоягузории соҳаҳои мухталиф монеъаҳо эҷод мекунад ин шафофият набуданӣ иттилооти молиявии субектҳои хоҷагидорӣ барои сармоягузорон мебошад, ки талаботи сармоягузоронро оиди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ қонеъ гардонида наметавонад. Идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ин раванди қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунии стратегӣ ва амалие мебошад, ки барои баланд бардоштани ҷалибнокии сармоягузории минтақа бо назардошти омилҳои беруна имкониятҳоро фароҳам меоварад. Ҳамаи ҷузъҳои ин механизм бояд бо мақсади тарақиёти иҷтимоию

иқтисодии умуми давлати тавассути фаъолияти фоиданоки ҷамъияти хизмат кунад.

Бо назардошти хусусиятҳои хосси вилояти Хатлон, ҳамчун минтақаи кишоварзӣ ҷараёни идоракунии бевоситаи фаъолияти сармоягузорӣ аз чунин бахшҳо иборат мебошанд:

Расми 3.5. Системаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Системаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон аз чорабиниҳое иборат мебошад, ки барои ташкил ва амалинамоии захираҳои сармоягузорӣ бо мақсадӣ ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа таҳия ва пешниҳод карда мешавад.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои кишоварзӣ буда идоракунии бевоситаи фаъолияти сармоягузорӣ қисматҳои зеринро дарбар мегирад:

Яке аз омилҳои муҳим такмилдиҳии ҳуқуқии низоми қонунгузории идоракунии муҳити сармоягузорӣ мебошад. Бинобар ин асоси ташкили ҳуқуқии идоракунии сармоягузорӣ дар таҳия ва ташкили заминаҳои меъёри ва ҳуқуқии раванди сармоягузорӣ мебошад. Заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии сармоягузорӣ бояд дар асоси манфиатҳои ҳар як субекти сармоягузорӣ ва имкониятҳои аз байн бурданӣ зидиятҳо таҳия ва тасдиқ карда шавад

Аз солҳои 2002 саркарда то имрӯз дар ҷумҳурӣ дар сатҳи давлати қонуну санадҳои мухталиф қабул карда шудааст, ки барои фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисод нигаронида шудаанд, сурат гирифтаанд [115, с. 37-49].

Барои ҷолибнокии сармоягузорӣ ҷумҳури дар сатҳи қонунгузории як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии зиёд қабул карда шудаанд [2,3,4,5,6,7,8,9,10,11,12,13,14,15,16,17,18, 19,20,21,22,23,24,25,26,27,28,29,30,31,32].

«Моддаи 16-19 конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» ҳуқуқ ва кафолати сармоягузориро тибқи созишномаи сармоягузорӣ (моддаи 16), Илова ба ҳуқуқҳо ва кафолатҳои асосии сармоягузор созишномаи сармоягузории алоҳида метавонад ҳуқуқҳои махсус, озодкунӣ ва имтиёзҳои сармоягузор ва лоиҳаи сармоягузорро пешбинӣ намояд (моддаи 17) пешбинӣ менамояд ва инчунин муқаррароти тахфифҳои созишномаҳои сармоягузорӣ (моддаи 18) муайян карда мешавад. Аз ҷумла, моддаи 17 ҳуқуқҳои зерини сармоягузорро пешбинӣ менамояд» [7]:

1. «… Низоми махсуси андозбандӣ, аз ҷумла низоми содакардашудаи андоз, озодкунии сармоягузор, пудратчиён ва кормандони хориҷӣ аз баъзе ё ҳамаи андозҳо, дигар имтиёзҳои андоз, барои мушаххас ё тамоми давраи созишномаи сармоягузорӣ;

2. Низоми махсуси гумрукӣ, аз ҷумла пурра ё қисман озод кардани пардохтҳои гумрукӣ, тартиби соддагардонии расмиёти гумрукиро барои сармоягузор, пудратчиён ва кормандони хориҷӣ барои як ё якчанд шартномаи сармоягузорӣ муқаррар мекунад;

3. Низоми махсуси танзими асъор ва назорат, аз ҷумла озод кардани уҳдадории гирифтани иҷозатнома, бақайдгирии кредитҳо ва шаклҳои дигари маблағгузорӣ, ки сармоягузор барои мақсадҳои лоиҳаи инвеститсионӣ ва кушодани суратҳисобҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он барои гирифтани кредит ва шаклҳои дигари маблағгузорӣ ҷалб карда шудаанд» [115].;

4. Низоми махсуси иҷозатномадиҳӣ, аз ҷумла, иҷозатномадиҳии содагардонидашуда, таҷдид ва навсозии литсензияҳое, ки барои татбиқи лоиҳаи

сармоягузорӣ заруранд, додани иҷозатномаҳо барои муҳлати зиёда аз муҳлати амали иҷозатнома, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, пурра ё қисман озод будани сармоягузор аз пардохти ҳаққи хизмат ва ӯҳдадориҳо;

5. Пурра ё қисман рад кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқи пешбининамудаи қонунгузорӣ барои гирифтани як қисми ҳатмии мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар рафти татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ истеҳсол карда шудаанд;

6. Пурра ё қисман аз татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими нарх ва тариф, аз ҷумла қонунгузории зидди инҳисорӣ;

7. Низоми махсус ё соддаи раводид ва назорати муҳоҷират ба кормандон ва пудратчиёни сармоягузор, озодкунии сармоягузор ва ширкаташ аз ӯҳдадории риояи квота барои шаҳрвандони хориҷӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ.

Ҳамчунин, шартномаи сармоягузорӣ метавонад ба дигар ҳуқуқҳо, имтиёзҳо, манфиатҳои сармоягузор ва лоиҳаи сармоягузорӣ пешниҳод карда шавад.

Қисми 18-и Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» қайд мекунад: «Созишномаи сармоягузорӣ метавонад муқарраротеро дар бар гирад, ки мутобиқи он ҳуқуқҳои махсус, озодкуниҳо ва имтиёзҳои сармоягузор ва лоиҳаи сармоягузорӣ, инчунин дигар муқаррароти созишномаи сармоягузорӣ, новобаста ба тағйиру илова дар қонунгузорӣ, дар давоми мӯҳлати дар созишномаи сармоягузорӣ нишондодашуда мавриди амал ва татбиқ қарор гиранд. Созишномаи сармоягузорӣ метавонад барои ҳуқуқҳои махсус, озодкуниҳо ва имтиёзҳо вобаста ба шартҳо ва хусусияти лоиҳаи сармоягузорӣ давраҳои гуногуни мӯҳлати амалро пешбинӣ намояд» [24].

«… Инчунин, як қатор манфиатҳо барои сармоягузорҳо бо моддаи 110 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд. Ҳамин тариқ, мутобиқи банди 6 моддаи 110 корхонаҳои нав барои истеҳсоли мол аз рӯзи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ андоз аз даромад озод карда мешаванд, агар онҳо аз ҷониби муассисон дар сармояи оинномавии чунин корхонаҳо дар давоми 12

моҳи тақвимӣ пас аз санаи бақайдгирии давлатӣ маблағҳои зерин сармоягузориҳо ба муҳлати:

а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА бошад;

б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА бошад;

в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо аз 2 млн то 5 миллион доллари ИМА зиёд бошад;

г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузорӣ аз 5 млн. доллари ИМА зиёд бошад» [26].

«… Сармоягузориҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ибтидои асри XX ба вуҷуд омад, натиҷаи равандҳои мураккаб ва хеле фарқкунандае мебошад, ки дар давраи солҳои 1990-ум дар кишвар рӯй дод, яъне давраи пошхӯрии ИҶШС ва истиқлолияти Тоҷикистон сурат гирифт» [115].

Дар тӯли солҳои ислоҳоти иқтисодӣ қариб ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ коҳиш ёфтаанд. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт. Вазъияти монанд дар сохтмон ва дигар бахшҳои иқтисодиёт вуҷуд дошт. Яке аз сабабҳои номатлуби корхонаҳои саноатӣ дараҷаи баланди истеҳсолоти воситаҳои истеҳсолӣ ва ҳосилнокии онҳо буд. Тағйирёбии активҳои асосӣ дар Тоҷикистон 65-70%, меъёри тақдиди назар хеле паст буд.

Бинобар сабаби надоштани захираҳои кофии молиявӣ ва моддӣ сармоягузории хориҷӣ яке аз роҳҳои муҳимтарини рушди илмӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва аз навсозии истеҳсолот дар сатҳи ҷаҳон эътироф карда шудааст.

Бо вуҷуди ин сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ нисбати дигар соҳаҳо дар сатҳи нисбатан паст қарор дорад ба хусус соҳаи пахтакории вилояти Хатлон яке аз самтҳои сердаромади минтақа ба ҳисоб меравад. то имрӯз ба ин соҳаи кишоварзӣ то ҳол таҷриба надорад.

Самти ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ- маҳз ҳамин самт шавқу ҳавасро барои афзоиш додани сармоягузорӣ ба субъекти хоҷагидорӣ дар бар мегирад. Ҳавасмандӣ сармоягузорро маҷбур месозад, ки у дар шароити бисёр душвар фаъолият кунад. Сармоягузор барои ба вуҷуд овардани ангезишҳо,

воситаҳои расидан ба ҳадафҳои гузошта аз қабили баланд бардоштани фоиданокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ҳавасманд аст. Дар ин самт замимаи ҳуқуқи ҳавасмангардонии сармоягузорӣ, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва алалхусус пахтакорӣ қабул ва тасдиқ шудааст (ниг. ба ҷад.3.3.1).

Ҷадвали 3.13. Заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос аз қонунгузорӣ)

№	Мақоми давлатӣ	Тавсифи ҳавасмандгардонӣ	Заминаи ҳуқуқӣ
1	Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ **(ТСТ01)**	Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис аз боҷи гумрукӣ озод карда мешавад	КА ҶТ, моддаи 313 1. Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд (минбаъд - корхонаҳои навтаъсис), аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис таҳвил додани молҳои воридшуда ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин амалиётҳо бо боҷи гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва дигар андозҳо бо тартиби умумии муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешаванд. 5. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи саноат дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида: - номгӯи корхонаҳои навтаъсис, инчунин имтиёзҳои андозии пешбининамудаи қисмҳои 1, 2 ва 3 ҳамин моддаи ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис додашаванда муайян карда мешаванд.

Идомаи ҷадвали 3.13

2	Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ **(ТСТ02)**	Воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис аз андози арзиши иловашуда озод карда мешавад	КА ҶТ, моддаи 313 (ниг. боло)
3	Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ **(ТСТ03)**	Корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис аз андоз аз фоида (андози бо низоми соддакардашуда пардохташаванда) озод карда мешаванд	КА ҶТ, моддаи 313 3. Корхонаҳои навтаъсис аз андоз аз фоида, андози низоми соддакардашуда ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул озод мешаванд. 5. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи саноат дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида: - номгӯи корхонаҳои навтаъсис, инчунин имтиёзҳои андозии пешбининамудаи қисмҳои 1, 2 ва 3 ҳамин моддаи ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис додашаванда муайян карда мешаванд.
4	Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ **(ТСТ04)**	Корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул мебошанд, ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис аз пардохти андоз аз молу мулки ғайриманқул озод карда мешаванд	КА ҶТ, моддаи 313 (ниг. боло)

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [51]

Чуноне аз имтиёзҳои пешбинигардида дида мешавад имтиёзҳои сармоягузорӣ ба самти корхонаҳои коркарди пахта равона гардидааст. Аммо аз руйи маълумотҳои оморӣ ҳаҷми истеҳсоли пахта ва ҳосилнокии он сол то сол ру

ба пастшавӣ рафта истодааст. Аз руи мушоҳидаҳо қисмати зиёди хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор барои кишти пахта ҳавасманд нестанд ҳарчанд фоидаи бештарро дар соҳаи кишоварзӣ аз парвариши пахта ба даст меоранд. Сабабро дар норасоии техникаи кишоварзи медонанд, бо вуҷуди ин имтиёзҳо ба соҳа боз ҳам ба ин самт нисбати дигар самтҳо сармоягузорӣ кам ба назар мерасад. Барои рушди сармоягузорӣ ба соҳаи мазкур, ба фикри мо имтиёзҳо ба соҳаи воридоти техникаи парвариши пахта но вобаста аз соли бароориш ва интиқоли мустақими маҳсулоти пахта ба бозорҳои дохилию хориҷии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор қабул карда мешуд, соҳаи пахтакорӣ рушд мекард.

Самти стратегии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ. Дар аввал барои мақсаднокии идоракунии стратегияи сармоягузорӣ шубҳаҳо кардан мумкин аст. Зеро барои муайян намудани самти оптималии рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа муайян карданӣ роҳҳои самарабахштарини истифодаи сармояи гузошташуда дар давраи дурудароз идоркунии стратегии сармоягузорӣ бо мақсади боздеҳии сармоягузорӣ, устувории сармоягузорӣ ва татбиқи бомувафақияти лоиҳаи сармоягузорӣ зарур аст.

«Идоракунии стратегӣ – идоракунии ташкили истеҳсолиест, ки он ба иқтидори инсон чун асоси ташкилот такя намуда фаъолияти истеҳсолиро ба талаботи истеъмолгарон сафарбаркарда ҷиддан эҳсос ва дар ташкилот тағйиротҳои замонавиро ба роҳ мемонад, ба талаботи муҳити беруна ҷавобгӯ буда, афзалиятҳои рақобатро таъмин менамоянд, ва он ба ташкилот имконият фароҳам меоварад то дар ояндаи дарозмуддат фаъолият намояд ва дар навбати худ ба ҳадафҳо ноил гардад» [77, с. 143].

Ҳадафҳои стратегияи сармоягузорӣ (мақсадҳои стратегии сармоягузорӣ) аз инҳо иборатанд:

1. муайян намудани обекти сармоягузорӣ;

2. илман асоснок намудани ҳадафи сармоягузорӣ;

3. интихоби намудани лоиҳаи ва имкониятҳои беҳтарин;

4. арзёбии фоиданокии лоиҳа дар даврaҳои муайяни вақт;

5. ҷустуҷӯи роҳҳо, воситаҳо ва захираҳои зиёднамудани самаранокии сармоягузорӣ дар асоси таҳлили сармоягузорӣ;

Самти назоратии фаъолияти сармоягузорӣ. Ин самт имкониятҳо ва уҳдадориҳои мақомотҳоро оиди назароти фаъолияти сармоягузорӣ дар марҳилаҳои раванди сармоягузорӣ пешниҳод менамояд. Назорати пешакӣ, мунтазам ва пай дар пайии фаъолияи сармоягузорӣ барои пешгирии суистифодабарии эҳтимолӣ, ошкорсозии фаъолияти ғайри нақшавӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ ва андешидани чораҳои самаранокии сармоягузорӣ зарур аст.

Назорати пешакии фаъолияти сармоягузорӣ барои қабул ва ё тасдиқи лоиҳаи сармоягузорӣ, муҳлати амалигардонии он ва хотимаи лоиҳа ташкил карда мешавад.

Назорати ҷории фаъолияти сармоягузорӣ дар марҳилаи таъмин кардан бо воситаҳои пулӣ ва ё муддати амалии лоиҳа гузаронида мешавад.

Ҳангоми назорати пай дар пайи барои амалигардонии ҳадафҳои пешбинишуда мутобиқи лоиҳаи сармоягузории ба даст омада зарур аст. Бояд қайд кард, ки назорат набояд аз ҳад зиёд бошад, зеро назорати зиёд боиси зиёдгардиданӣ ришвахурӣ ва аз кор мондани соҳаҳо мегардад.

Бахши ташкили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бо мақомати идоракунии раванди сармоягузории минтақа муайян карда мешавад. Ба ваколатҳои бахши мазкур аз таҳия, барасӣ ва тасдиқи барномаи сармоягузорӣ ва ҳамоҳангсозии амалиёти иштирокчиёни бозори сармоягузорӣ иборат мебошад. Воситаи таъсиррасони идоракунии давлатӣ барои баланд бардоштани ҷолибнокии сармоягузории минтақа аз ҳисоби таъмин намудани самаранокии иртиботи байни сармоягузорон, ки онҳоро Investor Relations (Муносибатҳои сармоягузорон) меноманд, мебошад.

Мақсади асосии Investor Relations (Муносибатҳои сармоягузорон) ин таъмини шафофият дар пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии шариконисармоягузорӣ, эътимоднокии ҳисоботи молиявии пешниҳодшаванда, тақвияти эътимод дар байни шариконилоиҳаи сармоягузоришаванда ва ҷалби сармоягузории дохили ва хориҷи дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ:

- такмилдиҳии ҷолибнокии вилояти Хатлон барои сармоягузорӣ;
- муаррифии лоиҳаҳои амалигардида;
- мукамалгардонии маҷмуи тадбирҳои минтақавӣ барои фароҳам овардани шароити сармоягузорӣ;
- тақвият бахшидани эътибори минтақавӣ ҳамчун шарики бо эътимод;
- ҷалби сармоягузорон дар лоиҳаҳои маҳаллӣ ва маъмурӣ;
- тақвияти мавқеи ҳоҷагиҳои пахтакор дар минтақа;
- бунёд намудани муносибатҳои мушаххас ва самаранок бо ходимони сиёси вазоратҳо ва шуъбаҳо ва ғ;

Бояд қайд кард, ки тамоми ҷузъҳои системаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бо ҳам алоқаманд мебошад, вале дар айни замон онҳо ба дараҷаи муайян мустақил ва ҷудагона мебошад. Маълум аст, ки тағйир додани ягон унсури системаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бевосита тағйиротро ба тамоми қисмҳои таркибии система таъсир мерасонад.

Бахши иҷтимои иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ барои такроистеҳсолкунии васеи маҳсулоти истеҳсоли хоҷагиҳои кишоварзӣ, ба хусус, пахта, навкунии фондҳои асосӣ ё ҷалбнамоии идоракуни омилҳои истеҳсолӣ, истифодаи оптималии захираҳои сармоягузориро пешниҳод мекунад.

Дар ин самт бахши иҷтимои иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бо назардошти ҷалби воситаҳои қарзии худии вилояти Хатлон, ки дар шакли вомбаргҳои давлатӣ, маблағгузории қарзии бонкҳо, аз ҳисоби корхона ва ташкилотҳои фоидагиранда, қарзҳои дебитории корхонаҳои кишоварзӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки барои афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва ба ин васила зиёд намудани ҷои корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии таъсир мерасонад.

Бояд қайд кард, ки ҳамагуна низому кӯшишҳо дер ё зуд манфиатҳои иштирокчиёни бозори сармоягузориро ба ҳолати мувозинат оварда мерасонад. Ин бо роҳи тағйирдодани ҷузъи зарари бештари муҳити беруна муваффақ шудан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки идоракунии маъмурии минтақа бештар аз рӯйи

ченаки натиҷаҳои иқтисодӣ – молиявӣ ва таҷрибаи ҷолибнокии сармоягузории минтақаҳои дигар баҳо дода мешавад.

Барои таъмини рушди устувори соҳаи мазкур давлат бояд фазои мусоиди сармоягузориро дар сатҳи қонунгузорӣ фароҳам оварад. Масъалаи ҷалби сармоя ба соҳаи пахтакории кишоварзӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳими рушди иқтисодиёти минтақа боқӣ мемонад.



Расми 3.6. Хусусиятҳои сармоягузори ба соҳаи пахтакорӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Татқиқоти сармоягузорӣ ҳамеша зери таваҷҷуҳи иқтисоддонҳо қарор дорад, зеро ҳамчун омили асосии афзоиши фаъолияти истеҳсолии хоҷагидорӣ баромад менамояд.

Чӣ тавре мутахассисон қайд менамоянд, «...таҳти сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ мо саҳмгузории моддӣ ва ғайримоддӣеро мефаҳмем, ки ба тағйиротҳои прогрессии низоми «инсон-истеҳсолот-прогресси илмию техникӣ-табиат» равона карда шуда самтҳо бо барқарорсозӣ ва беҳтар намудани омилҳои

асосии истеҳсолот: замин, меҳнат, сармоя бо истифодаи иттилоот ва навовариҳо муайян карда мешаванд» [64, С.261-265].

Мустафаев А.А. қайд менамояд: «… ба комплекси агросаноатии муосир бинобар хусусияти хоси фаъолият, мураккабии низоми ташкилию хоҷагидорӣ хислати бисёрҷониба, махсусиятҳои функсионалӣ, рафтори нисбатан баланди ҳамгироӣ ва сармоягузории байнисоҳавӣ хос мебошад. Дар робита бо ин, барои дастгирӣ, рушд ва таъмини рушди самараноки субъектҳои хоҷагидори комплекси агросаноатӣ низоми методологии оқилонаи ченкунии самаранокии захираҳои сармоягузорӣ зарур аст» [108].

Дар ин самт баъзан муаммоҳо ба миён меояд: сохтумони ками заводҳои коркарди пахта ва дигар иншоотҳои марбути соҳа, дастгирии муваффақияти корхонаҳои мавҷудаи минтақа зарур аст. Дар вилояти Хатлон барои баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ чорабиниҳо фаъолона идома дорад.

Сиёсати сармоягузории вилояти Хатлон тавассути иштирок дар барномаҳои мақсадноки маҳаллӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқи ва қарорҳои ҳокимияти маҳаллӣ таҳияи барномаи рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ комплекси агросаноатӣ бо истифода аз сармоягузории мақсаднок, инчунин муайянкунии самтҳои умедбахши саноат ва хоҷагии кишоварзӣ барои сармоягузории минбада амали карда мешавад.

Ситемаи идоракунии фаъолияти сармоягузориро якбора ва барои ҳамешаги муқаррар ва пешниҳод кардан ғайри имкон аст, зеро вобаста ба муддати вақт ва муҳит зарурати қабули қарорҳои нави идоракунии фаъолияти сармоягузори ба миён меояд. Нақшаи пешниҳод ва тасдиқшудаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ идаои фавқулоддагӣ ва ё алтернативиро надорад, балки варианти имконпазирест, ки бевоста барои рушди фаъолияти сармоягузории минтақа таъсир ва мусоидат хоҳад кард.

Хулосаи боби 3. *Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем чунин хулоса барорем:*

•*Дар солҳои охир, вилояти Хатлон барои худ миқдори зарурии ашёи хомро истеҳсол менамояд, аммо саноати бофандагӣ, ки бо зиёд шудани корхонаҳои*

коркард, корхонаҳо на танҳо дар соҳаи нассоҷӣ, балки дар соҳаҳои марбута, ба монанди фабрикаҳои ресандагию бофандагӣ, коргоҳҳои истеҳсоли либос ғайра меафзояд.

•*Шароити табиӣ ва иқлимии минтақаи вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки пахтаи хомро дар ҳаҷме парвариш кунем, ки барои қонеъ кардани ниёзи саноати сабук ва бофандагӣ кофӣ бошад.*

•*Гузариши кишвар аз содиркунандаи пахтаи хом ба маҳсулоти тайёр дар намуди ришта ва матоъи тайёр боиси вобастагии комили кишвар аз муҳити байналмилалӣ ва геополитикӣ мегардад ин метавонад ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва барои рушди саноати сабук ва бофандагӣ таъсири ҷиддӣ расонад.*

Дар охир кайд бояд кард, ки барои рушди пахтакорӣ ва самаранокии татбики лоиҳаҳои сармоягузории хоҷагии қишлоқ мониторинг ва назорати дақиқона аз болои иҷрошии амалии давраҳои мухталифи ислоҳот ва истифодаи замин бо иштироки сохторҳои дахлдори давлатӣ ба амал бароварда шавад.

Дар асоси таҳлили маълумотҳои овардашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст. Зарурияти беҳтарнамоии раванди сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои деҳқонии пахтакор дар он аст, ки ҳиссаи зиёди маҳсулоти саноати коркардро маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ташкил медиҳад ва ин тайи солҳои таҳлилшаванда бо суръати зиёд рӯ ба афзоиш дорад. Аммо ҳаҷми истеҳсоли пахта дар ин давра бо суръати паст меафзояд. Мувофиқи пешгуиҳо то соли 2035 дар минтақа камчинии пахта бамиён меояд. Мувофиқи таҳлилҳои қиёсӣ ва пешгуикуни дар соли 2023 ҳиссаи истеҳсоли пахта нисбати маҳсулоти нассоҷӣ ба 11% баробар мебошад ин нишондиҳанда дар соли 2035 ба 2% баробар хоҳад шуд.

Сармоягузорӣ ба минтақа нисбати маҷмуи маҳсулоти минтақа 11,6% дар соли 2015 дар соли 2035 ин нишондиҳанда 14,7% баробар шудааст. Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ин давра 92,6%-и соли 2015 ба 76,7%-и соли 2023 расидаас. Барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар минтақа заминаҳои қонунгузорӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки он дар асоси воқеаҳои ҳаёти ё истеҳсолӣ тағйир дода мешавад.

Барои мустаҳакам намудани баъзаи моддӣ техникӣ, ки бештари ҳоҷагиҳои деҳқонии пахтакор норасои мекашанд, оптимизатсиякунонии майдони кишт, системаи таъминоти молиявӣ ва дигар маҷмуи тадбирҳо ба амал баровардан зарур мебошад. Бо шарофати ба истиқлолият расидани ҷумҳурӣ шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки ин имкон медиҳад, ки соҳаҳои хоҷагидори барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, савдо, хизматрасонӣ ва ғайраҳо васеъ гардонида шавад. Таҳқиқоти сармоягузорӣ дар соҳаҳои парвариш, истеҳсол ва коркарди ҳосили пахта бо фаъолияти якҷояи сармоягузорӣ натиҷаи мусби хоҳад дод.

Дар баробари ин мушкилоти таъмини ҳосилхезии замин, ҳолати мелиоративии замин ва таъмини техникаи зарурии хоҷагии кишоварзӣ мавҷуд мебошад. Барои ҳалли ин муаммоҳо таҳқиқи амиқи илман асоснок лозим аст. Аз таҷрибаи таърихӣ ва хориҷӣ истифода бурда бо дастгирии давлати дар бахши хусусӣ, барномаҳою татбирҳои кулли оид ба ҳавастмандгардонии сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ вилояти Хатлон имтиёзҳои андозӣ ва ё гумрукӣ хеле муҳим арзёби карда мешавад.

Таҳтқиқоти гузаронидашуда оид ба мукаммалгардонии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакории хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон ба мо имкон дод, ки доир ба масъалаҳои барасишуда як қатор хулоса ва пешниҳодҳо иброз намоем:

¬ Раванди ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи пахтакории минтақа дар шароити душвор, дар сурати мавҷуд набудани таъсири давлатӣ идома дорад. Дар шароити муосир инкишофёбии соҳаи пахтакорӣ бо чунин ҳолатҳои депресивӣ алақаманд аст: камшавии ҳаҷми истеҳсолот, вайроншавии хати технологӣ-кооперативӣ, системаи харидӣ маҳсулоти кишоварзӣ. Ин нишондиҳандаҳо бе восита ба пасит шавии самаранокии парвариш ва коркарди пахта оварда расонидааст.

¬ Ҳаҷм ва шиддатнокии сармоягузориро метавон ҳамчун меъёри рушди устуворӣ иқтисодии соҳавӣ қабул кард. Дар алоқаманди ба соҳаи пахтакори

фаъолияти сармоягузорӣ хусусиятҳои ба худ хосро дорад, ҳангоми сармоягузории соҳа ҳисобкардани шиддатнокӣ ва самаранокии он бояд ба назар гирифта шавад.

¬ Дар шароити муосир дигаргуиҳои иҷтимоӣ-иқтисодии соҳаи пахтакорӣ бо хусусиятҳои зерин аз ҳамдигар фарқ мекунад: Тағйирёбии шароити иҷтимою-иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии идоракунии корхона, ташкилотҳои коркарди пахта; Самаранокии пасти парвариш дар хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ; муносибатҳои ғайри қаноатбахши молиявию қарзии хоҷагиҳои деҳқонии пахтакорӣ минтақа; номуайянии дастгирии истеҳсолоти давлатӣ.

¬ Таҳлили низоми муосири муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дурнамоии рушди пахтакорӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи саноати сабук баҳисоб меравад, дар асоси неруи истеҳсолӣ, молиявӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва ҳолати воқеи муайян кардашуда, пешниҳод карда мешавад, ки сармоягузориҳо вобаста ба ҳадафи стратегӣ таҳия ва гуруҳбанди карда шавад. Дар ин ҳолат имкониятҳои имконпазири сармоягузорӣ ба як низоми муайян пайвастшуда, муносибатҳои байни шарикони лоиҳа дақиқ дарк карда мешавад.

¬ Дар айни замон самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ барои таъмини суръати рушди пахтакорӣ нокифоя аст. Яке аз марҳилаҳои муҳимтарин таҳияи механизми баландбардории самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши пахтакории кишоварзӣ ин муайян кардани сатҳи муайянӣ сармоя, ки метавонад ҳам боиси афзоиши сармоягузорӣ гардад ва ҳам боиси самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои пахтакорро тавсиф намояд.

¬ Рушди сармоягузорӣ дар бахши пахтакории хоҷагиҳои деҳқонии минтақа барои ворид намудани техника ва технологияи замонавӣ, ва таъмини нуриҳои менералию тухмии баланд сифат ва ҳамоҳангсозии байни соҳаҳои хусусӣ бо дастгирии давлатӣ мебошад.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Натиҷаҳои асосии илмии рисолаи илмӣ

Ҳамин тавр, таҳқиқоти дар доираи диссертатсия анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки нуктаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ба таври зерин пешниҳод карда шаванд:

1. Дар рафти омӯзиш пайдоиши назарияҳо оид ба маблаггузорӣ ва сармоягузорӣ ақидаҳои олимони классики илми иқтисодӣ, олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мавзуи мазкур таҳқиқ гардидааст. Сармоягузорӣ ва роҳҳои самаранок истифадабарии онҳо дар рушди иқтисодӣ, ба хусус, фаъолияти хоҷагиҳои пахтакори минтақа нуктаҳои илмии ин масъала муайян карда шудааст. Қайд карда мешавад, ки дар аксарияти мавридҳо мафҳуми сармоягузориро бо мафҳумҳои маблаггузорӣ ва сармоягузории капиталӣ омехта менамоянд. Дар ин маврид ақидаи олимони классик ва муосир омӯхта шуда, нисбати пайдоиши мафҳуми сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва маблаггузорӣ хулосаҳои илмӣ оварда шудааст. Исбот шудааст, ки сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва маблаггузорӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар як минтақа ва ё мамлакат дар шароити иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Хулоса бароварда шудааст, ки бе тезонидани фаъолияти сармоягузорӣ ва маблаггузорӣ рушди устувори соҳаи пахтакориро таъмин кардан ғайри имкон мебошад. Маблаггузории қарзӣ дар бештари соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба хусус, соҳаи кишоварзӣ мувофиқат намекунад зеро қисмати зиёди ин соҳаҳо вобаста ба вақт маҳсулот омода намуда, даромад ба даст меоваранд. Зеро дар ин мудат бояд маблағҳои асосии қарз ва подоши он баргардад. Дар ин соҳа сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ айни муддао мебошад, зеро сармоягузорӣ баъди ба анҷомрасидани лоиҳаи сармоягузорӣ дар мудати дуру дароз аз руйи ҳиссаҳо фоида мегиранд [1-М].

2. Яке аз омилҳои асосии рушди соҳаи пахтакорӣ ҳавасмандии хоҷагиҳои пахтакор – ба даст овардани фоида, илман асоснок карда шудааст. Оид ба

омилҳои самаранокии сармоягузорӣ омилҳо ба объективӣ, субективӣ ва доимию муваққатӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, омилҳои муҳими рушди соҳаи мазкур пешниҳод карда шудааст: Қайд карда шудааст, ки канда шудани робитаҳо дар истеҳсолот ва тақсимоти захираҳои моддию техникӣ, аз даст додани ҳамоҳангӣ ва набудани инфрасохтори бозор, инчунин афзоиши номутаносибии нархи маҳсулоти кишоварзӣ, молҳо ва хизматрасониҳое, ки аз ҷониби саноат пешниҳод карда мешаванд, бе сармоягузорӣ рушди самараноки соҳаи пахтакориро таъмин намудан ғайриимкон аст. Мушкилоти вусъат доданӣ самаранокии сармоягузорӣ ва омилҳои ба фазои сармоягузорӣ таъсиркунанда мушаххас карда шуда, самтҳои баланд бардоштани ҳаҷми сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои муҳити таъсиркунанда дар бахши пахтакорӣ муайян карда шудааст. Инчунин вобаста ба таъсир ва хусусияти пайдоиш омилҳои таъсирбахши фазои сармоягузорӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ имтиёзҳои сармоягузорӣ пешниҳод карда шудааст [2-М], [3-М].

3. Сармоягузорӣ кардани воситаҳои пулӣ ба соҳаи пахтакорӣ барои рушди соҳаи пахтакорӣ ва дар маҷмуъ иқтисодиёти соҳаи саноати сабук ва дӯзандагӣ такони бузург медиҳад. Таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки соҳаи пахтакорӣ яке аз соҳаҳои фоиданоки кишоварзӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ, ки имконоти бисёре барои сармоягузорист, сармоягузорон сармояро ба соҳаҳое равона мекунанд, ки фоидаи бештар ба даст оваранд ва аҳамияти ҳалкунандаи соҳаро дошта бошад. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ бояд аз рӯйи принсипи самти афзалиятнок равона карда шавад, он имкон медиҳад, то дар муддати кӯтоҳ ҳам фоидаи зиёди иқтисодиро ба даст оварад ҳам як соҳаи иқтисодиёт рушд ёбад. Барои ин зарур аст, ки лоиҳаи сармоягузорӣ бо нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокӣ таҳия карда шаванд, то имконияти баҳодиҳии ҳар як самти сармоягузориро дар марҳилаи банақшагирифташуда тавсиф намояд.

«… нишондиҳандаи самаранокии сармоягузориро аз рӯйи меъёрҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

1. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ, ки ҳамчун меъёри самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ мебошад:

- *мутлақ, ки дар он нишондиҳандаи умумӣ ҳамчун фарқияти байни арзёбии арзишии натиҷаҳо ва хароҷотҳо вобаста ба татбиқи лоиҳа муайян карда мешавад.*
- *нисбӣ, ки дар он нишондиҳандаҳои умумӣ ҳамчун таносуби арзиши натиҷаҳои лоиҳа ба хароҷоти умумӣ ба даст овардани онҳо ифода карда мешавад;*
- *муҳлатнокӣ, ки дар он давраи баргардонидани хароҷоти сармоягузорӣ арзёбӣ мешавад.*

2. Аз рӯйи усул дар вақтҳои гуногун муқоиса намудани хароҷот ва натиҷаҳои умумӣ:

- *статикӣ, ки дар он селаҳои пулӣ дар вақтҳои (лаҳзаҳо, давраҳо)-и гуногун ба вуҷуд омада, ҳамчун баробараризиш (эквивалентӣ) ҳисобида мешавад;*
- *динамикӣ, ки дар он селаҳои пулӣ дар натиҷаи татбиқи лоиҳа дар вақтҳои гуногун ба вуҷуд омада, тавассути дисконткунонӣ ба баробараризишӣ оварда шуда, муқоисашавии селаҳои пулиро таъмин мекунад» [17-М].*

Дар адабиёти иқтисодӣ таснифи меъёрии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ вобаста бо вақт оварда шудааст, яъне ҳамаи усулҳои баҳодиҳии самаранокии сармоягузориро ба усулҳои сода ва дисконти (тахфифӣ) тақсим мекунанд.

4. Аз таҳқиқот ва таҳлилҳои оварда шуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки мақсади асосии сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои пахтакор, ин фаровон кардани бозори дохилӣ, таъмин намудани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ ва ба ин васила ба даст овардани фоидаи бештар мебошад. Дар асоси мақсади мазкур сари вақт навсозии фондҳои асосӣ, пеш аз ҳама фароҳам овардани шароити мусоид ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои пахтакор мувофиқи мақсад мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки то кунун ба соҳаи мазкур дар минтақа сармоягузорӣ хеле дар сатҳи паст қарор дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳа бо дастгирии давлат, ё бо сармоягузории хусусӣ

ва ё қарзӣ фаъолияти назаррас дорад. Тавре маълум гашт, ҳиссаи зиёди аҳолии минтақа дар деҳот умр ба сар мебаранд. Рушди соҳаи мазкур омили рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амнияти озуқаворӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ, даромади аҳолӣ, амнияти сиёсӣ ва гайраҳо мегардад.

5. Тибқи таҳлилҳо бо вуҷуди он, ки ҳосилнокии заминҳои кишти пахта кам гашта бошад ҳам, сабаби дигар паст нишон додани ҳосилнокии пахта метавонад аз чунин омилҳо вобаста бошад:

- *дар баъзе ҳолатҳо, мушоҳидаҳои мо нишон медиҳад, ки маълумотҳои носаҳеҳи оморӣ аз ҷониби хоҷагиҳои пахтакор пешниҳод карда мешавад;*
- *дар заминҳое пахта кишт карда мешавад, ки сатҳи обҳои зеризамини зиёд буда, ҳолати мелоративии замин қобилияти руёнидани хосили зиёдро надорад;*
- *бо сабаби норасоии техника ва технологияи парвариши пахта коркарди байни қаторҳо аз рӯйи талаботҳои агротехникӣ гузаронида намешаванд, ки дар натиҷа ҳосилнокӣ кам мешавад;*
- *бинобар гароншавии нархи нуриҳои менералӣ ва аз меъёр кам пошидани ин маводҳо боиси коҳиш ёфтанӣ ҳосилнокӣ мегардад;*
- *бинобар сабаби пастшавии нархи пахта хоҷагидорон барои ҷаъоварии ҳосили он ҳавасманд набуда, ҳосили навъи 4-ум ва 5-ум дар заминҳо боқӣ мемонад;*
- *бинобар номукаммал будани механизми давлатии дастгирии хоҷагиҳои пахтакор таваҷҷуҳи онҳо барои кишти пахта коҳишёфта истодааст;*

6. Мувофиқи омилҳои номбаргардида, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ тариқи амрдиҳӣ пеш бурдани фаъолияти иқтисодӣ басо мушкил мебошад, зеро дилхоҳ фаъолияти иқтисодӣ мустаққилияти комилро дар асоси ба даст овардани фоида ё манфиатҳои шахсӣ ба роҳ мемонад. Дар ин хусус барои рушди ин соҳа сармоягузорон бо хоҷагиҳои пахтакор бояд дар асоси манфиати тарафайн фаъолият намоянд. Бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ба сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ ва фаъолнокии шарикии давлат бо бахши хусусӣ ниёз дошта, бо вуҷуди ин дар

ҳолати рушд қарор дорад ва сармоягузорӣ ба ин соҳа муҳим баҳо дода мешавад [6,7,20-М].

7. Дар асоси таҳқиқотҳои дар диссертатсияи ба анҷом расонидашуда роҳҳои беҳтар намудани раванди сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон пешниҳод гардидааст. Яке аз муҳимтарин омилҳои беҳтар намудани сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакории вилояти Хатлон ин ҳамкории корхонаҳои коркард ва ё ширкатҳои содироткунандаи пахта бо хоҷагиҳои пахтакор мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки пахта ва маҳсулоти коркарди он зиёда аз 50 фисади содироти вилояти Хатлонро ташкил менамояд (нигар ба ҷадвали 4.).

Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда яке аз роҳҳои беҳтар намудани сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои пахтакор ин муайян намудани талаботи бозор ба маҳсулоти содиротшаванда буда, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ба пахта ё маҳсулоти пахтагин талабот ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар зиёд мебошад. Яке аз роҳҳои асосии ноил гардидан ба устувории иқтисодиёти минтақа ин ба роҳ мондани коркарди ниҳоии пахтаи хоми ҷамъоваришуда мебошад, ки бе сармоягузорӣ ва фаъолияти рафиқонаи соҳибкорӣ дар ин соҳа гайриимкон аст [15-М]

8. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлил низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ ба фаъолияти хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон муайян намудем, ки таҳлили чунин нишондиҳандаҳо ҳатмӣ мебошад:

- тавсифи ҳолати воқеии хоҷагиҳои пахтакори минтақа бо иттилооти саҳеҳ ҳамчун иттилооти базавӣ барои муқоисаи нишондиҳандаҳои лоиҳаи сармоягузорӣ;

- ҷамъбаст, коркард ва таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои самаранокии сармоягузории хоҷагиҳои пахтакор;

- таҳлили динамикии сармоягузорӣ ва омилҳои ба он таъсиркунандаи бахши пахтакории хоҷагиҳо [5-М].

9. Сармоягузорӣ дар соли 2015, 11,6%-и маҷмӯи маҳсулоти минтақаро ташкил дода, дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 8,25% баробар гардидааст.

Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ин давра аз 92,6%-и соли 2015 ба 68,4% соли 2025 коҳиш ёфтааст. Барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар минтақа заминаҳои қонунгузорӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Аз ин рӯ вусъат додани сармоягузорӣ ба соҳаи мазкур мувофиқи мақсад мебошад.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:

1. Дар асоси таҳқиқот ва таҳлили маълумотҳои овардашуда вобаста ба самаранок истифода бурдани сармоягузориҳо дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ва мушкилоти сармоягузорӣ чунин тавсия ва пешниҳодҳо карда мешавад, ки боиси рушди соҳаи мазкур хоҳад гардид:

- бо назардошти он, ки ҳиссаи зиёди маҳсулоти саноати коркарди минтақаро маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ташкил медиҳад ва истеҳсоли онҳо тайи солҳои таҳлилшаванда бо суръати баланд рӯ ба афзоиш дорад ва ин раванд тақозо менамояд,ки ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ зиёд карда шавад;

- ҳаҷми истеҳсоли пахта дар давраи таҳлилӣ бо суръати паст меафзояд. Дар ин давра агар суръати афзоиши ҳаҷми маҳсулотӣ саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 13%-ро ташкил дода бошад, пас суръати афзоиши истеҳсоли пахта 2,2%-ро ташкил медиҳад. Дар ҳолати тағйир наёфтани ин тамоюл мувофиқи ҳисобҳои мо дар соли 2035 норасоии пахта ҳамчун ашёи хоми саноати сабук ба чашм мерасад. Ин раванд мубрам будани сармоягузориро ба соҳаи мазкур тасдиқ мекунад;

- пахта ягона маҳсулоти кишоварзиест, ки нигоҳдории минбаъдаи он дар муддати дуру дароз хароҷоти зиёди иловагиро талаб накарда дар дохил ва хориҷӣ кишвар харидорони зиёд дорад ва ин ҳолат ҷолибнокии сармоягузориро ба соҳаи мазкур таъмин менамояд;

- пахта ягона маҳсулоти зироатии техникӣ мебошад ва аз он номгӯйи зиёди маҳсулотҳо бе партов истеҳсол карда мешаванд, ки хавфи сармоягузориро ба соҳаи мазкур коҳиш медиҳад.

2. Сатҳи пасти пояи моддию техникӣ аксарияти хоҷагиҳои пахтакор талаб менамояд. ки оптимизатсиякунонии майдонҳои кишт, низоми

таъминоти молиявӣ ва маҷмӯи тадбирҳоро талаб менамояд. Пешниҳод карда мешавад, ки парки хизматрасонии техникии пулакӣ дар ноҳияҳо таъсис дода шавад.

3. Барои ҳалли мушкилоти баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои кишти пахта, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин ва таъмини техникаи зарурии хоҷагиҳои пахтакории мавҷуда, барномаи давлатии дастгирии рушди хоҷагиҳои пахтакор таҳия карда шавад. Инчунин, имтиёзҳои мавҷудаи андозӣ ва ғайриандозӣ дар соҳаи пахтакорӣ такмил дода шавад.

4. Раванди ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи пахтакории минтақа дар шароити мураккаб ва танзими нокифояи давлатӣ идома дорад. Дар шароити муосир инкишофёбии соҳаи пахтакорӣ бо чунин ҳолатҳои депрессивӣ алоқаманд аст: камшавии ҳаҷми истеҳсолот, вайроншавии хати технологӣ-кооперативӣ, системаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ. Ин нишондиҳандаҳо бевосита ба пастшавии самаранокии парвариш ва коркарди пахта оварда расонидаанд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки комиссияи махсус аз ҷониби ҳукуматҳои маҳаллӣ барои санҷиши самаранокии хоҷагиҳои пахтакор ташкил карда шавад [12-М].

5. «…ҳаҷм ва шиддатнокии сармоягузориро метавон ҳамчун меъёри рушди устувори иқтисодии соҳавӣ қабул кард. Дар алоқамандӣ ба соҳаи пахтакорӣ сармоягузорӣ хусусиятҳои ба худ хосро дорад, ҳангоми сармоягузориҳои соҳа ҳисоб кардани шиддатнокӣ ва самаранокии он бояд ба назар гирифта шавад. Дар ин ҳолат пешниҳод карда мешавад, ки дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии соҳаи пахтакорӣ бо хусусиятҳои зерин ба назар гирифта шавад: тағйирёбии шароити иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии идоракунии корхона, ташкилотҳои коркарди пахта; самаранокии пасти парвариш дар хоҷагиҳои пахтакорӣ; ғайриқаноатбахш будани муносибатҳои молиявию қарзии хоҷагиҳои пахтакории минтақа; номуайянии дастгирии давлатии истеҳсолот» [16-М].

6. Таҳлили низоми муосири муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дурнамоии рушди пахтакорӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи саноати

сабук ба ҳисоб меравад, дар асоси нерӯи истеҳсолӣ, молиявӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва ҳолати воқеӣ муайян карда шуда, пешниҳод карда мешавад, ки сармоягузориҳо вобаста ба ҳадафи стратегӣ таҳия ва гуруҳбандӣ карда шаванд. Дар ин ҳолат имкониятҳои имконпазири сармоягузорӣ ба як системаи муайян пайваст шуда, муносибатҳои байни шариконии лоиҳа дақиқ дарк карда мешавад.

7. «…дар айни замон самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ барои таъмини рушди соҳаи пахтакорӣ нокифоя аст. Яке аз марҳилаҳои муҳимтарин таҳияи механизми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши пахтакории кишоварзӣ - ин муайян кардани сатҳи кофии сармоя мебошад, ки метавонад ҳам боиси афзоиши сармоягузорӣ гардад ва ҳам боиси самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои пахтакорро таъмин намояд» [16-М].

8. Рушди сармоягузорӣ дар бахши пахтакории хоҷагиҳои пахтакори минтақа барои ворид намудани техника ва технологияи замонавӣ, таъмини нуриҳои менералию тухмии баландсифат ва ҳамоҳангсозии байни соҳаҳои хусусӣ бо дастгирии давлатӣ ба амал оварда шавад.

9. Яке аз роҳҳои бартарраф намудани муаммоҳои норасоии техника, технология ва таъмини захираҳои молиявии хоҷагиҳои пахтакор ба роҳ мондани рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар асоси шартҳои исломӣ мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакории КАС минтақа бо шартҳои исломӣ зиёд карда шаванд[10-М].

Дар амал татбиқ намудани пешниҳодҳои диссертатсияи мазкур ҷиҳати бартараф намудани мушкилотҳои қайдгардида бо роҳи баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳо дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон барои пешрафти иқтисодиёт, рушди истеҳсолот ва татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати мамлакат заминаи назаррас хоҳад гузошт.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ:

[1]. АМОҶТ с.2016,№3, мод.142.

[2]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, ш. Душанбе, 26 декабри соли 2011, №782.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ”, ш. Душанбе, 5 марти соли 2007, №237.

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд”, ш. Душанбе, 23 апрели соли 2002, №275.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, ш. Душанбе, 3 марти соли 2006, №170.

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ”, ш. Душанбе, 5 марти соли 2007, №234.

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ”, ш. Душанбе, 28 феврали соли 2013, №468.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри тиҷоратӣ”, ш. Душанбе, 18 июнӣ соли 2008, №403.

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”, ш. Душанбе, 15 марти соли 2016, №1299.

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, ш. Душанбе, 17 майи соли 2004, №24.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консессияҳо”, ш. Душанбе, 15 майи соли 1997, №430.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, ш. Душанбе, 17 майи соли 2004, №37.

[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шиҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ш. Душанбе, 1 феврали соли 1996, №231.

[14]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсонӣ ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ”, ш. Душанбе, 19 майи соли 2009, №508.

[15]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, ш. Душанбе, аз 29 декабри соли 2010, №681.

[16]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақа”, ш. Душанбе, 19 марти соли 2013, №955.

[17]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ”, ш. Душанбе, 13 декабри соли 1997, №517.

[18]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ”, ш. Душанбе, 12 январи соли 2010, №595.

[19]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ”, ш. Душанбе, 3 июни соли 2012, №860.

[20]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, ш. Душанбе, 2 августи соли 2011, №758.

[21]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ш. Душанбе, 18 июни соли 2008, №408.

[22]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи мутақобила”, ш. Душанбе, 5 августи соли 2009, №540.

[23]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъалаҳои тартиби гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин”, ш. Душанбе, 2 марти соли 2013, №89.

[24]. Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ” аз 30.05.2017 № 1435.

[25]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, 17 декабри соли 2021, №2017

[26]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2023, озодкунӣ аз андоз модаи 189, қисми – 2.

2.Стратегия ва барномаҳои давлатӣ:

[27]. Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Душанбе -2016 Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, №678 тасдиқ шудааст.

[28]. Барномаи беҳтаргардонии ҷолибияти самоягузорӣ ба соҳаи истифодабарии қаъри заминдар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №385 тасдиқ шудааст.

[29]. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, № 383 тасдиқ шудааст.

[30]. Барномаи рушди миёнамуҳлати Ассостсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон барои давраи то соли 2020. 12.06.2017.

[31]. Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №755 тасдиқ шудааст.

[32]. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2012, №1030 тасдиқ шудааст.

[33]. Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, № 593 тасдиқ шудааст.

[34]. Стратегияи пасткарданисатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012. Душанбе – 2010.

[35]. Стратегияи рушди Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсонӣ воқеӣ барои солҳои 2017-2022. Душанбе – 2017.

[36]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст.

3. Баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[37]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 январи соли 2016. [Захираи электронӣ]//www.president.tj

[38]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 январи соли 2020 [Захираи электронӣ]//www.president.tj

4.Маводҳои оморӣ:

[39]. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷмӯаи оморӣ. АОНПҶТ, – Душанбе, 2024.– 369 саҳ.

[40]. Малумоти сарраёсати кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024,

[41]. Маълумотнома оид ба воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://investcom.tj/

[42]. Маълумотнома оид ба воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://investcom.tj/

[43]. Маълумоти Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг”

[44]. Омори солонаи вилояти Хатлон. Маҷмӯаи оморӣ. САОНПҶТВХ, – Душанбе, 2024.– 255 саҳ

[45]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. АОНПҶТ, – Душанбе, 2023.– 419 саҳ.

[46]. Пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – АОНПҶТ, Душанбе, 2024.– 65 саҳ.

[47]. Ҳисоботи хоҷагии деҳқонии пахтакорӣ «Қаноат»-и ноҳияи А.Ҷомӣ вилояти Хатлон, 2023с.

[48]. Ҳисобот оиди коркарди нахи пахта ҶДММ ИИ «Нассоҷи тоҷик», 2023с.

4. Захираҳои электронӣ:

[49]. https://scretmag.ru

[50]. https://ru.wikipedia.org/wiki/

[51]. https://investcom.tj/

Монографияҳо, китоби дарсӣ, воситаҳои таълимӣ:

[52]. А.В. Меньшенина Инвестиции: Конспект лекций (для студентов специальности 060400 «Финансы и кредит») / сост. А.В. Меньшенина.- Омск: Изд-во ОмГУ. – 2005. - 79 с.

[53]. Багатырев А.Г. Инвестиционное право М., 1992. 272с.

[54]. Барфиев Қ.Х.Таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2017. С. 5.

[55]. Белоусов В.И. Финансовая и инвестиционная стратегия / В.И. Белоусов, А.В. Белоусов. – Воронеж: Истоки, 2004. – 304с.

[56]. Бланк И. А. Инвестиционный менеджмент / И. А. Бланк. – М. : Эльга, Ника-Центр, 2001. – 448 с.

[57]. Борисов, А. Б. Большой экономический словарь / А.Б. Борисов. – М. : Книжный мир, 2004. – 860 с.

[58]. Виленский П.Л. Оценка эффективности инвестиционных проектов: Теория и практика / П.Л. Виленский, В.Н. Лившиц, С.А. Смоляк. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Дело, 2002. – 888с.

[59]. Водяников В.Т. Экономическая оценка инвестиций в агропромышленном комплексе: Учебное пособие / В.Т. Водяников, Д.Ю. Судник. – М.: ЮРКНИГА, 2004. – 200с.

[60]. Гитман, Л. Дж. Основы инвестирования / Л. Дж. Гитман, М. Д. Джонк. – М. : Дело, 1997. – 1008 с.

[61]. В. Экономика предприятия пищевой промышленности / А.В. Гордеев, О.А. Масленникова, С.В. Донскова. – М. : Агроконсалт. - 2003. - 616 с.

[62]. Джон Д. Даниельс, Ли Х. Радеба. «Международный бизнес: внешняя среда и деловые операции». 1994. с.86.

[63]. Долан, Э. Дж. Рынок: микроэкономическая модель / Э. Дж. Долан, Д. Е. Линдсей. – СПб., 1992. – 496 с.

[64]. И. Н. Буздалов, В. Е. Афонина Методологические аспекты анализа понятия «инвестиции» / И. Н. Буздалов, В. Е. Афонина // Известия ПГПУ им. В.Г. Белинского. – 2012. – № 28. – С. 261-265.

[65]. Инвестиционная стратегия / Ю.А. Корчагин-Ростов н/Д: Феникс, 2006.-316с (высшее образование)

[66]. Информационное обеспечение управления конкуретноспособностью // Под ред. проф. С.Г.Светунькова. --- www.Marketing.spb.ru

[67]. История экономических учений: учебное пособие / под ред. В. Автономова, О. Ананьина, Н. Макашевой. М.: ИНФРА-М, 2004. 304 с.

[68]. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили иқтисодӣ. Васоити таълимӣ. –Душанбе, Ирфон, 2005. –,С. 8.

[69]. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости процента и денег: пер.Любимов Н. М.: АСТ, 2022. – 544 с.

[70]. Кейнс, Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж. М. Кейнц. – М. : Прогресс, 1978. – 444 с.

[71]. Коммерческое (предпринимательское право) право / под ред. В. Ф. Попондопуло. М., 2009. Т. 2. 601 с.

[72]. Макконел, К. Р. Экономика: принципы, проблемы и политика / К. Р. Макконел, С. Л. Брю. – М. : Инфра-М., 2013. – Т. 1. – 400 с.

[73]. Макконнелл К., Брю С. Экономикс. М., 2003. 972с.

[74]. Массе П. Критерии и методы оптимального определения капиталовложений. М., 1971. 503 с.

[75]. Метелев С.Е. Чижик В.П. Елкин С.Е. Калинина Н.М. Инвестиционный менеджмент. – Омск. – 2013. - С. 236.

[76]. Минаков, И. А. Экономика сельскохозяйственного предприятия / И. А. Минаков, Л. А. Сабетова, Н. И. Куликов. – М. : Колосс, 2004. – 528 с.

[77]. Мирзоалиев А.А., Аминов Ф.И., Мастонов Қ.П., Абдуллоев З.А. Менеҷменти стратегӣ. Душанбе ҶДММ Бебок 2013. Саҳ 143.

[78]. Низомава Т.Д., Комилов С.Ҷ. Иқтисоди корхона .–Душанбе -2001.338с.

[79]. Пармакли Д. М., Тодорич Л. П., Дудогло Т. Д., Яниогло А. И. Эффективность землепользования: теория, методика, практика: монография. Комрат: Tipogr. «Centrografic», 2015. 176 с.

[80]. Портер М. Международная конкуренция. М.: Международные отношения. 2003. 256 с.

[81]. Раҳимов Р.К. Назарияи иқтисодӣ. маҷмуи конспектҳо.- Душанбе: Ирфон 2010 саҳ 401.

[82]. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. - Душанбе: «Ирфон», 2005. - 179 с.

[83]. Сергей Анатольевич Фролов. Исторические предпосылки залога земли сельскохозяйственного назначения ст.318.

[84]. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Эксмо. 2007. 960 с

[85]. Стиглер Дж. Совершенная конкуренция: исторический ракурс // Вехи экономической мысли: теория фирмы: В 3 т. / под ред. В. М. Гальперина. СПб.: Экон. шк., 2000. Т. 2. С. 300.

[86]. Тошмаов М.Н., Қаландаров И.Э., Тошматова З.М., Шокаримов Б., Арбобов С.С., Хайруллоев Ф.Н. Дастури таълимӣ-методӣ аз фанни “Омор” барои донишҷӯёни равияи иқтисодӣ – Душанбе: 2020.-73с.

[87]. Управление инвестициями. В 2-х т. / В. В. Шеремет [и др]. – М. : Высшая школа, 1998. Т. 1. – 416 с.

[88]. Фишер, С. Экономика / С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи. – М. : Дело ЛТД, 1993. – 864 с.

[89]. Харитаи технологии зироатҳои кишоварзӣ// Муассисаи давлатии «Стансияи ҷумҳуриявии меъёрию таҳқиқотии меҳнат». Душанбе-2022с. 102саҳ.

[90]. Шарп Уильям Ф., Александер Гордон Дж., Бейли Джеффри В. Инвестиции. М., 2003. 1027 с.

[91]. Шумпетер, Й. А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия : пер. с нем. и англ. / Й. А. Шумпетер. - М. : Эксмо, 2007. - 862 с.

[92]. Шарифов З. Р., Толибов Р.Ш. Моҳияти иқтисодии сармоя ва рушди низоми сармоягузорӣ дар КАС [Матн] / Шарифов З. Р., Толибов Р.Ш. // Кишоварз.

Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур -Душанбе, 2020.-№2. (87).- С. 130-135. ISSN 2074 – 5435.

[93]. Экономика фирмы: учебник для вузов / под ред. В.Я. Горфинкеля. – М.: Издательство Юрайт, 2011.– 679 с.

Мақолаҳо ва маърузаҳо:

[94]. А.Р. Трубицин. Теория Й. Шумпетера и отношения инвестиционной активности экономических субъектов// Вестн. Волгогр. гос. ун-та. Сер. 3, Экон. Экол. - 2010. №217). - С. 45-51.

[95]. Абалкин Л.И. Страна располагает всеми условиями для вывода экономики на путь устойчивого роста // Экономист. 1996. №1. - С. 3-9.

[96]. Алесанов Д.С. Бизнес-план инвестиционного проекта в АПК и оценка проекта с позиций национальной экономики / Д.С. Алексанов // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий, 2006. – №4. – С.38-42.

[97]. Андреев В.А. Особенности инвестирования в инновационные компании // Финансы. - 2009. - №10.

[98]. Бронштейн Е. М. О показателях эффективности инвестиционных проектов / Е. М. Бронштейн // Экономика и математические методы. - 2008. - Т. 44, №1. - С. 137-141.

[99]. Каюмов Н.К. К вопросу об угрозах экономической безопасности Таджикистана. //Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, №1, 2006. - С. 83.

[100]. Комилов С. Дж., Гафаров Ф.М. Теоретические подходы к определению сущности инвестиций и инвестиционного потенциала региона// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2014. - № 2/1 (217). - С.13.

[101]. Курбонова Ф.Х., Султонов З.С. Формирование инфраструктурного обеспечения и развитие государственночастного партнерства в сфере услуг в регионах Таджикистана // Вестник ТГУПБП. 2017. №2.

[102]. М. Исломӣ ва Бердиев Р.Б. Региональные кластеры как средство активизации и совершенствования инновационной среды на примере региона

центральных районов Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета. Серия социальноэкономических и общественных наук. 2018. - №1. - С. 145.

[103]. Мадаминов А.А., Исломов Г.Х., Джаборов А.Т., Шералиева М. Эффективность использования инвестиций в дехканских (фермерских) хозяйствах// Кишоварз, №2, 2015. - С. 63.

[104]. Майкл Портер. Международная конкуреция. Москва. : 1993. с.51-58.

[105]. Маховскива Г.А., Кантор В.Г. Инвестиционный процесс на предприятии. – СПб: Питнр, 2001.-[ст. 7].

[106]. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиклолӣ ва ташаккули иқтисоди миллӣ-Хуҷанд, 2007, - 250 с.

[107]. Махкамов Б.Б. Механизмы улучшения предпринимательского климата и инвестиционной привлекательности на примере легкой промышленности Таджикистана//Таджикистан и современный мир. 2018. № 3 (62). С. 155

[108]. Мустафаев А. А. Методология оценки инвестиций в АПК // Современные технологии управления. 2014. № 4 (40). Номер статьи: 4004; URL: https: //elibrary.ru /item.aspid =21733178.

[109]. Одинаев Ш.Т., Раджабов Ш.Х., Музаффаров Б.С. Инвестиционная привлекательность регионов: особенности и пути достижения//Вестник Таджикского национально университета. - Душанбе: «СИНО», 2013. - № 2/5(85). - С.256-258.

[110]. Р.К. Раҳимов. Теоретические вопросыстратегии развития экономики РТ в переходный период. Экономика Таджикистана: стратегия развития. -2001.-№2. Душанбе. с.73.

[111]. Разыков В.А., Рахимов Ш.М., Сафаров С.Г. Инвестиционная политика Республики Таджикистан и основные пути её активизации. Новосибирск, Сарпараст, 2001. –С. 23.

[112]. Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ/Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана Журнал «Экономика Таджикистана» саҳ 49-60.

[113]. Саидмуродов Л.Х., Мукаддасзода Ф.М. Концептуальные подходы и теоретические основы государственночастного партнерства в сфере рыночных услуг // Вестник ТГУПБП. 2017.

[114]. Самадов И.Г., Холов Р.М. Оценка стратегического управления развитием предприятий АПК// Вестник Курган-тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал). Курган-Тюбе. 2017, №1-3 (47). - С. 248.

[115]. Тошматов М.Н. Динамика, структура и масштабы прилечения иностранных инвестиций в экономику РТ за годы государственной независимости. Таджикистан и современный мир. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, № 3, Душанбе, 2016.- С.37-49.

[116]. Тошматов М.Н. Таҳлил ва синтези равишҳои назариявӣ ба категорияи калидии иқтисоди "Сармоягузорӣ" // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 1(44).- Душанбе, 2021 –- С.177-189.

[117]. Тошматов М.Н. Абдулфайзов А.А, Қаландаров И.Э. Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии, №3 (ч.4), 2017 г стр.171-179.

[118]. Холов Т.А. Асосҳои назариявии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ // паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав1/4(80).- Бохтар, 2020 –- С.174-178.

Диссертатсия ва авторефератҳо:

[119]. Қудратова Ф.Р. Самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дисс. барои дарё. дараҷ.илмии н.и.и.. –Душанбе . 2025. -С.7

[120]. Насимова М.А. Повышение инвестиционной привлекательности полюсов и точек роста в региональной экономике (на примере Согдийской области РТ): диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Насимова Машхурахон Абдуллоджановна;[Место защиты: Диссертационный совет 6D.КОА-023 при ТГУПБП].- Худжанд, 2019.- 159 с.

[121]. Раҳмонзода Д. Р. Такмили агромаркетинги маҳсулотҳои кишоварзии Тоҷикистон. Автор.дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. 2025. –С.35.

[122]. Розиев Д.А. Баландбардории ҷолибияти сармоягузории саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. 2022-183с.

[123]. Сафоев А.К. Развитие механизма управления региональными инвестиционными проектами (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан): диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Сафоев Абдумаджид Каримович. Место защиты: Институт предпринимательства и сервиса].- Душанбе, 2014.- 173 с.

[124]. Тагоев Дж.Х. Проблемы активизации инвестиционной деятельности предприятий (на материалах аграрного сектора Республики Таджикистан). Автореферат диссертации. Душанбе, 2004. 24 с.

[125]. Хусейн Рузибой Гульмуродович, Диссертация. на соискание ученой степени кандидата экономических наук Повышение экономической эффективности производства и первичной переработки хлопка-сырца в регионе. Душанбе -2014. саҳ. 35 с.

[126]. Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр Масалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгазории Ҷумҳурии Тоҷикистон Автореферат барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафаи (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 2025. - 51 с.

[127]. Ҳикматов У.С. Проблемы формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан: автореферат дис. ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Тадж. гос. ун-т коммерции. - Душанбе, 2006. -С. 5.400.

[128]. Четыз, Асфар Амерзанович. Совершенствование экономических механизмов регулирования инвестиционной деятельности в региональном АПК: На примере Республики Адыгея. Диссертации кандидат экономических наук по специалносты 08.00.05,. Республики Адыгея, 2004. - 179 с.

[129]. Яқубзода М.С. Танзими андозбандӣ ва таъсири он ба фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Автореферат барои

дарёфти дараҷаи доктори фалсафаи (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия. Душанбе, 2021. - 64 с.

Номгуи мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Расия чоп шудаанд:

[1-М]. Қаландаров И.Э. Ҷанбаҳои назариявии масоили сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, маблағгузорӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодӣ [Матн] / Тошматов М.Н., Қаландаров И.Э. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон - № 2(49), -Душанбе: ДТТ, 2022. с.224-233. ISSN 2707-8000

[2-М]. Қаландаров И.Э. Омилҳои баландбардории самаранокии сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ [Матн] / Қаландаров И.Э. Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон - № 1(49), -Душанбе: ДТТ, 2023. с.224-233. ISSN 2707-8000

[3-М]. Қаландаров И.Э. Фазои сармоягузорӣ ва омилҳои таъсирбахши он дар шароити муосир [Матн] / Қаландаров И.Э. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон - № 2(46), -Душанбе: ДДТТ, 2023. с.224-233. ISSN 2308-054X

[4-М]. Қаландаров И.Э. Нақши сармоягузориҳо дар рушди пахтакорӣ ва инкишофи фаъолияти соҳибкорӣи хоҷагиҳои деҳконии вилояти Хатлон. [Матн] / Қаландаров И.Э., Сатторов А.А. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъияти Паёми ДМТ (ВАК) с. 2019№7 С. 173-177. ISSN 2413-7171

[5-М]. Қаландаров И.Э. Сармоягузории хориҷӣ ҳамчун равияи асосии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Қаландаров И.Э., Досиев М.Н., Хайруллоев Ф.Н., Сафоев Ҳ.С. Паёми ДТТ 1(32) 2018 Душанбе саҳ. 78-81. ISBN 978-99947-0-022-6

[6-М]. Қаландаров И.Э. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Қаландаров И.Э., Дадаҷонова Н.М.. Сафоев Ҳ.С. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъияти Паёми ДМТ с. 2017№2/8 С. 151-153. ISSN 2413-5151

[7-М]. Қаландаров И.Э. Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ бо мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ ва ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ. [Матн] / Қаландаров

И.Э., Ҳ.С.Сафоев, Ф.Мирзоахмедов, Н.М.Додоҷонова. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъияти Паёми ДМТ (ВАК) 2017№2/9 Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума 2017 саҳ. 56-59. ISSN 2413-5151

[8-М]. Қаландаров И.Э. Истеҳсоли пахта ва самаранокии он дар тоҷикистон. [Матн] / И.Э., Қаландаров, З.Р.Шарифов, Ф.З. Шарифов. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъияти Паёми ДМТ 2/3 (201) с. 2017 С.141-146, ISSN 2413-5151

[9-М]. Қаландаров И.Э. Идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Қаландаров И.Э., Хайрулоев Ф.Н., Абдулфайзов А.А. Паёми ДТТ 1(28) 2017 саҳ. 113-118. ISBN 978-99947-0-022-6

[10-М]. Қаландаров И.Э. Обеспечение финансовыми ресурсами агропромышленного комплекса Республики Таджикистан на основе инвестирования по исламским принципам. [Матн] / Қаландаров И.Э., Тошматов М.Н. Абдулфайзов А.А Научный журнал «Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, техника» №3 (ч 4), 2017г. Санкт-Петербургский государственный экономический университет, Росия. ISSN 2412-883X

[11-М]. Қаландаров И.Э. Сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозоргонӣ. [Матн] / Қаландаров И.Э., Сафоев Ҳ.С. Ғозиев М.Н. Паёми ДТТ 1(28) 2017 Душанбе саҳ. 78-82. ISBN 978-99947-0-022-6

[12-М]. Қаландаров И.Э. Аҳамияти сармоягузориҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣи хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Қаландаров И.Э., Хайруллоев Ф.Н., Абдулфайзов А.А.. Паёми ДТТ 2(37) 2019 Душанбе саҳ. 121-125. ISBN 978-99947-0-022-6

[13-М]. Қаландаров И.Э. Хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон [Матн] / Қаландаров И.Э., Маликов Ф.А. Паёми ДТТ 1(60) 2025 Душанбе саҳ. 251-256. ISSN 2707-8000

[14-М]. Қаландаров И.Э. Таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор [Матн] / Тошматов М.Н., Қаландаров И.Э. Паёми ДТТ 3(62) 2025 Душанбе саҳ. 230-236. ISSN 2707-8000

II. Фишурдаи мақолаҳое, ки дар маҷмӯаи маводи конфронсия чоп шудаанд:

[15-М]. Қаландаров И.Э. Управление инвестиционными риском в коммерческом банке [Матн] / Қаландаров И.Э., Хайрулоев Ф.Н.// Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (май 2017) дар мавзӯи «Саҳми олимони ҷавон дар рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе: ДТТ, - С. 162-165.

[16-М]. Қаландаров И.Э. Инвестиционные риски и пути их минимизации в республике Таджикистана [тема] / Қаландаров И.Э., Хайрулоев Ф.Н.// Современные исследования проблем управления кадровыми ресурсами**.** Сборник научных статей II Международной научнопрактической конференции. 25 – 26 апреля 2017г.–Московский технологический университет.

[17-М]. Қаландаров И.Э. Сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозоргонӣ [Матн] / Қаландаров И.Э., Хайрулоев Ф.Н.// Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (Апрел 2017) дар мавзӯи «Таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сифати маҳсулоти ниёзи мардум дар шароити фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмони умумиҷаҳонии савдо ва иттиҳоди гумрукӣ». – Душанбе: Баҳманруд, 2016. - С. 102-113.

[18-М]. Қаландаров И.Э. Нақши сармоягузории хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қаландаров И.Э., Додоҷонова Н.М., Сафоев Ҳ.С.// Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (28-29-апрел 2017) Донишгоҳи технолонгии Тоҷикистон. – Душанбе: Баҳманруд, №1 2017. - С. 112-116.

[19-М]. Қаландаров И.Э. Аҳамияти сармоягузориҳо ба афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳаҷми маҳсулоти кишоварзии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қаландаров И.Э., Досиев М.Н.// Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (28-апрел 2018) қисми 2 дар мавзӯи «Илм ва техника барои рушди устувор Маводи конференсияи». – Душанбе: Баҳманруд, 2018. - С. 42-44.

[20-М]. Қаландаров И.Э. Рушди пахтакори ва нақши он дар иқтисодиёти муосири вилояти Хатлон [Матн] / Қаландаров И.Э. // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (24-25-апрел 2020) қисми 2 дар мавзӯи «Афзалиятҳои рақобатии иқтисоди миллӣ ҳангоми газариш ба модели навини рушди иқтисодӣ». – Душанбе: Баҳманруд, 2020. - С. 92-99.

[21-М]. Қаландаров И.Э. Таҳлил ва методҳои баҳодиҳии хавфҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ [Матн] / Қаландаров И.Э., Хайруллоев Ф.Н. // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (22-июли 2019) қисми 2 дар мавзӯи «Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо». – Душанбе: Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, 2019. - С. 92-99.